СОЗИШНОМАИ СУЛҲ ВА ВАҲДАТИ МИЛЛӢ БАРОИ ХАЛҚИ ТОҶИКИСТОН ПАЙКИ ШОДӢ, ПАЁМИ ОРОМӢ ВА НОМАИ ИҚБОЛУ САОДАТ ГАРДИД.
Эмомалӣ Раҳмон

Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,
Шавад тира аз бехирад рӯзгор.

ҲАФТАНОМА АЗ 20-УМИ ИЮЛИ СОЛИ 1932 НАШР МЕШАВАД

ОМӮЗГОР

№25 (12559)
25 июн
соли 2026

НАШРИЯИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
www.omuzgor-gazeta.tj

ПАҲНОИ СИЁСАТ



Мулоқоти Пешвои миллат бо Сарвазири Гурҷистон

19 июн дар Қасри миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Сарвазири Гурҷистон Ираклий Кобахидзе, ки бо сафари расмӣ дар раъси як ҳайати баландпояи кишвари дӯст дар Тоҷикистон қарор дорад, мулоқот намуданд.

Дар рафти музокирот ҷонибҳо ҳолати ҷорӣ ва дурнамои муносибатҳои дуҷонибаро ба таври муфассал баррасӣ намуда, перомуни масоили мубрами рӯзномаи байналмилалӣ ва минтақавӣ табодули афкор анҷом доданд.

Зимни суҳбат аҳаммияти фаъол кардани муколамаи сиёсӣ ва тамосҳои созандаи корӣ дар сатҳҳои гуногун таъкид гардида, ба тавсеаи робитаҳои байнипарлумонӣ ва тақвияти нақши дипломатияи парлумонӣ дар муносибатҳои ду кишвар ишора карда шуд.

Масъалаҳои ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодӣ дар меҳвари музокирот қарор доштанд.

Дар ин замина, масоили амалисозии лоиҳаҳои муштараки сармоягузорӣ, ташкили занҷираҳои истеҳсолӣ дар бахшҳои ояндадори иқтисодӣ, инчунин, рушди тиҷорати электронӣ баррасӣ гардид.

Истифодаи муштараки долонҳои транзитии байниминтақавӣ, ҳамкорӣ дар бахшҳои кишоварзӣ, саноати сабук, хӯрокворӣ ва дорусозӣ, роҳандозии робитаҳо дар самти навгониҳои технологӣ бо шумули зеҳни сунъӣ ва рушди иқтисоди «сабз» ҳамчун самтҳои ҳамкории судманд муайян карда шуд.

Ҳангоми баррасии масъалаҳои ҳамкорӣ дар бахши гуманитарии муносибатҳои ду кишвар, ба фаъол кардани робитаҳо дар соҳаҳои илм, маориф, сайёҳӣ, тандурустӣ, фарҳанг, сиёсати ҷавонон ва варзиш таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардид.

Бо қаноатмандӣ зикр гардид, ки дар доираи сафари расмии Сарвазири Гурҷистон бастаи калони санадҳои дуҷониба ба имзо расид, ки заминаи ҳуқуқии муносибатҳои ҳамкории ду кишварро таҳким мебахшад.

Вобаста ба ин, ба имзо расидани Созишнома дар бораи таъсиси Комиссияи муштараки байниҳукуматӣ оид ба ҳамкориҳои иқтисодӣ махсус зикр гардид.

Сарвари давлати Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар ин замина, таъкид доштанд: «Мо бар ин боварем, ки фаъолияти Комиссияи мазкур дар татбиқи тадбирҳои амалӣ ба мақсади рушди ҷанбаҳои зикргардида ва дигар самтҳои робитаҳои ду кишвар мусоидати ҳамаҷониба хоҳад намуд».

Дар рафти баррасии масоили рӯзномаи байналмилалӣ ва минтақавӣ ҷонибҳо омодагии худро барои идомаи ҳамкории созанда дар арсаи байналмилалӣ, аз ҷумла, ҳамоҳангсозии саъю талошҳо дар доираи Созмони Милали Муттаҳид ва муассисаҳои махсуси он бо таваҷҷуҳи махсус ба рӯзномаи ҷаҳонии марбут ба об ва иқлим тасдиқ карданд.

Пас аз анҷоми мулоқот Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва муҳтарам Сарвазири Гурҷистон Ираклий Кобахидзе барои намояндагони васоити ахбори омма нишасти матбуотӣ оростанд.

Таъкид гардид, ки дар доираи сафари расмии Сарвазири Гурҷистон 11 санади дуҷониба ба имзо расид, ки заминаи ҳуқуқии муносибатҳои ҳамкории ду кишварро таҳким мебахшад.

Имзои Созишнома дар бораи таъсиси Комиссияи муштараки байниҳукуматӣ оид ба ҳамкории иқтисодӣ басо муҳим дониста шуд.

Ҳуҷҷатҳои дигар соҳаҳои алоқаи ҳавоӣ, кишоварзӣ, сайёҳӣ, илму маориф, фарҳанг, варзиш, тағйирёбии иқлим ва дигар самтҳои ба ҳар ду ҷониб судбахшро фаро мегиранд.

www.president.tj

ИМЗОИ САНАДҲОИ НАВИ ҲАМКОРӢ МИЁНИ ТОҶИКИСТОН ВА ГУРҶИСТОН

19.06.2026 пас аз анҷоми музокироти расмии Тоҷикистон ва Гурҷистон маросими имзои санадҳои нави ҳамкорӣ баргузор гардид.

Санадҳои имзошуда инҳоянд:


Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ миёни Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Идораи аудити давлатии Гурҷистон;

Созишнома миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Гурҷистон оид ба алоқаи ҳавоӣ;

Ёддошти тафоҳум миёни Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Идораи аудити давлатии Гурҷистон дар самти муқовимат бо коррупсия;

Созишнома миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Гурҷистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ;

Созишнома миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Гурҷистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи маориф ва илм;



Созишнома миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Гурҷистон дар бораи таъсиси Комиссияи миёниҳукуматӣ оид ба ҳамкории иқтисодӣ;

Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи осебпазирӣ, арзёбии хавфҳо, мутобиқшавӣ ва кам кардани таъсири тағйирёбии иқлим миёни Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати ҳифзи муҳити зист ва кишоварзии Гурҷистон;

Ёддошти тафоҳум миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Гурҷистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш;

Протоколи ҳамкорӣ миёни Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати корҳои хориҷии Гурҷистон;

Ёддошти тафоҳум миёни Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати ҳифзи муҳити зист ва кишоварзии Гурҷистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ;

Ёддошти тафоҳуми ҳамкорӣ миёни Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати фарҳанги Гурҷистон дар соҳаи фарҳанг.

АМИТ «Ховар»

СОЗАНДАГӢ



Осоишгоҳ барои ятимону маъюбон дар деҳаи Шехмизон

20 июн Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар идомаи сафари корӣ ба ноҳияи Ховалинг ба деҳаи Шехмизон ташриф оварда, Осоишгоҳ барои ятимону маъюбонро, ки аз ҷониби соҳибкорони маҳаллӣ аз хонаводаҳои Каримовҳо ва Одинаевҳо ба истиқболи ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёд гардидааст, мавриди истифода қарор доданд.

Бинои осоишгоҳ аз 20 ҳуҷраи хоб, ҳуҷраҳои корӣ, толорҳои муҷаҳҳаз барои омӯзиши ҳунарҳои дӯзандагӣ, дуредгарӣ ва расмкашӣ, маҷлисгоҳ, китобхона, ҳуҷраи тиббӣ, ҳаммом ва анбор барои нигоҳдории маҳсулот иборат мебошад.

Дар ҳавлии осоишгоҳ ду ҳавзи оббозӣ, майдончаҳои футболу волейбол ва майдончаи бозии кӯдакон бунёд гардидааст, ки барои фароҳам овардани шароити мусоиди истироҳат, омӯзиш ва фароғати ятимону маъюбон мусоидат менамояд. Инчунин, дар масоҳати 40 садяк замин гармхона ташкил шудааст.

Дар Осоишгоҳ барои ятимону маъюбон 30 сокини маҳаллӣ бо кори доимӣ таъмин гардиданд. Бунёди чунин муассисаи иҷтимоӣ намунаи равшани татбиқи сиёсати иҷтимоии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, барои беҳтар гардидани шароити зиндагӣ, таълиму тарбия, нигоҳубин ва фароғати ятимону маъюбон заминаи хуб фароҳам меорад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо шароити муҳайёгардида дар ин муассисаи иҷтимоӣ шинос шуда, ба иқдоми соҳибкорони ҳиммatbаланди маҳаллӣ ва сатҳу сифати корҳои анҷомёфта баҳои баланд доданд.

Ба масъулони осоишгоҳ ҷиҳати дар сатҳи баланд ба роҳ мондани хизматрасонӣ, муҳайё намудани шароити муносиби тарбия, таъмини нигоҳубини ҳамаҷониба ва зоҳир намудани ғамхории доимӣ нисбат ба ятимону маъюбон тавсияҳо дода шуд.

Ҳамчунин, таъкид гардид, ки истифодаи дуруст ва босамари ин иншооти хуштарҳи замонавӣ дар ҳамкорӣ бо мақомоти маҳаллию ҷумҳуриявии соҳаи маориф ба роҳ монда шавад.

Ифтитоҳи иншооти ҷашнӣ дар Ховалинг



20 июн Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи сафари корӣ ба ноҳияи Ховалинг як қатор иншооти муҳимми иҷтимоӣ ва хизматрасониро ба таври фосилавӣ мавриди истифода қарор доданд.

Дар маҳаллаи Сохтмончиёни шаҳраки Мунк пас аз таъмиру навсозии пурра муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №6 ба номи Иброҳим Раҳмонзода ба истифода дода шуд. Муассиса дорои 25 синфхона, маҷлисгоҳ, толори варзишӣ ва дигар шароити зарурии таълиму тарбия буда, барои 1280 хонанда дар ду баст пешбинӣ шудааст.

Ҳамзамон, дар деҳаи Айлодара бинои нави муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №35 мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт. Иншоот аз синфхонаҳои бо васоити муҳимми таълимӣ муҷаҳҳаз ва дигар инфрасохтори зарурӣ иборат буда, барои 600 хонанда дар ду баст пешбинӣ шудааст. Лоиҳаи ин муассиса намунавӣ буда, ҳамин гуна мактабҳо аллакай дар се деҳа сохта шудааст ва тибқи нақша дар 6 деҳаи дигар низ бояд бунёд ёбад.

Бо мавриди истифода қарор гирифтани ин ду муассисаи таълимӣ дар ноҳияи Ховалинг барои қариб 2 ҳазор хонанда дар ду баст имкониятҳои нави таҳсил муҳайё гардидааст.

Дар идомаи тадбирҳо бинои нави иловагии маъмурии шуъбаи Вазорати корҳои дохилӣ дар ноҳияи Ховалинг ва майдончаи варзишии назди он ба истифода дода шуд. Иншоот аз 19 утоқи корӣ ва толори маҷлис иборат буда, бо таҷҳизоти муосири хизматрасонӣ таъмин гардидааст.

Ҳамчунин, дар деҳаи Дараи Мухтор маҷмааи варзишии нав, ки аз ҷониби соҳибкори ватанӣ Абдулло Ҳасанов бунёд ёфтааст, ифтитоҳ гардид. Маҷмаа дорои толорҳои варзишӣ, майдончаи футбол, ҳавзи шиновариӣ, ҳуҷраҳои истироҳатӣ ва дигар иншооти ёрирасон буда, ба рушди варзиш ва ташкили истироҳати фаъол нигаронида шудааст.

Ифтитоҳи иншооти мазкур идомаи тадбирҳои созандагиву бунёдкорӣ ба истиқболи ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, барои беҳтар гардидани сатҳи хизматрасониҳои иҷтимоӣ, таҳкими инфрасохтори маҳаллӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ замина фароҳам меорад.



Иштироки вазир дар Ҷаласаи даҳуми вазирони маорифи давлатҳои узви СҲШ

16-17 июни соли 2026 дар шаҳри Мински Ҷумҳурии Беларус Ҷаласаи даҳуми вазирони маорифи давлатҳои аъзои Созмони Ҳамкории Шанхай (СҲШ) баргузор гардид, ки дар кори он вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода иштирок ва суханронӣ намуд.

Ҷаласаи мазкур таҳти раёсати ҷониби Беларус доир шуда, намояндагони Ҷумҳурии Беларус, Ҷумҳурии Ҳиндустон, Ҷумҳурии Исломии Эрон, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Мардумии Чин, Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии Исломии Покистон, Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистонро ба ҳам овард.

Дар доираи барномаи чорабинӣ роҳбарони ҳайатҳои давлатҳои узви СҲШ нахуст дар маросими гулчанбаргузорӣ назди Муҷассамаи Ғалаба иштирок намуда, ба хотири қурбониёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ эҳтиром гузоштанд. Сипас меҳмонон бо намоишгоҳи дастовардҳои соҳаи маорифи Ҷумҳурии Беларус шинос шуданд.

Қисми асосии чорабинӣ дар шаҳри Минск баргузор гардида, таҳти унвони «Тақвияти эътимоди мутақобила тавассути маориф, густариши фазои ҳамкорӣ ва дониш, ташаккули ояндаи муштараки рушди СҲШ» масъалаҳои муҳимми рушди низомҳои миллии маориф ва самтҳои афзалиятноки ҳамкории кишварҳои узви Созмони ҳамкории Шанхай дар солҳои 2027-2029 мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Дар кори ҷаласа беш аз 30 намояндаи давлатҳои узви СҲШ, аз ҷумла, вазирони маориф, муовинони вазирон, ректорони муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва намояндагони сохторҳои соҳавӣ иштирок намуданд.

Зимни суханронӣ вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид намуд, ки таҳти роҳбарии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соҳаҳои маориф ва илм ба яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ табдил ёфта, Тоҷикистон ҷонибдори густариши ҳамкориҳои бисёрҷониба дар доираи Созмони Ҳамкории Шанхай мебошад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2018 ба лоиҳаи Донишгоҳи СҲШ ҳамроҳ гардида, имрӯз дах муассисаи таҳсилоти олии касбии кишвар дар он иштироки фаъол доранд. Ба таъкиди вазир, тайи солҳои охир зиёда аз 1700 донишҷӯи тоҷик дар барномаҳои муштараки Донишгоҳи СҲШ иштирок намуда, беш аз 300 нафар олими ҷавон ва муҳаққиқ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишварҳои узви Созмони Ҳамкории Шанхай таҳсил ва таҷрибаомӯзӣ кардаанд.

Инчунин, аз амалисозии барномаҳои дипломи дугона бо донишгоҳҳои Россия ва Чин, татбиқи модели таҳсили муштараки «1 + 1 + 2» бо Донишгоҳи аграрии Шинҷон, рушди ҳамкориҳо дар соҳаҳои робототехника, экология, энергетика ва амнияти киберӣ ёдовар шуда, афзоиши шумораи лоиҳаҳои илмии муштаракро нишонаи рушди ҳамкориҳои академӣ арзёбӣ намуд.

Вазир зимни суханронӣ аз ташаббуси таъсиси «Долони технологии сабз»-и СҲШ ҷонибдорӣ намуда, омодагии Тоҷикистонро барои саҳмгузорӣ дар татбиқи лоиҳаҳои муштарак дар самти технологияҳои камкарбон, иқтисоди сабз ва омодасозии кадрҳои баландихтисос изҳор кард.

Дар ин замина, ҷониби Беларус, инчунин, ташаббуси таъсиси консорсиуми илмӣ-таълимии муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва корпоратсияҳои технологии давлатҳои узви СҲШ-ро пешниҳод намуд, ки ба таҳкими робитаи илм, маориф ва истеҳсолот мусоидат хоҳад кард. Ҳамзамон, ҷониби Тоҷикистон ташаббуси таъсиси Маркази таҳқиқоти пешрафтаи СҲШ оид ба рушди устувори минтақаҳои кӯҳиро дар шаҳри Душанбе пешниҳод намуд. Таъкид гардид, ки бо дарназардошти мавқеи ҷуғрофӣ ва иқлимии Тоҷикистон, масъалаҳои ҳифзи пиряхҳо, истифодаи оқилонаи захираҳои обӣ, мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим ва таъмини амнияти экологӣ аҳаммияти рӯзафзун пайдо намудаанд.

Байни Тоҷикистон ва Гурҷистон Созишномаи ҳамкорӣ дар соҳаи маориф ва илм ба имзо расид.

Дар доираи ҷаласа масъалаҳои такмили низомҳои миллии маориф, рақамикунонии соҳа, баланд бардоштани сифати омодасозии кадрҳо, густариши ҳаракатнокии академии донишҷӯён ва омӯзгорон, таҳкими робитаҳои байнидонишгоҳӣ ва рушди ҳамкориҳои илмӣ-техникӣ баррасӣ гардида, аз рӯйи натиҷаи муҳокимаҳо протоколи ҷаласаи даҳуми вазирони маорифи давлатҳои аъзои СҲШ ба имзо расид.

***

Ҳамчунин, дар ҳамин рӯз бо иштироки роҳбарони ҳайатҳои кишварҳои аъзои Созмон Конфронси Донишгоҳи СҲШ баргузор гардид. Дар конфронси мазкур вазири маориф ва илм таъкид дошт, ки Донишгоҳи СҲШ на танҳо шабакаи муассисаҳои таҳсилоти олӣ, балки экосистемаи зеҳнӣ барои омодасозии насли нави мутахассисон ва муҳаққиқон мебошад.

Вазир пешниҳод кард, ки дар доираи Донишгоҳи СҲШ панҷ платформаи байнидавлатии таҳқиқотӣ аз рӯйи самтҳои афзалиятнок – зеҳни сунъӣ ва технологияҳои рақамӣ, энергетика ва технологияҳои сабз, тиб ва биотехнология, амнияти озуқаворӣ ва рушди устувори минтақаҳои кӯҳӣ таъсис дода шавад.

Гуфта шуд, ки таъсиси Платформаи ягонаи рақамии академии СҲШ, ки курсҳои онлайнӣ, китобхонаҳои электронӣ, озмоишгоҳҳои маҷозӣ ва пойгоҳҳои муштараки илмиро муттаҳид менамояд, метавонад ба густариши дастрасӣ ба таҳсилоти босифат ва таҳкими ҳаракатнокии академӣ мусоидат намояд.

Дар ҷараёни Конфронси Донишгоҳи СҲШ масъалаҳои такмили консепсияи рушди Донишгоҳи СҲШ ва таъсиси Маркази байналмилалии илмии математикаи Донишгоҳи СҲШ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Таъкид шуд, ки маркази мазкур ҳамчун сохтори шабакавии байналмилалӣ барои рушди таҳқиқоти муштараки бунёдӣ ва амалӣ, омодасозии кадрҳои баландихтисоси илмӣ ва густариши ҳамкориҳои академӣ байни донишгоҳҳои давлатҳои узви СҲШ хидмат хоҳад кард.

***

17 июн вазири маориф ва илм дар Форуми олимони ҷавони давлатҳои узви СҲШ иштирок ва суханронӣ намуд. Дар баромади худ вазир нақши ҷавононро дар рушди илм ва технологияҳои муосир муҳим арзёбӣ карда, таъкид намуд, ки сармоягузорӣ ба ҷавонон сармоягузорӣ ба ояндаи давлат мебошад.

Вазири маориф ва илм таваҷҷуҳи иштирокчиёнро ба масъалаҳои тағйирёбии иқлим, истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, амнияти озуқаворӣ ва энергетикӣ, рушди иқтисоди рақамӣ ва зеҳни сунъӣ ҷалб намуда, аз таҷрибаи Тоҷикистон дар пешбурди ташаббусҳои байналмилалии вобаста ба масъалаҳои об ва ҳифзи пиряхҳо ёдовар шуд.

Дар доираи барномаи рӯзи дуюми чорабинӣ роҳбарони ҳайатҳои кишварҳои аъзои СҲШ дар маросими бунёди Хиёбони дӯстии давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай бахшида ба 25-солагии таъсиси созмон иштирок намуда, аз Технопарки миллии кӯдакони Ҷумҳурии Беларус боздид карданд.

Ҷаласаи даҳуми вазирони маорифи давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай бори дигар аҳаммияти таҳкими ҳамкориҳои байналмилалиро дар соҳаҳои маориф, илм ва инноватсия таъкид намуда, барои густариши робитаҳои академӣ, татбиқи лоиҳаҳои муштараки илмӣ ва пешбурди ташаббусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фазои СҲШ заминаи мусоид фароҳам оварад.

ҲАФТАИ ВАЗОРАТ

Густариши ҳамкориҳо бо Федератсияи Россия



Дар доираи иштирок дар Ҷаласаи даҳуми вазирони маорифи давлатҳои аъзои Созмони Ҳамкории Шанхай, ки рӯзҳои 16-17 июни соли 2026 дар шаҳри Мински Ҷумҳурии Беларус баргузор гардид, вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода бо вазири маорифи Федератсияи Россия Сергей Кравтсов мулоқот анҷом дод.

Зимни вохӯрӣ ҷонибҳо масъалаҳои муҳимми ҳамкориҳои дуҷониба дар соҳаи маорифро мавриди баррасӣ қарор дода, аз сатҳи баланди муносибатҳои Тоҷикистону Россия дар самти рушди маориф ва омодасозии кадрҳо изҳори қаноатмандӣ намуданд.

Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷониби Россия барои дастгирии пайвастаи соҳаи маорифи кишвар, аз ҷумла, барои тақдими беш аз 800 ҳазор нусха китобҳои дарсӣ ва адабиёти таълимӣ бо забони русӣ ба муассисаҳои таълимии Тоҷикистон изҳори сипос намуда, таъкид кард, ки ин иқдом дар таҳкими фазои муштараки фарҳангиву забонӣ ва густариши ҳамкориҳои гуманитарии ду кишвар аҳаммияти муҳим дорад.

Дар рафти мулоқот масъалаи татбиқи лоиҳаи байналмилалии «Омӯзгори рус дар хориҷ» низ баррасӣ гардид. Зикр шуд, ки дар соли таҳсили 2025-2026 дар муассисаҳои таълимии Тоҷикистон 103 нафар омӯзгор аз Федератсияи Россия фаъолият намудаанд. Ҳамзамон, ҷониби Тоҷикистон барои соли таҳсили 2026-2027 дархости ҷалби 67 нафар омӯзгори дигарро ирсол намуда, омодагии худро барои тавсеаи ҳамкорӣ дар ин самт иброз дошт.

Яке аз мавзуъҳои муҳимми мулоқот раванди таъсиси Маркази байналмилалии таълимӣ барои кӯдакони болаёқат ба номи Николай Вавилов буд. Изҳори итминон карда шуд, ки фаъолияти маркази мазкур барои дарёфт, дастгирӣ ва рушди истеъдодҳои ҷавон заминаи мусоид фароҳам меорад.

Ҳамчунин, ҷонибҳо фаъолияти панҷ муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии муштараки Тоҷикистону Россияро, ки дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Бохтар, Турсунзода ва Кӯлоб фаъолият доранд, баррасӣ намуданд. Таъкид гардид, ки ин муассисаҳо бо истифода аз стандартҳои таҳсилоти Федератсияи Россия ва ҷузъи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти самаранок дошта, дар онҳо омӯзгорони соҳибтахассуси ҳар ду кишвар ба таълиму тарбияи хонандагон машғуланд.

Дар анҷоми мулоқот ҷонибҳо омодагии худро ҷиҳати густариши минбаъдаи ҳамкориҳо дар соҳаҳои маориф, илм, омодасозии кадрҳо, мубодилаи академӣ ва татбиқи лоиҳаҳои муштараки таълимӣ таъкид намуда, изҳори боварӣ карданд, ки ҳамкориҳои Тоҷикистону Россия минбаъд низ ба таҳкими муносибатҳои дӯстона ва шарикии стратегӣ байни ду кишвар мусоидат хоҳанд кард.

Фаъолияти аҳли маорифи минтақаи Рашт ва шаҳри Роғун тақвият мехоҳад

20 июни соли 2026 дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №28-и ноҳияи Нуробод ҷаласаи сайёри ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба вазъи иҷрои нақшаву барномаҳои таълимӣ, таъминот бо кадрҳои педагогӣ, китобҳои дарсӣ, сатҳу сифати дониши хонандагон ва татбиқи барномаҳои давлатӣ дар муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳои минтақаи Рашт ва шаҳри Роғун баргузор гардид.

Дар он вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода, муовинони раисони шаҳру ноҳияҳо, роҳбарони сохторҳои вазорат, намояндагони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мудирони шуъбаҳои маориф, роҳбарони муассисаҳои таълимӣ ва дигар масъулини соҳа иштирок намуданд.

Ҷаласаро вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз бахшида, таъкид намуд, ки рушди соҳаи маориф ҳамеша дар меҳвари сиёсати иҷтимоии давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта, бо дастгирии доимии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мамлакат барои пешрафти соҳа тамоми шароити зарурӣ фароҳам оварда шудааст.

Қайд гардид, ки тайи солҳои соҳибистиқлолӣ дар саросари кишвар, аз ҷумла, дар ноҳияҳои кӯҳистонии минтақаи Рашт ва шаҳри Роғун даҳҳо муассисаи таълимӣ бунёду азнавсозӣ гардида, шароити таҳсил бехтар ва заминаи моддию техникии муассисаҳо таҳким ёфтааст.

Зимни суханронӣ вазири маориф ва илм таъкид кард, ки истифодаи самараноки имкониятҳои фароҳамшуда, баланд бардоштани сатҳу сифати таълим, таҳкими корҳои тарбиявӣ, рушди таҳсилоти томактабӣ ва таъмини муассисаҳо бо кадрҳои баландихтисос аз вазифаҳои муҳимми кормандони соҳа ба шумор мераванд.



Ҳамзамон, ба масъалаҳои ҷалби бештари хонандагон ба озмунҳои ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доной китоб аст», «Илм – фурӯғи маърифат», «Шоҳномахонӣ», олимпиадаҳои фаннӣ ва мусобиқаҳои байналмилалӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шуд.

Вазири маориф ва илм таъкид намуд, ки масъулини соҳа бояд барои татбиқи пурраи барномаҳои давлатӣ, истифодаи технологияҳои муосири таълим, баланд бардоштани сатҳи касбии омӯзгорон ва рушди қобилияти эҷодии хонандагон тадбирҳои мушаххас андешанд.

Дар идомаи ҷаласа сардори раёсати таҳсилоти миёнаи умумии Вазорати маориф ва илм Ш. Асомиддинзода оид ба вазъи иҷрои нақшаву барномаҳои таълимӣ, таъминот бо кадрҳои педагогӣ, китобҳои дарсӣ, сатҳу сифати дониши хонандагон ва татбиқи барномаҳои давлатӣ дар муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳои Роғун, Сангвор, Нуробод, Рашт, Тоҷикобод ва Лахш маърӯза намуд. Дар маърӯза масъалаҳои вобаста ба иҷрои нақшаву барномаҳои таълимӣ, таъминоти муассисаҳои таълимӣ бо кадрҳои педагогӣ, дастрасии хонандагон ба китобҳои дарсӣ, сатҳу сифати дониши хонандагон, иштироки онҳо дар олимпиадаҳо ва озмунҳои ҷумҳуриявӣ, татбиқи барномаҳои давлатӣ, вазъи корҳои тарбиявӣ, фаъолияти марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳо, истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, рушди таҳсилоти томактабӣ ва мушкилоту камбудиҳои ҷойдошта мавриди баррасӣ қарор гирифта, ҷиҳати бартараф намудани масъалаҳои мавҷуда ва баланд бардоштани сифати таълиму тарбия ба масъулини соҳа тавсияву пешниҳодҳои мушаххас манзур гардид.

Ҳамчунин, дар ҷаласа масъулини ноҳияи Нуробод суханронӣ намуда, омодагии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро ҷиҳати дастгирии соҳаи маориф ва ҳалли масъалаҳои мавҷуда иброз дошт.

Дар фарҷом лоиҳаи қарори ҳайати мушовара баррасӣ гардида, бо дарназардошти пешниҳодҳои иштирокчиён қабул карда шуд.

Вазири маориф ва илм ба Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Нуробод барои фароҳам овардани шароити мусоид изҳори сипос намуда, аҳли маорифи минтақа ва иштирокчиёни ҷаласаро ба муносибати Рӯзи Ваҳдати миллӣ табрик гуфт.

Тоҷикистон ҳамоҳангсози Гурӯҳи кишварҳои рӯ ба тараққии маҳсур дар хушкӣ интихоб гардид.

Оби софи чашмаҳои шаҳдрезаш ҷӯ ба ҷӯ
Ҳамсуруду ҳамдуруду ҳамсадои ваҳдат аст.
Камол Насрулло

ҲАФТАИ ВАЗОРАТ

Мулоқот бо роҳбари дафтари минтақавии Шарикии глобалӣ дар соҳаи маориф



22 июни соли 2026 дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон вохӯрии вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода бо роҳбари дафтари минтақавии Шарикии глобалӣ дар соҳаи маориф (GPE) хонум Трине Петерсен ва намояндаи шарики мазкур Филип Финелл баргузор гардид.

Дар оғози мулоқот вазири маориф ва илм меҳмононро ба Ҷумҳурии Тоҷикистон хайрамақдам гуфта, аз таваҷҷуҳи пайвастаи Шарикии глобалӣ дар соҳаи маориф нисбат ба рушди низоми маорифи кишвар изҳори сипос намуд.

Зимни мулоқот ҷонибҳо масъалаҳои вобаста ба густариши ҳамкориҳои дуҷониба, натиҷаҳои ҳамкориҳои солҳои охир, инчунин, дурнамои татбиқи барномаҳо ва лоиҳаҳои муштаракро мавриди баррасӣ қарор доданд.

Таъкид гардид, ки Шарикии глобалӣ дар соҳаи маориф (GPE) тайи солҳои охир ҳамчун яке аз шарикони асосии рушди соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар татбиқи сиёсати давлатӣ, пешбурди ислоҳоти соҳавӣ ва таҳкими иқтидори низоми маориф саҳми назаррас гузоштааст. Бо дастгирии ин шарики рушд як қатор ташаббусҳои муҳимми соҳавӣ амалӣ гардида, барои баланд бардоштани сифати таҳсилот, такмили муҳити таълим ва беҳтар намудани низоми идоракунии соҳа заминаҳои мусоид фароҳам оварда шудаанд.

Вазир зимни суханронии худ иброз дошт, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба рушди сармояи инсонӣ ва такмили соҳаи маориф ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд. Дар ин замина, рушди низоми таҳсилот, такмили сифати таълим, рақамикунонии соҳа ва баланд бардоштани сатҳи омодасозии кадрҳои омӯзгорӣ аз ҳадафҳои муҳимми давлатӣ ба ҳисоб мераванд.

Ҳамзамон, саҳми GPE дар татбиқи Стратегияи миллии рушди маориф, такмили банақшагирии соҳавӣ, рушди низоми мониторинг ва арзёбӣ, таҳкими иқтидори кадрӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти шарикони рушд баланд арзёбӣ гардид.

Дар рафти мулоқот аз натиҷаҳои амалисозии Лоиҳаи муштараки «Дастгирии амалинамоии Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ёдоварӣ ва таъкид гардид, ки татбиқи он барои таҳкими иқтидори омӯзгорон, беҳтар намудани таъминоти методӣ, рушди таҳсилоти фарогир ва баланд бардоштани сифати таълим мусоидат намудааст.

Ҷонибҳо, инчунин, фаъолияти Гурӯҳи маорифи маҳаллӣ (LEG)-ро ҳамчун механизми муҳимми ҳамоҳангсозии фаъолияти шарикони рушд ва таҳияи қарорҳои муштарак дар самти рушди соҳаи маориф мусбат арзёбӣ намуда, омодагии худро барои идомаи ҳамкориҳои судманд дар ин самт таъкид карданд.

Зикр гардид, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон айни замон дар марҳалаи муҳимми татбиқи ислоҳоти соҳаи маориф қарор дошта, масъалаҳои рушди таҳсилоти томактабӣ, рақамикунонии низоми маориф, баланд бардоштани сифати таҳсилот, таъмини таҳсилоти фарогир ва омодасозии кадрҳои баландихтисоси омӯзгорӣ аз ҷумлаи самтҳои афзалиятнок ба шумор мераванд.

Дар анҷом вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳбарият ва ҳайати Шарикии глобалӣ дар соҳаи маориф (GPE) барои ҳамкории созанда, дастгирии ҳамаҷониба ва саҳми арзанда дар рушди низоми маорифи кишвар изҳори миннатдорӣ намуда, омодагии Вазорати маориф ва илмро ҷиҳати таҳкими минбаъдаи ҳамкориҳо дар самтҳои афзалиятноки соҳа таъкид кард.

Зеҳни сунъӣ дар таҳсилот

18 июни соли 2026 дар Маркази ҷумҳуриявии таҳлил, иттилоот ва технологияҳои рақамии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаласаи навбатии Гурӯҳи татбиқи лоиҳаҳои рақамикунонии соҳаи маориф (ГТЛРСМ/ETSC) дар доираи ташаббуси «Технологияҳо барои рушди таҳсилот» (Tech4Ed) баргузор гардид.

Дар он намояндагони Вазорати маориф ва илм, ЮНИСЕФ, Шарикии глобалӣ барои маориф (GPE), EdTech Hub, муассисаҳои зертобеи вазорат ва дигар кормандони соҳа иштирок намуданд.

Ҷаласаро муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳомид Ҳошимзода ифтитоҳ намуда, аҳаммияти рушди таҳсилоти рақамӣ ва омодасозии хонандагонро ба талаботи ҷаҳони муосир таъкид кард.

Дар доираи ҷаласа натиҷаҳои таҳқиқоти Самти 4-и ташаббуси Tech4Ed оид ба таҳияи барномаи таълимии «Асосҳои зеҳни сунъӣ» барои синфҳои 5-11 муаррифӣ гардиданд. Коршиносони байналмилалӣ ва миллӣ натиҷаҳои омӯзиш, таҷрибаи байналмилалӣ, вазъи кунунии таълими зеҳни сунъӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳҳои имконпазири ҳамгироии он ба низоми таҳсилоти умумиро баррасӣ намуданд.

Зимни баррасиҳо масъалаҳои марбут ба омодасозии омӯзгорон, таҳияи маводи таълимӣ бо забони тоҷикӣ, таъмини дастрасии баробар барои муассисаҳои таълимии шаҳру деҳот, истифодаи масъулиятнок ва бехатари технологияҳои рақамӣ, инчунин, ташаккули сиёсати миллӣ оид ба истифодаи зеҳни сунъӣ дар соҳаи маориф мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Роҳбари Гурӯҳи татбиқи лоиҳаҳои рақамикунонии соҳаи маориф, директори Маркази ҷумҳуриявии таҳлил, иттилоот ва технологияҳои рақамӣ К. Муҳаммадраҷабзода қайд намуд, ки воридсозии зеҳни сунъӣ ба соҳаи маориф бояд бо дарназардошти имкониятҳои воқеии муассисаҳои таълимӣ, омодагии омӯзгорон ва афзалиятҳои миллӣ ба таври марҳалавӣ амалӣ карда шавад.

Дар анҷом иштирокчиён вобаста ба қадамҳои минбаъда, аз ҷумла, таҳияи ҳадафҳои миллӣ оид ба омӯзиши зеҳни сунъӣ, такмили барномаҳои таълимӣ, рушди иқтидори омӯзгорон ва роҳандозии татбиқи пилотии барномаи таълимӣ табодули афкор намуданд.

16 июни соли 2026 муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳомид Ҳошимзода бо ҳайати роҳбарикунандаи Донишгоҳи Брунел (Лондон), аз ҷумла, профессор Тревор Ҳой, доктор Филип Коллинз, профессор Ҷон Коссар, хонум Кирсти Смит ва ҷаноби Муҳаммад Алам мулоқоти маҷозӣ намуд.

Муовини якуми вазир дар оғози суханронӣ ба ҷониби Донишгоҳи Брунел барои ташкили ин мулоқот ва таваҷҷуҳи хосса ба рушди ҳамкориҳо бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳори сипос намуд. Қайд гардид, ки ҷониби Тоҷикистон ҳамеша омодагии худро ҷиҳати густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ, бахусус, бо донишгоҳҳои бонуфузи ҷаҳон иброз менамояд.

Зимни суханронӣ таъкид шуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба рушди сармояи инсонӣ, тақвияти иқтидори илмӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии байналмилалии низоми таҳсилот аҳаммияти аввалиндараҷа медиҳад.

Дар ин замина, самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ, аз ҷумла, рушди таҳсилоти олӣ, рақамикунонии иқтисод, зеҳни сунъӣ, технологияҳои пешрафта, энергетикаи сабз ва иқтисоди донишбунёд муайян гардидаанд, ки татбиқи онҳо бе ҳамкории фарогир бо муассисаҳои пешрафтаи ҷаҳонӣ ғайриимкон аст.

Ҳамкорӣ бо Донишгоҳи Брунел

Ҷониби Тоҷикистон нақши Донишгоҳи Брунелро ҳамчун яке аз муассисаҳои бонуфузи таҳсилоти олӣ дар Британияи Кабир, ки дорои таҷрибаи ғанӣ дар самтҳои муҳандисӣ, технология, тандурустӣ, инноватсия ва таҳқиқоти амалӣ мебошад, баланд арзёбӣ менамояд.

Дар рафти мулоқот масъалаҳои муҳимми марбут ба роҳандозии ҳамкориҳои дуҷониба мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор гирифтанд. Аз ҷумла, ҷонибҳо омодагии худро ҷиҳати таҳияи барномаҳои муштараки таълимӣ ва тадқиқотӣ дар соҳаҳои муҳандисӣ, технологияҳои рақамӣ, зеҳни сунъӣ, таҳлили додаҳо, энергетика ва рушди устувор иброз намуданд.

Ҳамзамон, масъалаҳои таъсиси мубодилаи донишҷӯён, такмили ихтисоси кадрҳои илмӣ ва академӣ, инчунин, ҷалби муҳаққиқони тоҷик ба лоиҳаҳои байналмилалии илмӣ аз самтҳои муҳим ва афзалиятноки ҳамкорӣ арзёбӣ гардиданд.

Қайд карда шуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳалаи кунунии рушди худ ба омодасозии мутахассисони баландихтисоси соҳаи технологияҳои иттилоотӣ ва муҳаққиқони ҷавон эҳтиёҷи рӯзафзун дорад. Дар ин замина, истифодаи таҷрибаи пешқадами донишгоҳҳои сатҳи ҷаҳонӣ, аз ҷумла, Донишгоҳи Брунел метавонад дар баланд бардоштани иқтидори инсонии кишвар нақши калидӣ бозад.

Ҳамчунин, ҷонибҳо масъалаи роҳандозии таҳқиқоти муштарак, дастрасӣ ба инфрасохтори муосири илмӣ ва озмоишгоҳҳо, инчунин, татбиқи барномаҳои инноватсиониро мавриди баррасӣ қарор доданд.

Дар фарҷом ҷонибҳо омодагии худро ҷиҳати таҳкими ҳамкориҳои дарозмуддат ва мутақобилан судманд иброз намуда, таъкид карданд, ки натиҷаҳои ин мулоқот заминаи устувор барои таҳияи нақшаи мушаххаси ҳамкорӣ хоҳад гардид.

Татбиқи платформаи рақамии омӯзиши забони англисӣ

Дар Донишгоҳи байналмилали забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода мулоқоти намояндагони Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва намояндагони ширкати байналмилалии «Эфекта» баргузор гардид.

Дар он муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Бадриддин Музаффарзода иштирок намуда, аҳаммияти ҳамкориҳои байналмилалӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои муосири рақамиро дар раванди таълим махсус таъкид кард.

Зимни суханронии худ муовини вазир зикр намуд, ки татбиқи лоиҳаи озмоишии омӯзиши забони англисӣ тавассути платформаи рақамии «Эфекта» натиҷаҳои назаррас ба бор оварда, имкониятҳои нави истифодаи зеҳни сунъиро дар раванди таълим ошкор намудааст.

Қайд гардид, ки дар доираи лоиҳаи мазкур омӯзгорон ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар фаъолона иштирок намуда, таҷрибаи арзишманд дар самти истифодаи воситаҳои муосири таълимӣ ва технологияҳои рақамӣ ба даст оварданд. Ҳамзамон, самаранокии платформа дар баланд бардоштани сатҳи донишҳои забони англисӣ ва мутобиқ намудани раванди таълим ба стандартҳои байналмилалӣ мавриди арзёбии мусбат қарор гирифт.

Муовини вазир ба омӯзгорони забони англисӣ барои саҳми арзандаашон дар татбиқи лоиҳа, истифодаи самараноки технологияҳои нав ва рушди малакаҳои касбӣ изҳори сипос намуда, нақши онҳоро дар пешбурди раванди навсозии таҳсилот муҳим арзёбӣ кард.

Дар ҷараёни мулоқот масъалаҳои густариши ҳамкориҳои минбаъда бо ширкати «Эфекта», механизмҳои татбиқи васеи платформа дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, инчунин, роҳҳои таъмини устувории молиявии лоиҳа мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Таъкид шуд, ки Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкориро бо ширкати «Эфекта» ҳамчун яке аз самтҳои муҳимми муосирсозии омӯзиши забони англисӣ ва рушди муҳити рақамии таълим дар кишвар арзёбӣ намуда, ҷонибдори идомаи истифодаи амалии платформа ва фароҳам овардани имкониятҳои бештари дастрасӣ барои омӯзгорону донишҷӯён мебошад.

Ҳамзамон, масъалаи харидорӣ ва ҷорӣ намудани иҷозатномаҳои истифодаи платформа барои донишҷӯён аз моҳи сентябри соли ҷорӣ ва ворид намудани хароҷоти марбут ба истифодаи технологияҳои рақамии таълимӣ ба нақшаҳои рушди муассисаҳои таълимӣ барои солҳои 2027-2028 баррасӣ гардид.

Дар анҷоми чорабинӣ ба иштирокчиёни фаъоли лоиҳа ва омӯзгороне, ки дар татбиқи муваффақонаи барномаи озмоишӣ саҳми назаррас гузоштаанд, сертификат дода шуд.

Байни Тоҷикистон ва Қирғизистон Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон ба имзо расид.

БАРРАСӢ

23 июни соли ҷорӣ дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаласаи навбатии назоратии назди вазири маориф ва илм таҳти раёсати муовини якуми вазир Ҳомид Ҳошимзода баргузор гардид.

Дар ҷаласа муовини вазир, роҳбарони сохторҳои дастгоҳи марказии вазорат, муассисаҳои тобеъ ва масъулини соҳаи маорифи шаҳру ноҳияҳо ба таври ҳузурӣ ва маҷозӣ иштирок намуданд.

Масоили муҳим дар ҷаласаи назоратӣ



Мутобиқи рӯзномаи ҷаласа масъалаи вазъи иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси тадбирҳои иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2026» мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Доир ба масъалаи мазкур сардори раёсати иқтисод, банақшагирӣ дар соҳаи маориф ва илм А. Хоҷазода гузориш пешниҳод намуда, аз рафти татбиқи маблағгузории меъёрии сарикасӣ дар муассисаҳои таълимӣ, иҷрои нишондиҳандаҳои буҷетӣ ва натиҷаҳои омӯзиши фаъолияти як қатор раёсату шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо маълумот дод.

Зикр гардид, ки бо вуҷуди тадбирҳои андешидашуда дар фаъолияти баъзе мақомоти идоракунии соҳаи маориф ва муассисаҳои таълимӣ камбудиҳо, аз ҷумла, риоя нагардидани талаботи маблағгузории меъёрии сарикасӣ, сатҳи нокифояи банақшагирии молиявӣ, суст будани назорати дохилӣ ва таъхир дар иҷрои дастуру супоришҳои вазорат ба назар мерасад.

Ҳамзамон, дар ҷараёни ҷаласа аз ҷониби корманди раёсати иқтисод, банақшагирӣ дар соҳаи маориф ва илм Ш. Дӯстмурод механизми нави маблағгузории меъёрии сарикасии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ рӯнамоӣ гардид. Таъкид шуд, ки татбиқи механизми нав ба беҳтар гардидани низоми маблағгузорӣ, истифодаи самараноки маблағҳои буҷетӣ ва дастгирии муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳои дурдаст мусоидат хоҳад кард.

Дар рафти муҳокимаҳо масъалаҳои марбут ба тақвияти ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти маориф ва молия, баланд бардоштани масъулияти роҳбарону муҳосибони муассисаҳои таълимӣ, риояи талаботи қонунгузории буҷетӣ ва таъмини истифодаи мақсадноки маблағҳои давлатӣ баррасӣ шуданд.

Дар қисмати ҷамъбастии ҷаласа муовини якуми вазири маориф ва илм ба масъулини сохторҳои дахлдор ҷиҳати пурзӯр намудани назорат аз болои иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъмини пардохти саривақтии музди меҳнат ва рухсатипулии кормандон, риояи талаботи маблағгузории меъёрии сарикасӣ, баланд бардоштани сатҳи интизоми молиявӣ ва истифодаи самараноку шаффофи маблағҳои буҷетӣ дастуру супоришҳои мушаххас дод.

Таъкид гардид, ки роҳбарони сарраёсат, раёсат ва шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо вазифадоранд, иҷрои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, дастуру супоришҳои вазорат ва талаботи қонунгузории буҷетиро зери назорати қатъӣ қарор дода, барои бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти молиявии муассисаҳои таълимӣ тадбирҳои зарурӣ андешанд.

Маркази матбуоти
Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон

27 ИЮН – РӮЗИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ

Сулҳи тоҷикон пойдор аст

Дар ҳар сарзамине, ки сулҳу субот ҳукмфармо бошад, ба пешрафтҳои чашмгир ноил мешавад. Чунин иқболи баланд барои мардуми шарифи Тоҷикистон 29 сол муқаддам мушарраф гардид. Пас аз ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ бо ба сари қудрат омадани Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бахту саодат ва рӯзгори орому осуда дар сарзамини мо бо ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ таъмин шуд.

Пас аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ ва ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ низоми сиёсӣ дар Тоҷикистон куллан тағйир ёфт. Солҳои аввали Истиқлоли давлатӣ даврони шикасти низоми яккаҳизбӣ, ташаккули бисёрҳизбӣ ва пайдоиши ҷунбишҳои зиёди иҷтимоӣ-сиёсӣ буд, ки ин принсипи асосии демократисозии ҷомеа ба ҳисоб меравад.

Барои ба эътидол овардани вазъи сиёсии кишвар моҳҳои ноябр-декабри соли 1992 дар шаҳри бостонии Хуҷанд Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид, ки он барои таҳкими ҳокимияти давлатӣ, ташаккули истиқлоли кишвар, муайян намудани самти инкишофи ҷомеа дар солҳои баъдӣ ва пайгирӣ намудан аз принсипҳои талаботи бунёди ҷомеаи демократӣ, дунявӣ ва ҳуқуқбунёду ягона заминаи воқеӣ ба вуҷуд оварад. Маҳз дар иҷлосияи мазкур муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардиданд.

Сарвари тозаинтихоби ҷумурӣ дар аввалин муроҷиатномаи хеш таъкид доштанд: «Бародарон ва хоҳарони азиз! Ҳамватанони муҳтарам! Ман ба ҳар яки шумо дар давраи барои Ватан хеле душвор муроҷиат карда, ба ақлу заковати шумо, ки ворисони фарзандони барӯманди тоҷик ҳастед, бовар мекунам. Ман қасам ёд мекунам, ки тамоми донишу таҷрибаамро барои дар ҳар хона ва ҳар оила барқарор шудани сулҳ равона карда, барои гулгулшукуфии Ватани азизам садоқатмандона меҳнат мекунам. Барои ноил шудан ба ин нияти муқаддас, агар лозим шавад, ҷон нисор мекунам. Чунки ман ба ояндаи неки Ватанам ва ҳаёти хушбахтонаи халқи азияткашидаам бовар дорам».

Барои расидан ба ҳадафҳои ниҳоӣ ва барқарор кардани сулҳу субот, амнияту оромӣ, Сарвари давлат роҳи мураккаб ва пуршебу фарозеро тай намуданд.

Ин раванд аз моҳи апрели соли 1994 оғоз ёфта, моҳи июни соли 1997 бо имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон поён пазируфтааст. Гуфтушунидҳо дар 8 давр дар шаҳрҳои Москваи Федератсияи Россия, Теҳрони Ҷумҳурии Исломии Эрон, Исломободи Ҷумҳурии Исломии Покистон, Алмаатои Ҷумҳурии Қазоқистон, Ашқободи Ҷумҳурии Туркманистон доир гардиданд.

Имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ, ки 27 июни соли 1997 дар пойтахти Федератсияи Россия ба тасвиб расид, яке аз бузургтарин дастовардҳои халқи тоҷик маҳсуб меёбад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии хеш бахшида ба 20-умин солгарди Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ таъкид намуданд: «Акнун замони он фаро расидааст, ки мо арзиши сулҳу оштии миллиро ҳамчун фарҳанги зиндагии мардум ба таври васеъ густариш диҳем. Дар марҳалаи имрӯзаи рушди кишвар сулҳу ризоияти миллӣ бояд на танҳо ҳамчун мазмуни созишномаи имзошуда байни ду тарафи мухолиф, балки ба ҳайси як фарҳанг ва андешаи фарогири умумимиллӣ дарк гардида, сулҳу ваҳдат ва ҳамзистии мусолиматомези намояндагони ҳамаи неруҳои сиёсӣ, ҳизбу ҳаракатҳо, ҷаҳонбиниву андешаҳо ва дину мазҳабҳои сокинони кишварро дар бар гирад».

Сулҳи тоҷикон, қабл аз ҳама, дастоварди мардуми кишвар буда, андешаву тафаккури амиқи Сарвари давлат мебошад. Аз ҳамин сабаб, дастовардҳои сулҳофарии мардуми мо дар тамоми минтақаи ҷангзадаи олам ҳамчун намунаи ҳалли низоъҳо мавриди истифода қарор мегирад.

Таҷрибаи тоҷикон доир ба фарҳанги сулҳ, ба Ватан бозгардонидани гурезаҳо ва ба мухолифин пешниҳод намудани квотаи шомил шудан ба ҳайати ҳукумат, таъмин намудани ҳамкорӣ дар сохторҳои қудратӣ ва ҳарбӣ барои ҷомеаи ҷаҳонӣ, махсусан, давлатҳои ҷангзада намунаи барҷаста дар ҳал намудани ихтилофҳои дохилӣ мебошад. Маркази омӯзиши ихтилофҳо дар шаҳри Лондон эътироф намуд, ки ин таҷрибаро дар ҳамаи минтақаҳои ҷангзада истифода бурдан зарур аст.

Тоҷикистон дар дунё ягона давлатест, ки ҷанги шаҳрвандии он бо сулҳ ва ризоияти миллӣ анҷом пазируфтааст. Аз ин лиҳоз, бисёр давлатҳои ҷаҳон ба таҷрибаву амалҳои сулҳоварии ҳалқи мо мароқи махсус зоҳир мекунанд, ба он баҳои сазовор медиҳанд ва онро мавриди омӯзиш қарор додаанд. Муншии умумии вақти Созмони Милали Муттаҳид Кофи Аннан чунин таъкид намуда буд: «Тоҷикистон ба бисёр мамлакатҳо дар бобати яктарафа шудани ихтилофоти дохилӣ ибрати беназир нишон дод. Ба фикрам, ин саҳми Тоҷикистон ба таърихи эҷоди сулҳ аст».

Сулҳи тоҷиконро як навъ ҳалли ихтилофҳои сиёсӣ, бархӯрди ақидаву тамоилҳои сиёсӣ, муборизаи наву куҳна, инчунин, бузургтарин дастоварди равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистони кунунӣ ва таҷрибаи нодиру саҳифаи тоза дар фаъолияти сулҳофаринии инсоният ҳисобидан мумкин аст.

Дар бораи аҳаммияти Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллии Тоҷикистон Пешвои миллат Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид кардаанд: «Созишномаи умумӣ аз лиҳози аҳаммияти фавқулоддаи худ бо Эъломияи Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар як радиф меистад. Агар Эъломия ба Тоҷикистон ба таври расмӣ истиқлол ва соҳибихтиёрӣ ато карда бошад, пас Созишнома сулҳу суботро дар сарзамини мо таъмин сохт».

Мо бояд ҳамеша аз истиқлол ва Ваҳдати миллӣ, ки аз ҷумлаи муқаддасоти ҷовидонӣ мебошанд, шукрона намуда, онҳоро чун гавҳараки чашм ҳифз намоем. Бояд шукрона кунем, ки Ватани азизу давлати соҳибистиқлол дорем ва дар он сулҳу субот ва Ваҳдати миллӣ побарҷост.

Ба таъкиди Сарвари давлат, «Ваҳдати миллӣ барои кулли мардуми Тоҷикистон арзиши муқаддасу азиз ба ҳисоб рафта, асоси хушбахтӣ ва саодату бедории миллат мебошад. Озодӣ, истиқлол, сулҳу субот, оромию осоиштагӣ ва созандагию бунёдкорӣ маҳз аз шарофати Ваҳдати миллӣ насиби мо гардидааст».

Ваҳдати миллӣ барои мардуми мо мақому манзалате бузург дошта, метавон онро эҳёи дубораи давлати тоҷик баъд аз ҳазор сол номид.

Бо талошҳои пайвастаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аркони давлатдории тоҷикон мустаҳкам гардид. Мушкилоти ба сари мардуми кишваромада бартараф гардид, ҳазорон-ҳазор нафар гуреза ба Ватан баргашта, ҳаёти осоишта барқарор шуд ва корҳои ободонӣ вусъат ёфтанд.

Довуд АЛИЗОДА,
муовини якуми директори
Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди
Президенти Ҷумҳурии
Тоҷикистон, номзади
илмҳои таърих

Рамзи бақои давлат

Ба ифтихори Рӯзи Ваҳдати миллӣ дар Китобхонаи марказонидашудаи шаҳрии ба номи А. Лоҳутӣ таҳти унвони «Ваҳдат – сарчашмаи сулҳу субот» маҳфили адабию фарҳангӣ баргузор гашт. Дар оғоз директори китобхона Идигул Нусратуллозода дар мавзуи «Нақши Ваҳдати миллӣ дар пойдории Истиқлоли давлатӣ» суханронӣ карда, иброз дошт, ки ваҳдат ба ривоҷи бунёдкорию созандагӣ дар саросари кишвар мусоидат кард ва аз ҷумла, боиси арҷгузории сазовор ба маънавияту адабиёт гардид.



Дар идомаи маҳфил адибон Сафар Амирхон, Муродалӣ Собир, Маҷиди Салим ва Абдурауф Муродӣ вобаста ба аҳаммияту моҳияти Ваҳдати миллӣ ва неруи нишотбахшу саодатовари он ибрози андеша намуда, дар мавзуҳои ваҳдату сулҳ, дӯстӣ ва ободонӣ аз эҷодиёти худ намунаҳо қироат карданд.

Дар охир байни иштирокдорони маҳфил – адибон, кормандон ва гурӯҳе аз аъзои фаъоли китобхона мубодилаи афкор вобаста ба мавзуи меҳварии маҳфил баргузор гашт.

Шоистаи тазаккур аст, ки роҳбарияти китобхона, ҳамчунин, баргузории маҳфили бошукӯҳеро бо иштироки аҳли илму адаб ба муносибати 35-солагии Истиқлоли давлатии Тоҷикистон ба нақша гирифтааст.

Н. ОХУНЗОДА,
«Омӯзгор»

30 июн дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон Форуми ҷумҳуриявии «Маърифати ҳуқуқӣ – омили рушди давлати ҳуқуқбунёд» баргузор мешавад.

Сулҳ чун пероҳани зебост бар андоми халқ,
Шаъни мо, пирӯзии мо дар намои ваҳдат аст.
Камол Насрулло

27 ИЮН – РӮЗИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ

Ба шарофати Ваҳдати миллӣ, сулҳу суботи комил мо ба марҳалаи рушди устувор ворид гардидем ва ҳоло барои рӯзгори орому осуда, заҳмати созандаи мардуми сарбаланди тоҷик баргузории ҳама гуна чорабиниҳои сиёсиву фарҳангӣ шароити мусоид фароҳам омадааст. Дар натиҷаи заҳмати содиқонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон имрӯз ҳар як кунҷу канори мамлакатамон ободу зебо ва сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ торафт беҳтару хубтар гардида истодааст.



САОДАТИ МИЛЛАТ

Дар даврони соҳибистиқлолӣ қариб тамоми соҳаҳои кишварамон ба маҷрои куллан нав ворид гардида, сол ба сол рушду нумуъ карда истодаанд. Мардуми сарбаланду ватандӯсти кишвар анъанаҳои неки аҷдодиамонро идома бахшида, бо сарҷамъиву муттаҳидӣ дар пешрафти Ватанамон саҳми арзанда мегузоранд.

Бояд тазаккур дод, ки Рӯзи Ваҳдати миллӣ, бемуболиға, бо Эъломияи Истиқлоли кишвар дар як радиф қарор дорад. Дар замоне ки Тоҷикистони тозаистиқлоли мо бар асари мудохилаи неруҳои хориҷӣ ва мансабталошии баъе гурӯҳҳои дохилӣ ба гирдоби ҷанги шаҳрвандӣ қарор афтода, фарзонафарзанди ин миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Иҷлосияи 16-уми Шурои Олӣ ҳамчун раиси Шурои Олӣ интихоб шуданд, кишварро аз ин вартаи фалокатбор наҷот доданд. Он кас тавонистанд, ки пеши роҳи ҷангро бигиранд, миллатро аз оворагию парокандагӣ наҷот диҳанд ва масири рушди шукуфоиро муайян намоянд. Аз ин ҷост, ки ваҳдат ҳамчун воситаи муттаҳидсоз шароит фароҳам овард, ки дар ҷумҳуриамон таҳкурсии ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ гузошта шавад. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мурочиат ба халқи шарифи Тоҷикистон (12 декабри соли 1992) таъкид намуданд: «Ман тамоми донишу таҷриба ва маҳоратамро барои дар ҳар хона ва дар ҳар оила барқарор шудани сулҳ равона карда, барои шукуфоии Ватани азизам садоқатмандона меҳнат мекунам, барои ноил шудан ба ин ният муқаддас, агар лозим шавад, ҷон нисор мекунам». Ба ҳамин тариқ, тавассути ҷонбозиҳою ҷасорати бемисли Президенти мамлакат, ки дар душвортарин рӯзҳо ба бахти мардуми кишвар баҳри наҷоти миллат камари ҳиммат бастанд, мардум ниҳоят ба чунин рӯзҳои нек ва сулҳу субот расиданд. Хиради азалии мардуми шарифи Тоҷикистон ғолиб омад. Чунин хиради азалӣ ва ақлу заковати аҷдодӣ ва талошу заҳматҳои абармарди арсаи сиёсат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буд, ки 27 июни соли 1997 дар шаҳри Москваи Федератсияи Россия Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ба имзо расид.

Пас аз ба тасвиб расидани созишномаи мазкур пояҳои Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон боз ҳам устувор гардида, мардуми кишвар ба ояндаи неку дурахшон боварии бештар ҳосил намуданд. Воқеан ҳам, тайи сиву панҷ соли Истиқлоли давлатӣ ва бисту нуҳ соли Ваҳдати миллӣ дар ҳама соҳаҳои ҷомеа дигаргуниҳои куллӣ ба вуқуъ пайвастанд. Тоҷикистон дар ин даврai кӯтоҳи таърихӣ ба дастовардҳои бузург мушарраф гардид. Аз ҷумла, бунёди хатҳои нави роҳи оҳан, роҳҳои мошингард, нақбҳо, неругоҳҳои барқи обӣ, корхонаҳои саноатии иншооти соҳаҳои иҷтимоӣ ва ғайра далели ин гуфтаҳо мебошанд.

Бояд қайд кард, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз дар қатори давлатҳои рӯ ба тараққӣ ва амнтарини дунё қарор дорад. Маҳз истиқлоли комил ва иттиҳоди миллат буд, ки имрӯз давлату миллати тоҷикро ҷаҳониён эътироф намуданд, фарҳангу тамаддун, забон, либоси миллӣ, расму оини аҷдодиро ба хубӣ шинохтанд. Тоҷикистон имрӯз хонаи умеди тамоми тоҷикони ҷаҳон гардидааст.

Пойтахти ҳамешабаҳори он – шаҳри Душанбе ба яке аз шаҳрҳои зеботарини олам табдил ёфтааст. Хандаи беғаши кӯдакон, нигоҳи меҳрбори модарон, азму иродаи қавии ҷавонон, дуои неки пирон ва рафтуои пайвастаи меҳмонон ба кишвари азизамон аз он шаҳодат медиҳад, ки Тоҷикистон рушд менамояд. Имрӯз насли хушбахти даврони истиқлолро зарур аст, ки ҷоннисору посдор ва ғамхори ин Ватану ин миллат бошанд. Дӯст доштани Ватан, пос доштани ҳар зарра хоку ҳар қатраи оби ин марзи муқаддас аз ҷумлаи масъулияти ҳар як шаҳрванд мебошад.

Мусаллам аст, ки Ваҳдати миллӣ омили саодати инсоният аст. Имрӯз Тоҷикистони азизи мо ба муваффақиятҳои назарраси сиёсӣ, илмиву фарҳангӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ ноил гардида, дар ҷаҳони муосир ҷойгоҳи шоиста дорад. Солҳост, ки таҷрибаи сулҳи тоҷикон бо пешниҳоди созмонҳои байналмилалӣ дар кишварҳои гирифтори ҷангу хунрезӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, пеш аз ҳама, кӯшиш ба харҷ доданд, ки истиқлоли миллиро таҳким бахшанд, сулҳу субот дар кишвар ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандонро таъмин кунанд.

Ба таъкиди Пешвои миллат: «Ҳар касе, ки ниҳоле сабзонда бошад, медонад, дарахт дар як сол як бор ҳосил медиҳад. Аммо ниҳоле ҳаст, ки ҳамеша меваи ширин ба бор меоварад. Ин ниҳол ниҳоли дӯстӣ ва ваҳдат аст. Мо меваи ширини ин ниҳоли сабзондаамонро чашидем, ҷомеаи мо аз он баҳравар гардид ва мо дигар намегузорем, ки теша ба решаи он расад». Бо расидан ба Ваҳдати миллӣ барои пешрафт ва шукуфоии миллат дар тамоми соҳаҳо шароити созгор фароҳам гардид ва тадриҷан ба пешрафтҳои чашмгир ноил шуданд.

Дар ин замина, соҳаи фарҳанг рушд намуд. Имрӯз мо шоҳиди он ҳастем, ки ҳайати эҷодии мамлакатҳои хориҷа барои намоиши ҳунару маҳорат ва табодули таҷриба, баргузории рӯзҳои фарҳангӣ ба Тоҷикистон моянду ҳунармандони театрҳои тоҷик дар ҷашнвораҳои давлатҳои дигар иштирок мекунанд ва ин нишони таҳким ёфтани сулҳу ваҳдат дар кишвар аст.

Аз рӯзи расидан ба Ваҳдати миллӣ ва суботи комил баланд бардоштани маоши кормандони кулли соҳаҳо тадриҷан зиёд гардида, бунёди муассисаҳои нави таълимӣ вусъат ёфт. Илму маориф ба яке аз соҳаҳои муҳимми мамлакат табдил гардид.

Ваҳдати миллӣ яке аз бузургтарин дастовардҳои Тоҷикистони соҳибистиқлол ба шумор меравад. Вақте доир ба яке аз мафхумҳои муқаддаси ҳастии миллат – Ваҳдати миллӣ андеша менамоем, беихтиёр сухани ҳикматноки Пешвои миллат ба ёд меояд – «Ободии Тоҷикистон дар ваҳдат аст». Воқеан, ободии Ватани биҳиштосоямон дар ваҳдат зоҳир мегардад, зеро миллати мо дар гузаштаи начандон дур дучори мушкилоти бузурге гардид, ки ҳатто хавфи нестӣ ба он таҳдид мекард. Хушбахтона, бо талошҳои беназиру ҷонбозиҳои фарзанди баруманди миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон давлату миллат аз нобудӣ раҳо ёфт. Маҳз ҳамин аз худ гузаштанҳо буд, ки миллат ба чунин саодат расид.

Президенти мамлакат таъкид менамоянд: «Дар замони ниҳоят пуртазоди соҳибистиқлолии кишварамон нақши созандаи сулҳу ваҳдат, пеш аз ҳама, дар амри таҳким ва такмили рукнҳои давлатдорӣ, ки заминаҳои зарурии ҳифзи истиқлоли миллӣ, тамомияти арзии кишвар, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро амалан таъмин мекунад, возеҳан зоҳир гардид». Бояд гуфт, ки нақши ҷавонон дар таҳкими сулҳу субот бориз мебошад. Аз ин рӯ, тарбияи онҳо дар руҳияи худшиносиву худогоҳии миллӣ муҳим маҳсуб мешавад.

Мардуми сулҳдӯсту сулҳпарвари тоҷик дар лаҳзаҳои басо ҳассосу тақдирсоз сиёсати пешгирифтаи Роҳбари сулҳофарини давлатро дастгирӣ карда, зиндагии осоишта ва меҳнати ҳалолро аз ҷангу хусумат беҳтар донистанд.

Ҳотам ҲОМИДЗОДА,
«Омӯзгор»

Дар таърихи давлатдории тоҷикон санаҳое ҳастанд, ки аҳаммияти онҳо бо гузашти вақт боз ҳам бештар гардида, ҳамчун рамзи сарҷамъӣ, худшиносӣ ва бақои миллат хидмат мекунанд. Яке аз чунин рӯйдодҳои тақдирсоз ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки 27 июни соли 1997 ба ҷанги шаҳрвандӣ хотима бахшида, барои бунёди давлати муосири тоҷикон заминаи устувор фароҳам овард.

Сабақи таърих ва мактаби худшиносӣ



Тавре ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намудаанд, «Ваҳдати миллӣ ҳамчун падидаи нодири даврони соҳибистиқлолии кишвар барои сарҷамъ намудани миллати дар ҳоли парокандашавӣ қарордоштаи тоҷик ва аз вартаи нестӣ раҳоӣ бахшидани давлати навини тоҷикон нақши басо бузургро иҷро кард».

Солҳои аввали истиқлол барои Тоҷикистон даврai бисёр вазнин ва сарнавиштсоз буданд. Низоъҳои сиёсӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ боиси талафоти зиёди ҷонӣ, муҳоҷирати иҷбории аҳолӣ, хароб гардидани инфрасохтори иқтисодӣ ва коста шудани пояҳои давлатдорӣ гардиданд. Дар чунин шароит масъалаи ҳифзи якпорчагии давлат ва таъмини сулҳу субот ба вазифаи аввалиндараҷаи ҷомеа табдил ёфт.

Маҳз иродаи қавии сиёсӣ, хиради азалии мардуми тоҷик ва талошҳои пайгиронаи Роҳбарияти давлат имкон доданд, ки ҷонибҳои мухолиф ба ҳамдигарфаҳмӣ расида, сулҳу оштӣ барқарор гардад. Таҷрибаи сулҳи тоҷикон имрӯз ҳамчун яке аз намунаҳои муваффақи ҳалли низоъҳо тавассути муколама ва созиш дар арсаи байналмилалӣ мавриди омӯзиш қарор дорад.

Ваҳдати миллӣ оғози марҳалаи нави рушду созандагии кишвар гардид. Дар солҳои баъдӣ Тоҷикистон тавонист дар самтҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ба натиҷаҳои назаррас ноил гардад. Амалӣ гардидани ҳадафҳои стратегии миллӣ, аз ҷумла, таъмини истиқлоли энергетикӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва рушди саноатикунонии кишвар маҳз дар фазои сулҳу субот имконпазир гардид.

Имрӯз дар тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ садҳо иншооти иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва истеҳсолӣ бунёд гардида, сатҳи зиндагии мардум тадриҷан беҳтар мешавад. Пешрафти соҳаҳои маориф, илм, тандурустӣ ва фарҳанг низ самараи бевоситаи Ваҳдати миллӣ мебошанд. Маҳз дар шароити сулҳу оромӣ имконияти рушди сармояи инсонӣ ва татбиқи сиёсати иҷтимоии давлат фароҳам мегардад.

Дар замони муосир, ки ҷаҳон бо таҳдидҳои нави сиёсӣ, идеологӣ ва иттилоотӣ рӯ ба рӯ аст, аҳаммияти Ваҳдати миллӣ боз ҳам бештар мегардад. Ҳифзи манфиатҳои миллӣ, таҳкими худшиносӣ ва эҳтиром ба арзишҳои давлатдорӣ аз ҳар як шаҳрванд масъулияти баландро талаб мекунад. Дар ин раванд нақши муассисаҳои таълимӣ, зиёиён ва аҳли илм ҳамчун тарғибгарони фарҳанги сулҳ ва таҳаммулпазирӣ муҳим мебошад.

Ҷавонон ҳамчун неруи асосии ҷомеа бояд сабақҳои таърихро амиқ омӯзанд ва дарк намоянд, ки сулҳу ваҳдат ба осонӣ ба даст наомадааст. Он натиҷаи ҷоннисориҳо, заҳматҳои шабонарӯзӣ ва иродаи устувори фарзандони содиқи миллат мебошад. Аз ин рӯ, ҳифз ва таҳкими Ваҳдати миллӣ бояд ба қисми ҷудонашавандаи ҷаҳонбинӣ ва фарҳанги сиёсии насли нав табдил ёбад.

Бо гузашти солҳо Ваҳдати миллӣ ба арзиши бунёдии давлатдории тоҷикон ва омили асосии рушди устувори ҷомеа табдил ёфтааст. Имрӯз ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон вазифадор аст, ки барои таҳкими сулҳу субот, ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва пешрафти Ватани азиз саҳми худро гузорад. Дар сурати нигоҳ доштани фазои ваҳдат, ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамбастагӣ метавонем ба ҳадафҳои бузурги миллӣ расида, Тоҷикистони соҳибистиқлолро ба кишвари боз ҳам пешрафта ва обод табдил диҳем.

Парвина ИСЛОМОВА,
омӯзгори калони кафедраи забонҳои хориҷии
ДПДТТ ба номи академик М. С. Осимӣ
дар шаҳри Хуҷанд

24-25 июн дар шаҳри Душанбе даври сеюми Форуми марказҳои таҳлилии «Осиёи Марказӣ ва Ҷумҳурии Корея» баргузор гардид.

27 ИЮН – РӮЗИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ

Нақши илму маориф ва рисолати зиёиён дар таҳкими Ваҳдати миллӣ

Дар шароити нави ҷаҳонишавӣ, ки муносибатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ босуръат мураккаб мешаванд, масъалаи таҳкими Ваҳдати миллӣ аҳаммияти бештар пайдо мекунад. Барои ҳифзи ин неъмати бебаҳо тамоми ниҳодҳои ҷомеа, бахусус, аҳли илму маориф, зиёиёну олимон масъулияти бузург доранд.



Таърих собит намудааст, ҷомеаҳое, ки дорои сатҳи баланди маърифат ва фарҳанги сиёсӣ мебошанд, дар ҳифзи ваҳдат ва суботи сиёсиву иқтисодӣ муваффақ мешаванд. Аз ин рӯ, илму маориф ҳамчун воситаи асосии ташаккули маърифат ва ҷаҳонбинии ҷомеа дар таҳкими ваҳдат нақши бориз доранд.

Имсол, ки 35-солагии Истиқлоли давлатӣ таҷлил мешавад, тақдими «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ба тамоми мардуми кишвар ва эълони озмуни «Шоҳномахонӣ» ба унвони яке аз тадбирҳои нодир дар таҳкими худшиносии миллӣ метавонад хидмат намояд.

Маҳз тавассути донишҳои таърихӣ насли ҷавон сабақҳои гузашта ва арзиши сулҳу ваҳдатро амиқ дарк менамояд.

Яке аз заминаҳои устувори Ваҳдати миллӣ ташаккули фарҳанги сиёсӣ ва шаҳрвандии аҳолӣ ба шумор меравад. Фарҳанги сиёсӣ маҷмуи донишҳо, арзишҳо ва муносибатҳои шаҳрвандон дар муносибат ба давлат, ҷомеа ва қонун мебошад. Тавассути таълими фанҳои ҷамъиятшиносӣ, ҳуқуқ, сиёсатшиносӣ ва фалсафа ҷавонон бо принсипҳои аслии демократия, волоияти қонун, ҳуқуқи инсон ва масъулияти шаҳрвандӣ ошно мегарданд. Ин донишҳо барои ташаккули мавқеи фаъоли шаҳрвандӣ ва эҳтиром ба арзишҳои давлатдорӣ мусоидат мекунанд.

Шаҳрванди дорои фарҳанги баланди сиёсӣ манфиатҳои миллӣ ва ҷамъиятиро аз манфиатҳои шахсӣ боло мегузорад, ба таҳрику таблиғоти ифротгароёна дода нашуда, барои ҳифзи суботи ҷомеа саҳм мегузорад. Аз ин рӯ, баланд бардоштани сатҳи маърифати сиёсӣ яке аз вазифаҳои муҳимми низоми маориф мебошад.

Маълум аст, ки дар низоми маориф омӯзгор нақши меҳварӣ дорад. Сифати таълиму тарбия, пеш аз ҳама, ба сатҳи дониш, малака ва ҷаҳонбинии омӯзгор марбут аст. Омӯзгор ҳамчун тарбиятгар дар ташаккули шахсияти шаҳрвандон нақши ҳалкунанда мебозад. Ӯро пешбарандаи ҷомеа барои он мешуморанд, ки на танҳо дониш медиҳад, балки худ намунаи ахлоқи ҳамида, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ, ватандӯстӣ ва масъулиятшиносӣ мебошад.

Дар зимн, мактабҳои олӣ ҳамчун марказҳои илму маърифат дар ташаккули зеҳнии ҷомеа саҳми назаррас мегузоранд. Муҳити донишгоҳӣ имконияти муошират намояндагони минтақаҳо ва гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоиро фароҳам меорад. Ин раванд ба густариши ҳамдигарфаҳмӣ, таҳаммулпазирӣ ва эҳтироми тарафайн мусоидат мекунад. Ҳамзамон, корҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар самти омӯзиши масъалаҳои ваҳдат, сулҳ ва рушди ҷомеа метавонанд барои таҳияи сиёсати самараноки давлатӣ замина фароҳам созанд.

Дар баробари низоми маориф, илм низ табиатан хусусияти муттаҳидкунанда дорад. Дар фаъолияти илмӣ меъёри асосӣ дониш, таҷриба ва далел ба шумор меравад, на мансубияти минтақавӣ, иҷтимоӣ ё ақидавӣ. Аз ин рӯ, муҳити илмӣ метавонад ҳамчун намунаи ҳамкорӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ барои таҳкими Ваҳдати миллӣ хизмат намояд. Олимону донишмандон, дар баробари машғулият ба паҳлуҳои чудогонаи таҳқиқоти илмӣ, масъалаҳои назарии таҳкими Ваҳдати миллиро таҳқиқ намуда, барои татбиқи онҳо дар низоми ҷомеа иқдом менамояд.

Дар ҷараёни амалӣ гардидани лоиҳаҳои муштараки илмӣ байни донишгоҳҳо ва марказҳои илмӣ робитаҳои зеҳнӣ ва касбӣ таҳким ёфта, ҳисси ягонагии миллӣ тақвият меёбад. Пайвандҳои илмӣ ва ҳамкориҳои муштарак миёни муассисаҳои илмӣ ва таълим, пажуҳишгоҳҳо метавонад чун омили муҳимми Ваҳдати миллӣ хидмат кунад.

Дар баробари ин, рушди илм ҷиҳати болоравии рақобатпазирии давлат ба ҳама гуна таҳдидҳои беруна ва беҳтар гардидани сатҳи зиндагии мардум мусоидат мекунад. Пешрафти низоми иқтисодӣ яке аз омилҳои муҳимми таҳкими субот ва Ваҳдати миллӣ эътироф гардидааст.

Дар таҳкими Ваҳдати миллӣ нақши зиёиён ҳамчун неруи пешбарандаи фикрӣ ва маънавии ҷомеа назаррас мебошад. Зиёиён бо донишу маърифат, ҷаҳонбинии васеъ, сухани созанда ва фаъолияти пурсамари худ дар тарғиби сулҳу ваҳдат, баланд бардоштани маърифати сиёсиву фарҳангии мардум ва тарбияи насли наврасу ҷавон саҳми арзанда мегузоранд.

Дар ҳар ҷомеа зиёиён ҳамчун табақаи пешоҳанг ва раҳнамои фикрии мардум шинохта мешаванд. Ба қатори зиёиён олимон, омӯзгорон, адибон, шоирон, рӯзноманигорон, муҳаққиқон, табибон, ҳуқуқшиносон, ходимони фарҳанг ва санъат дохил мешаванд. Хусусияти асосии зиёӣ дар он аст, ки ӯ соҳиби дониш аст, масъулияти иҷтимоӣ ва шаҳрвандиро бар дӯш дорад.

Таърих собит намудааст, ки дар даврањои ҳассос ва сарнавиштсози рушди миллатҳо маҳз зиёиён тавонистаанд бо андешаҳои созанда, пешниҳоди роҳҳои ҳалли мушкилот ва муттаҳид намудани мардум дар атрофи арзишҳои умумимиллӣ саҳми муассир гузоранд. Бо дарназардошти ҳамин нақши муҳим, ҳамасола дар Тоҷикистон мулоқоти Пешвои миллат бо зиёиён баргузор мешавад.

Яке аз заминаҳои муҳимми Ваҳдати миллӣ худшиносии миллӣ ба шумор меравад. Миллате, ки аз таърихи худ огоҳ аст, фарҳанги худро эҳтиром мекунад ва арзишҳои миллиро гиромӣ медорад, метавонад ваҳдати худро ҳифз намояд ва ба пешрафт ноил гардад. Аз ин рӯ, зиёиён дар бедор намудани ҳисси худшиносии миллӣ нақши муҳим доранд, зеро онҳо тавассути таҳқиқоти илмӣ, таълифи китобҳо, мақолаҳо ва асарҳои бадеӣ мардумро бо таърихи пурғановати миллат, дастовардҳои фарҳангӣ ва шахсиятҳои бузург ошно месозанд. Ба таъбири дигар, яке аз рисолатҳои бузурги зиёиён дар ҷомеа мусоидат ба таҳаввули раванди худшиносии миллӣ, боло бурдани ҳисси ватандӯстӣ ва маърифатпарварӣ ба шумор меравад.

Олимон ва муҳаққиқон бо омӯзиши таърихи давлатдории тоҷикон ва мероси фарҳангӣ ба таҳкими эҳсоси ифтихори миллӣ мусоидат менамоянд. Агар омӯзгорон ин донишҳоро ба насли ҷавон интиқол диҳанд, адибон ва шоирон тавассути каломи бадеъ муҳаббат ба Ватан ва эҳтиром ба арзишҳои миллиро дар қалби мардум ҷой медиҳанд. Зиёиён тавассути анҷоми ин рисолати бузург на танҳо худшиносии миллиро таҳким мебахшанд, балки дар устувории Ваҳдати миллӣ саҳм мегузоранд. Дар солҳои душвори таърихи навини Тоҷикистон зиёиён аз аввалин нафароне буданд, ки мардумро ба сулҳ, оромӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ даъват мекарданд. Онҳо тавассути суханрониҳо, мақолаҳо, барномаҳои радиоиву телевизионӣ ва асарҳои бадеӣ мардумро аз оқибатҳои харобиовари ҷудоӣ ва низоъ огоҳ намуда, зарурати муттаҳидӣ ва оштиро пайваста таъкид мекарданд.

Маҳз зиёиён дар байни мардум ғояҳоро тарғиб менамуданд, ки сарфи назар аз гуногунии ақидаҳо ва дидгоҳҳо, манфиати умумимиллӣ бояд аз ҳама гуна манфиатҳои гурӯҳӣ болотар бошад. Ин андеша яке аз сутунҳои асосии Ваҳдати миллӣ гардид.


Олимону донишмандон, ки ҷузъи муҳимми зиёиёни кишвари моро ба вуҷуд овардаанд, дар ташаккули тафаккури илмии ҷомеа саҳми назаррас доранд. Онҳо тавассути таҳқиқоти худ сабаб ва роҳҳои ҳалли мушкилоти иҷтимоиро меомӯзанд ва барои рушди устувори давлат пешниҳодҳои муфид манзур менамоянд.

Мусаллам аст, ки дар асри XXI ҷомеаи ҷаҳонӣ бо таҳдидҳои гуногуни идеологӣ, аз ҷумла, экстремизм, радикализм, терроризм ва иттилооти бардурӯғ қарор гирифтааст.

Муҳимтарин омили таъсиргузор дар шароити муосир коркарди имкониятҳои таъсиргузор ва самараҳои илму маориф дар пойдорӣ ва таҳкими Ваҳдати миллӣ ба ҳисоб меравад. Тавассути ташаккули худшиносии миллӣ, баланд бардоштани маърифати сиёсӣ, тарбияи таҳаммулпазирӣ, рушди тафаккури илмӣ ва муқовимат ба таҳдидҳои беруна низоми илму маориф барои устувории ҷомеа заминаи боэътимод фароҳам меорад.

Таҳкими Ваҳдати миллӣ дар шароити нави таърихӣ ба сатҳи маърифат, фарҳанг ва донишҳои шаҳрвандон пайванди амиқ дорад. Чунки танҳо насли босаводу маърифатпарвар метавонад Ваҳдати миллиро ҳифз намуда, онро чун дастоварди бузурги миллӣ, рамзи саодати маънавӣ таҳким бахшад.

Обидҷон МАҲМУДЗОДА,
муовини директор оид ба илм ва инноватсияи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ, доктори илмҳои филологӣ, профессор



Истиқлол ва пешрафти маориф

Китоби узви вобастаи АМИТ, доктори илмҳои таърих, профессор Абдуфаттоҳ Шарифзода «Нури маърифат» (солҳои 1991-2021) фарогири талошҳо ва хидматҳои хостагинопазири Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар рушди илму маориф мебошад.

Дар ин асар муаллиф кӯшиш намудааст, ки дастовардҳои соҳаи маорифро дар даврони соҳибистиқлолӣ ба таври воқеӣ инъикос намояд.

Дар китоб хидматҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самтҳои бунёду навсозӣ, қабулу амалинамоии санадҳои соҳавӣ, муҳайёсозии шароити муосири таҳсилу илмомӯзӣ барои наврасону ҷавонон, фароҳам овардани фазои мусоиди тадқиқоту навоварӣ дар соҳаи маориф, дастрасии насли даврони соҳибистиқлол барои таҳсил дар бонуфузтарин муассисаҳои таҳсилоти олии касбии хориҷӣ, муаррифии илми ватанӣ дар арсаи байналмилалӣ, сохтмони муасисаҳои таълимӣ, томактабӣ, миёнаи умумӣ, миёна ва олии касбӣ бозтоб шудааст. Муаллиф бо такя ба далелҳо, санадҳо ва маводи таҳлилӣ масъалаҳои муҳимми соҳаи маорифро мавриди омӯзиш қарор додааст. Забони асар равон буда, хонандаро ба андеша кардан водор месозад.

Асари мазкур аз пешгуфтор ва якчанд мавзуи мубрам, аз ҷумла, маблағгузории соҳаи маориф, таҳсилоти томактабӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ, барномаи компютеркунонии мактабҳо, омӯзиши забонҳои хориҷӣ, Озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», нашри китобҳои дарсӣ, таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, квотаи президентӣ, робитаҳои байналмилалӣ, илм ва инноватсия ва мулоқоти бо зиёиёни мамлакатро дар бар мегирад.

Бояд зикр намуд, ки дар асар расмҳо аз иштироки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маросими кушодашавии кӯдакистонҳои президентӣ, «Табассум», «Зебунисо», «Нигина», «Гули Наврӯз», «Нурафшон», «Офтобак», «Хуршеди Тоҷикистон», «Санавбар», «30-солагии истиқлол», «Хуршеди истиқлол», «Адолат», «Оиша», «Бону», «Закия», «Маърифатпарвар», «Зангула» ва кӯдакистони муассисаи таълимии мактаби байналмилалӣ дар шаҳри Душанбе ҷойгир шудааст.

Китоб дорои аҳаммияти илмӣ-назариявӣ ва амалӣ буда, натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф метавонанд дар корҳои илмӣ-назариявӣ ҷиҳати муайян намудани роҳҳои инкишофи муассисаҳои таълимӣ, томактабӣ, миёнаи умумӣ, миёна ва олии касбӣ, пеш аз ҳама, маориф кумак расонанд.

Ф. АБДУРАШИТОВ,
доктори илмҳои таърих, профессор

Дар Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон неругоҳи офтобӣ бо иқтидори 150 кВт ба истифода дода шуд.

Чун кабӯтар сулҳи тоҷикон парафшон дар самост,
Бар ҳама дунё паёми мо салои ваҳдат аст.
Камол Насрулло

27 ИЮН – РӮЗИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ



Падидаи сарнавиштсоз ва ташаккули давлатдории миллӣ

МУҚАДДИМА

Истиқлоли давлатӣ бузургтарин дастоварди таърихии мардуми тоҷик ба шумор меравад, ки дар охири асри XX насиби халқи шарафманди Тоҷикистон гардид. Ин рӯйдоди муҳимми сиёсӣ ва таърихӣ замина фароҳам овард, ки миллати тоҷик баъд аз садсолаҳо соҳиби давлати мустақил гардад ва сарнавишти хешро мустақилона муайян намояд. Мусаллам аст, ки солҳои аввали истиқлол барои Тоҷикистон хеле душвор буд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ба гирдоби ҷанги шаҳрвандӣ кашида шуд, ки он хисороти бузурги моддию маънавӣ ва ҳатто хатари аз байн рафтани давлат ва пароканда шудани миллатро ба вуҷуд овард. Дар чунин шароити ниҳоят ҳассосу сарнавиштсоз шахсияте зарур буд, ки манфиатҳои миллӣ, таҳкими истиқлол, ҳифзи давлатдорӣ ва барқарор намудани сулҳу суботро аз ҳама боло гузорад. Дар Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар таърихи давлатдории навини тоҷикон саҳифаи нав боз намуд, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Раиси Шурои Олӣ интихоб гардиданд. Сарвари давлат пас аз интихоб шудан ба ин вазифаи пурмасъулият дар нахустин муроҷиати худ ба мардуми кишвар бо итминон изҳор намуданд: «Ман ба шумо сулҳ меорам!». Ин суханони таърихӣ умеди мардумро ба ояндаи осоишта бештар намуда, самти рушди минбаъдаи кишварро муайян сохт.

Дар он рӯзҳои пурошӯб Пешвои миллат тамоми неру ва ҳастии худро барои таъмини сулҳу субот, Ваҳдати миллӣ ва таҳкими Истиқлоли давлатӣ сафарбар намуданд. Маҳз бо шарофати талошҳои пайгирона, иродаи қавӣ, ҷасорат ва матонати Роҳбарияти кишвар 27 июни соли 1997 Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ба имзо расид. Ин санади сарнавиштсоз ба ҷанги шаҳрвандӣ хотима бахшида, Тоҷикистонро ба марҳалаи нави рушд, созандагӣ ва пешрафт ворид намуд.

СИЁСАТИ ХИРАДМАНДОНА ВА ТАШАББУСҲОИ БАШАРДӮСТОНА

Бо шарофати сиёсати хирадмандона ва дурбинонаи Роҳбари давлат Ҷумҳурии Тоҷикистон тавонист симои худро ҳамчун давлати сулҳпарвар, демократӣ ва ташаббускор дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ намояд. Сиёсати «дарҳои боз», ки аз самтҳои муҳимми сиёсати хориҷии кишвар ба ҳисоб меравад, имконият фароҳам овард, ки ҳамкориҳои Тоҷикистон бо кишварҳои ҷаҳон ва созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ тадриҷан густариш ёфта, ҷумҳурӣ ба натиҷаҳои назаррас ноил гардад.

Имрӯз Тоҷикистон дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ба сифати кишвари сулҳҷӯ, ташаббускор ва ҷонибдори ҳалли масъалаҳои глобалӣ эътироф гардидааст. Таҷрибаи сулҳи тоҷикон ҳамчун намунаи муваффақи ҳалли низоъҳои дохилӣ дар сатҳи байналмилалӣ арзёбӣ мешавад ва мавриди омӯзиш қарор дорад.

Сиёсати созанда ва мутавозини хориҷии Тоҷикистон боис гардид, ки муносибатҳои дипломатӣ ва иқтисодии кишвар бо аксари давлатҳои ҷаҳон дар сатҳи баланд ба роҳ монда шаванд. Имрӯз дар Тоҷикистон намояндагиҳои дипломатии кишварҳои гуногун фаъолият доранд ва ҳамзамон, сафоратхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар давлатҳои хориҷӣ манфиатҳои миллӣ ва сиёсати давлатии кишварро муаррифӣ мекунанд. Ин омил ба рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ, ҷалби сармоягузорӣ, густариши робитаҳои фарҳангӣ ва таҳкими мавқеи байналмилалии Тоҷикистон мусоидат менамояд.

Дар баробари ин, ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон дар самти таҳкими сулҳу субот, муболиза бо таҳдидҳои муосир, аз ҷумла, терроризм ва экстремизм, инчунин, ҳифзи муҳити зист ва таъмини дастрасӣ ба захираҳои обӣ аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ дастгирӣ пайдо намудаанд. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониҳои худ аз минбарҳои бонуфузи байналмилалӣ пайваста ба масъалаҳои амният, сулҳу субот, пешгирии низоъҳо ва ҳалли мушкилоти глобалӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, пешниҳодҳои созанда манзур месозанд.

Яке аз муҳимтарин ташаббусҳои Тоҷикистон марбут ба масъалаи об ва ҳифзи муҳити зист мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт як қатор ташаббусҳои ҷаҳониро пешниҳод намудааст, ки аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид ва ҷомеаи байналмилалӣ ҳамаҷониба дастгирӣ гардидаанд. Ин ташаббусҳо ба ҳалли мушкилоти вобаста ба захираҳои обӣ, тағйирёбии иқлим ва таъмини рушди устувор мусоидат менамоянд.

Бо шарофати чунин сиёсати фаъол ва созанда пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон – шаҳри Душанбе ба макони баргузории ҳамоишҳо ва чорабиниҳои муҳимми байналмилалӣ табдил ёфтааст. Ин гуна тадбирандешиҳо ба баррасӣ ва ҳалли масъалаҳои глобалӣ мусоидат намуда, обрӯ ва нуфузи Тоҷикистонро дар арсаи ҷаҳонӣ боз ҳам баланд мебардоранд.

Ба ин маънӣ, моҳи майи соли 2026 дар шаҳри Душанбе Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» баргузор гардид. Ин чорабинии бонуфуз дар воситаҳои ахбори оммаи ҷаҳон ба таври васеъ инъикос ёфта, бори дигар саҳми Тоҷикистонро дар ҳалли масъалаҳои муҳимми глобалӣ нишон дод. Инъикоси васеи чунин чорабиниҳо дар баробари баланд бардоштани обрӯи байналмилалии кишвар, ба ҷалби сармоягузорӣ, рушди соҳаи сайёҳӣ ва муаррифии имконоти Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ мусоидат менамояд. Дар ин самт, бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷоизаи байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи об таъсис ёфт, ки аз нуфузи рӯзафзуни Тоҷикистон дар аксои олам шаҳодат медиҳад.

Ҳамин тариқ, сиёсати хирадмандона ва ташаббусҳои башардӯстонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони истиқлол ба таҳкими мавқеи кишвар дар ҷомеаи ҷаҳонӣ, рушди устувори давлат ва баланд гардидани нуфузи байналмилалии мамлакат мусоид менамояд.

САНОАТИКУНОНИИ БОСУРЪАТИ КИШВАР ВА ГУСТАРИШИ БУНЁДКОРИҲО

Маълум аст, ки дар замони соҳибистиқлолӣ ва пас аз барқарор гардидани сулҳу суботи комил Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дастовардҳои назарраси иқтисодиву иҷтимоӣ ноил гардид. Барои таъмини рушди устувори кишвар Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳадафҳои стратегии миллиро муайян намуд, ки аз ҷумла, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ, расидан ба истиқлоли энергетикӣ ва саноатикунонии босуръати кишвар аз муҳимтарини онҳо ба ҳисоб мераванд.

Татбиқи пайгиронаи ин ҳадафҳои стратегӣ имкон фароҳам овард, ки таваҷҷуҳи асосии давлат ба соҳаҳои ҳаётан муҳим равона гардида, барои беҳтар намудани сатҳи зиндагии мардум ва рушди иқтисоди миллӣ заминаҳои мусоид фароҳам оварда шаванд.

Имрӯз бо шарофати истиқлол ва сиёсати созандаву бунёдкоронаи Пешвои миллат дар тамоми гӯшаву канори мамлакат рафтуомад дар ҳамаи фаслҳои сол таъмин гардидааст. Бунёд ва таҷдиди роҳҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ ба рушди иқтисодӣ, густариши робитаҳои тиҷоратӣ ва таҳкими Ваҳдати миллӣ мусоидат намуда истодааст. Дар айни замон сохтмон ва таҷдиди роҳҳо, нақбҳо ва пулҳои замонавӣ дар минтақаҳои гуногуни кишвар идома дошта, шароити мусоидро барои фаъолияти иқтисодӣ ва зиндагии шоистаи аҳолӣ муҳайё месозанд.

Дар самти таъмини амнияти озуқаворӣ низ корҳои назаррас анҷом дода шудаанд. Истифодаи самараноки замин, ҷорӣ намудани технологияҳои муосири кишоварзӣ ва баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳо имконият фароҳам овардааст, ки дар бисёр минтақаҳои кишвар дар як сол ду ва ҳатто се ҳосил ба даст оварда шавад. Дар натиҷа бозори дохилӣ бо маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза ва босифат таъмин гардида, сатҳи таъминоти аҳолӣ бо маҳсулоти кишоварзӣ беҳтар шудааст.

Расидан ба истиқлоли энергетикӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ ба ҳисоб меравад. Тоҷикистон дорои захираҳои бузурги гидроэнергетикӣ буда, истифодаи самараноки онҳо барои рушди иқтисоди миллӣ аҳаммияти калон дорад. Маҳз аз ҳамин сабаб, аз солҳои аввали истиқлолият ба бунёди неругоҳҳои барқи обӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир карда шуд. Дар даврони истиқлол даҳҳо неругоҳи хурду миёна сохта ба истифода дода шуданд. Аз ҷумла, неругоҳҳои барқи обии «Сангтӯда-1» ва «Сангтӯда-2» дар таъмини аҳолӣ ва соҳаҳои иқтисодиёт бо неруи барқ саҳми арзанда доранд. Ҳамзамон, корҳои сохтмонӣ дар иншооти азими аср – Неругоҳи барқи обии «Роғун» босуръат идома дошта, ду чархаи он ба истифода дода шудааст. Пас аз пурра ба анҷом расидани сохтмони ин неругоҳ Тоҷикистон ба яке аз кишварҳои асосии содиркунандаи неруи барқи аз ҷиҳати экологӣ тоза дар минтақа табдил хоҳад ёфт.

Дар баробари ин, истифодаи манбаъҳои алтернативии энергия, аз ҷумла, неруи офтоб ва бод низ тадриҷан густариш меёбад. Татбиқи чунин лоиҳаҳо барои таъмини истиқлоли комили энергетикӣ ва ҳифзи муҳити зист аҳаммияти калон дорад.

Ҳамчунин, дар кишвар бунёди корхонаҳои саноатӣ бавусъат ҷараён дошта, барои табдил ёфтан аз кишвари аграрӣ-саноатӣ ба саноатӣ-аграрӣ қадамҳои устувор гузошта мешаванд ва мардум бо ҷойҳои нави корӣ таъмин мешаванд.

Ҳамин тавр, сиёсати созанда ва рушди устувори иқтисодӣ дар даврони истиқлол Тоҷикистонро ба марҳалаи нави пешрафт ворид намуда, барои зиндагии шоиста ва ояндаи дурахшони мардум заминаҳои боэътимод фароҳам овардааст.

САРМОЯГУЗОРӢ БА ОЯНДАИ КИШВАР

Мусаллам аст, ки маориф ва илм омили асосии пешрафт, рушд ва шукуфоии ҳар як давлат ба ҳисоб мераванд, зеро маҳз насли соҳибмаърифат ва дорои ҷаҳонбинии васеъ метавонад арзишҳои миллӣ ва давлатиро ҳифз намуда, истиқлолу ваҳдатро таҳким бахшад ва бо эҳсоси баланди ватандӯстӣ дар пешрафти кишвар саҳми арзанда гузорад. Аз ин рӯ, соҳаи маориф дар сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи меҳварӣ дошта, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои аввали истиқлол ба рушди ин соҳаи ҳаётан муҳим таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамоянд. Бо тадриҷан бартараф гардидани мушкилоти иқтисодиву иҷтимоӣ ҳаҷми маблағгузорӣ ба соҳаи маориф зиёд гардида, барои таълиму тарбия ва рушди илму дониш шароити мусоид фароҳам оварда шуд. Имрӯз мо шоҳиди он ҳастем, ки Пешвои миллат зимни ҳар як сафари корӣ ба шаҳру ноҳияҳои мамлакат бо аҳли илму маориф мулоқот намуда, муассисаҳои нави таълимиро мавриди истифода қарор медиҳанд.

Яке аз омилҳои муҳимми рушди соҳа, зиёд гардидани маблағгузории давлатӣ мебошад. Сол то сол ҳаҷми маблағҳои буҷетӣ барои соҳаи маориф афзоиш ёфта, чиҳати беҳтар намудани инфрасохтори муассисаҳои таълимӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои нав ва баланд бардоштани сифати таълим равона карда мешаванд.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ сохтмон ва азнавсозии муассисаҳои таълимӣ густариш пайдо кард. Ҳамасола даҳҳо муассисаи нави таълимӣ дар шаҳру ноҳияҳои мамлакат ба истифода дода мешаванд, ки онҳо бо таҷҳизоти муосири таълимӣ, озмоишгоҳҳо ва технологияҳои рақамӣ таъмин гардида, барои омӯзиши босифат шароити мусоид фароҳам меоранд.

Дар замони истиқлол мақоми омӯзгор ҳамчун қишри зиёии ҷомеа ба таври назаррас боло рафтааст. Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақоми омӯзгор» далели равшани ғамхории давлат нисбат ба омӯзгорон мебошад. Ҳамзамон, музди меҳнати омӯзгорон мунтазам зиёд гардида, барои онҳо имтиёзҳои гуногун муқаррар шудаанд. Ин тадбирҳо ба баланд шудани нуфузи омӯзгор ва беҳтар гардидани сатҳу сифати таълим мусоидат менамоянд.

Дар солҳои истиқлол низоми маорифи кишвар тадриҷан ба меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ гардонида мешавад. Ҷорӣ намудани низоми бисёрҳолаи баҳогузорӣ, рушди таҳсилоти фарогир, рақамикунонии соҳаи маориф ва густариши ҳамкориҳо бо созмонҳои байналмилалӣ аз ҷумлаи иқдомҳое мебошанд, ки ба баланд гардидани сифати таълим мусоидат менамоянд. Ҳамзамон, дастовардҳои хонандагони тоҷик дар олимпиадаҳои байналмилалӣ сол то сол зиёд гардида, онҳо парчами кишварро дар арсаи ҷаҳонӣ баланд мебардоранд.

Дар даврони истиқлол ба омӯзиши фанҳои дақиқ, риёзӣ ва табиатшиносӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шуд. Эълони «Бистолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» имкон фароҳам овард, ки хонандагон бештар ба омӯзиши ин фанҳо ҷалб гардида, ба ихтироъкорӣ ва навоварӣ рӯ оваранд.

Баргузории озмунҳои ҷумҳурияӣ – «Фурӯғи субҳи доной китоб аст», «Илм – фурӯғи маъ-

Дар Тоҷикистон дар даҳ сол як маротиба барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил гузаронида мешавад.

рифат», «Тоҷикистон – Ватани азизи ман» ва «Шоҳномахонӣ» барои дарёфт, дастгирӣ ва тарбияи наврасону ҷавонони лаёқатманд заминаи мусоид фароҳам оварда, ба баланд бардоштани фарҳанги китобхонӣ, рушди тафаккури эҷодӣ ва густариши донишу маърифат мусоидат менамоянд.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ барои ҷавонони тоҷик имконоти васеъ ҷиҳати таҳсил дар беҳтарин муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишварҳои хориҷӣ фароҳам оварда шуданд. Ҳазорон нафар ҷавонон дар донишгоҳҳои бонуфузи ҷаҳон таҳсил намуда, ҳамчун мутахассисони баландихтисос ба Ватан баргашта, дар рушди соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт ва иҷтимоиёт саҳми арзанда мегузоранд. Дар ин самт, таъсиси Стипендияи байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дурахшандагон» низ нақши муҳим дорад.

Таъсиси квотаи Президентӣ яке аз иқдомҳои муҳимми давлат дар самти дастгирии ҷавонони боистеъдод, бахусус, аз минтақаҳои дурдасти кишвар ба ҳисоб меравад. Ин ташаббус имкон фароҳам овард, ки ҷавонони зиёде ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар дохил шуда, соҳиби касбу ихтисос гарданд.

Ҳамин тариқ, сармоягузорӣ ба маориф дар асл сармоягузорӣ ба ояндаи давлат, миллат ва рушди устувори Тоҷикистон мебошад.

РИСОЛАТИ ВАТАНДОРӢ ВА ХУДШИНОСИВУ ХУДОГОҲИИ МИЛЛӢ

Яке аз масъалаҳои муҳимме, ки дар замони соҳибистиқлолӣ мавриди таваҷҷуҳи махсуси Давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор гирифт, баланд бардоштани ҳувияти миллӣ, худшиносиву худогоҳии шаҳрвандон мебошад, зеро пояҳои Истиқлоли давлатӣ, Ваҳдати миллӣ ва давлатдории муосир маҳз дар заминаи маърифати баланд, эҳсоси ватандӯстӣ ва худшиносии миллӣ устувор мегардад. Аз ин ҷост, ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ ба масъалаи эҳёи арзишҳои миллӣ, омӯзиши таърихи пурифтихори халқи тоҷик ва таҳкими худшиносии миллӣ аҳаммияти аввалиндараҷа зоҳир намудаанд. Дар ин замина, ҷашнҳо ва ҳамоишҳои сатҳи баланди ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ бахшида ба шахсиятҳо ва рӯйдодҳои муҳимми таъриху фарҳанги тоҷикон баргузор гардиданд.

Аз ҷумла, таҷлили солгарди Давлати Сомониён, бузургдошти шахсиятҳои барҷаста, аз қабили Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абуалӣ ибни Сино, Ҷалолиддини Балхӣ, Носири Хусрав, Абдураҳмони Ҷомӣ, Имоми Аъзам, Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Мирзо Турсунзода, инчунин, ҷашнҳои 2700-солагии Кӯлоби бостонӣ, 3000-солагии Ҳисори Шодмон, 5500-солагии Саразм ва ғайра дар роҳи таҳкими худшиносии миллӣ ва боло бурдани ҳисси ифтихори ватандорӣ такони ҷиддӣ бахшиданд.

Ҳамзамон, дар замони истиқлол осори гаронбаҳои таърихию фарҳангӣ дастраси мардум гардиданд. Нашри оммавии «Тоҷикон»-и академик Бобоҷон Ғафуров ва «Шоҳнома»-и Ҳаким Фирдавсӣ барои густариши маърифати миллӣ ва шинохти амиқи таърихи халқи тоҷик саҳми назаррас гузоштанд. Ин асарҳо ба наврасону ҷавонон имкон медиҳанд, ки аз таърихи давлатдорӣ, фарҳанг ва тамаддуни миллати хеш огоҳии бештар пайдо намоянд. Дар баробари ин, осори Пешвои миллат, аз ҷумла, «Тоҷикон дар оинаи таърих», «Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ», «Ориёиҳо ва шинохти тамаддуни ориёӣ», «Чеҳраҳои мондагор», «Забони миллат – ҳастии миллат» дар шинохти шахсиятҳои барҷастаи таърихӣ, дарки амиқи асолати таърихӣ ва ташаккули ҷаҳонбинии миллӣ нақши муҳим доранд.

Яке аз рӯйдодҳои муҳимми солҳои охир, ки аҳаммияти бузурги маънавӣ ва таърихӣ дорад, ба Ватан баргардонидани хоки қаҳрамонони миллӣ – Нусратулло Махсум, Шириншоҳ Шоҳтемур ва шахсияти маъруфи кишвар Нисор Муҳаммад мебошад. Ин иқдоми таърихӣ бори дигар нишон дод, ки роҳбарияти давлат ба масъалаи ҳифзи хотираи таърихӣ, арҷгузорӣ ба хидматҳои фарзандони содиқи миллат ва таҳкими худшиносии миллӣ аҳаммияти махсус медиҳад. Ҳузури бевоситаи Пешвои миллат дар маросими истиқболи мушти хоки ин фарзандони фарзонаи миллат дар фурудгоҳ нишонаи эҳтироми амиқ ба таърих, давлатдорӣ ва хидматҳои шахсиятҳои барҷаста мебошад. Ин иқдом дар ҷомеа ҳисси баланди ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ ва масъулияти шаҳрвандиро таҳким бахшид. Инчунин, бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷоизаи байналмилалии ба номи Абуалӣ ибни Сино таъсис дода шуд, ки боз як далели эътибори баланди фарзонафарзандони миллат дар арсаи ҷаҳонӣ маҳсуб меёбад.

Ҳамин тариқ, дар замони истиқлол масъалаҳои худшиносиву худогоҳии миллӣ ба яке аз самтҳои муҳимми сиёсати давлатӣ табдил ёфта, барои таҳкими пояҳои давлатдорӣ, Ваҳдати миллӣ ва тарбияи насли ватандӯсту худогоҳ заминаи мусоид фароҳам оварданд. Маҳз тавассути эҳёи арзишҳои таърихиву фарҳангӣ ва арҷгузорӣ ба мероси ниёгон метавон Истиқлоли давлатиро ҳифз намуда, ояндаи дурахшони кишварро таъмин кард.

ХУЛОСА

Соли ҷорӣ барои мардуми Тоҷикистон таърихиву сарнавиштсоз ба ҳисоб меравад, зеро кишвари азизи мо ҷашни муқаддасу пурифтихори 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҷлил менамояд. Дар ин давра Тоҷикистон таҳти роҳбарии хирадмандонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳи пуршарафи бунёдкорӣ, таҳкими давлатдорӣ ва рушди устуворро тай намуда, ба дастовардҳои назаррасе сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ноил гардид.

Бо мақсади сазовор истиқбол гирифтани ин ҷашни бузурги миллӣ ва вусъат бахшидани корҳои созандагӣ дар мамлакат, бо ташаббуси Сарвари давлат соли 2026 «Соли вусъат додани корҳои ободониву созандагӣ ва тақвияти таҳкими худшиносиву худогоҳии миллӣ» эълон гардид. Вобаста ба ин, корҳои ободониву бунёдкорӣ дар тамоми шаҳру ноҳияҳои кишвар вусъати тоза гирифта, барои боз ҳам беҳтар гардидани шароити зиндагии мардум заминаҳои мусоид фароҳам оварда мешаванд.

Таҷрибаи солҳои истиқлол нишон медиҳад, ки пояҳои устувори давлатдорӣ маҳз бар сулҳу субот, Ваҳдати миллӣ, худшиносиву худогоҳӣ, рушди илму маориф ва меҳнати созандаи шаҳрвандон асос меёбанд. Аз ин рӯ, дар шароити пуртазоди ҷаҳони муосир ҳифзи Истиқлоли давлатӣ, таҳкими Ваҳдати миллӣ, арҷгузорӣ ба арзишҳои таърихиву фарҳангӣ ва баланд бардоштани маърифати ҷомеа аз вазифаҳои муҳимтарини ҳар як шаҳрванди кишвар ба ҳисоб мераванд.

Маҳз бо шарофати истиқлол Тоҷикистон тавонист ҳамчун давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ мавқеи худро дар ҷомеаи ҷаҳонӣ мустаҳкам намояд. Аз ин рӯ, ҳар яки моро зарур аст, ки ба қадри неъмати бебаҳои истиқлол расида, дар таҳкими сулҳу субот, Ваҳдати миллӣ ва рушди минбаъдаи Тоҷикистон саҳми арзанда гузорем. Бо меҳнати содиқона, ҳисси баланди ватандӯстӣ ва масъулияти шаҳрвандӣ метавонем дар ободиву шукуфоии Ватани маҳбубамон саҳм гузошта, Тоҷикистони азизро ба кишвари боз ҳам пешрафтаву обод табдил диҳем.

Насриддин ОХУНЗОДА,
«Омӯзгор»

АФКОР

Рушди соҳаи маориф дар меҳвари Паём

Илму маориф дар сиёсати иҷтимоии кишвар мавқеи меҳварӣ дошта, ҳамеша зери таваҷҷуҳи хоссаи давлату ҳукумат қарор дорад. Дар радифи қонун, барномаву консепсияҳои соҳавӣ, ба рушд ва дурнамои соҳаи маориф дар Паёмҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷуҳи махсус зоҳир мегардад. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз муҳимтарин санадҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ ба шумор рафта, вазъи кунунии сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии мамлакатро таҳлилу баҳогузорӣ менамояд ва барои марҳалаи муайяни рушд вазифаву ҳадафҳои мушаххасро таъин месозад.

Аз ин рӯ, Паёмҳои Президенти мамлакат барои соҳаи маориф аз ҷиҳати сиёсиву ҳуқуқӣ сарчашмаи боэътимоди таҳияи санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, тағйиру иловаҳо ба қонунҳои амалкунанда, барномаву стратегияҳои соҳавӣ маҳсуб меёбад. Ҳамчунин, дар Паёмҳо вазъи илму маорифи кишвар таҳлил гардида, пешравиҳо дар ин самт, нуқсу камбудиҳо, роҳҳои бартарафсозии онҳо таъкид ёфта, дастуру супоришҳо доир ба рушди минбаъда пешниҳод мешавад.



Дар Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (16.12.2025) соҳаҳои илму маориф дар меҳвар қарор дошта, аз ҷумла, таъкид гардидааст. «Ман аз рӯзҳои аввали фаъолияти худ ба ҳайси Роҳбари давлат дастгирӣ ва рушди илму маорифро самти афзалиятнок эълон карда, дар тӯли беш аз се даҳсола ба ин соҳаҳои ҳаётан муҳим таваҷҷуҳи аввалиндараҷа ва доимӣ зоҳир менамоям». Воқеан, Президенти мамлакат ба рушди илму маориф диққати махсус зоҳир намуда, пайваста тадбирҳои судманд меандешанд. Қабули санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, стратегияву барномаҳои давлатӣ, гузариш ба низоми миллии маориф, воридшавӣ ба фазои байналмилалии таҳсилот, таҳияву таълифи барномаву китобҳои дарсӣ, азнавсозӣ ва сохтмони иншооти соҳаи маориф, таъмин ва таҳкими пояи моддӣ-техникии муассисаҳои таълимӣ, иштироки бевоситаи Сарвари давлат дар ифтитоҳи иншооти соҳаи маориф, вохӯриҳои пайваста бо кормандони соҳаҳои илму маориф аз ҷумлаи онҳо мебошанд. Суханронии Сарвари давлат бо аҳли илму маориф дар оғози соли нави таҳсил ҳамчун Дарси сулҳ ва Рӯзи дониш ба таҳкими соҳа мусоидат менамояд.

Дар Паёми навбатӣ доир ба бештар гардидани маблағгузории соҳаи маориф таъкид шуд, ки соли 2026 аз ҳисоби буҷети давлатӣ қариб 14 миллиард сомонӣ пешниҳод гардидааст, ки нисбат ба соли 2025 25,4 фоиз ва дар қиёс ба соли 2015 панҷуним баробар зиёд мебошад. Вобаста ба дурнамои рушди маориф зикр гардид, ки дар 25 соли оянда шумораи хонандагон ба чор миллион мерасад ва зарур аст, ки барои бештар омода кардани кадрҳои омӯзгорӣ ва бунёди муассисаҳои таълимӣ аз ҳозир чораҷӯӣ карда шавад.

Нуқтаи дигари муҳимму арзишманд муроҷиати Сарвари давлат ба падару модарон, омӯзгорон ва аҳли ҷомеа дар тарбияи фарзандон мебошад: «Мо бояд дар хотир дошта бошем, ки ояндаи давлату миллат аз насли босаводу донишманд, соҳибкасбу соҳибҳунар, соҳибмаърифату соҳибфарҳанг, дур аз таассубу хурофот, ватандӯсту ватанпараст ва дорои ҳисси баланди худшиносии миллӣ вобастагии амиқ дорад… Агар мо хоҳем, ки давлати пешрафта, Ватани обод ва зиндагии осуда дошта бошем, бояд кӯшиш кунем, ки фарзандонамон соҳиби саводу дониш ва касбу ҳунар шаванд». Ин андешаи Пешвои миллат дар Паём арзиши дастурӣ ва маънавӣ дошта, ҳамагонро ба тарбияи шоистаи фарзандон вазифадор менамояд, зеро таҳкими истиқлол, сулҳу ваҳдатободӣ, пешрафти устувор танҳо бо тарбияи насли ҷавон дар руҳияи худшиносиву худогоҳии миллӣ муяссар мешавад. Дар тақвияти ин гуфтаҳо, метавон аз иқдоми мондагори Роҳбари давлат, ки китобҳои «Тоҷикон»-и академик Б. Ғафуров ва «Шоҳнома»-и Ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ нашр ва дастраси сокинони мамлакат гардид, ёдовар шуд.

Дар моддаи 1-и Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати иҷтимоӣ эътироф гардидааст. Дар Паём бо такя ба меъёрҳо ва принсипҳои Конститутсия масъалаҳои таъмини адолати иҷтимоӣ, коҳиши камбизоатӣ, болоравии дарозумрии аҳолӣ, сатҳи некуаҳволии мардум, таъмини ҷойи корӣ ҳамчун вазифаҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат муайян гардидааст. Ҳамасола, зиёда аз 200 ҳазор ҷойи корӣ эҷод мешавад. Дар зимн, масъулин вазифадор гардиданд, ки дар панҷ соли оянда 1 миллиону 400 ҳазор ҷойи корӣ созмон диҳанд.

Дар баробари ин, аз 1 сентябри соли 2026 маоши вазифавии аҳли илму маориф ва дигар кормандони соҳаи буҷавӣ, стипендияҳо ба андозаи 20-25 фоиз ва нафақа 15 фоиз зиёд мешавад, ки аз иқдомоти навбатии Сарвари давлат дар самти таҳкими сиёсати иҷтимоӣ дарак медиҳад.

Паёмҳои Президенти мамлакат ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳифаҳои нав дар рушду таҳкими давлатдории замони истиқлол маҳсуб меёбанд. Паёми навбатӣ ба таҷлили ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ рост омад ва масъулияти сокинони кишварро бештар намуд, ки дар роҳи таҳкими истиқлол, сулҳу ваҳдат, ободу зебо гардонидани Тоҷикистон фаъолияти хешро вусъат бахшанд.

Нилуфар ИМОМЗОДА,
муовини раиси Кумитаи қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Татбиқи «Стратегияи рушди соҳаи алоқаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040» баррасӣ гардид.

Бегазанду ҷовидонӣ бод он халқе, ки ӯ Сӯи фардояш равона по ба пои ваҳдат аст.
Камол Насрулло

27 ИЮН – РӮЗИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ

МЕҲВАРИ РУШДИ ҶОМЕА



Ваҳдати миллӣ ба сифати падидаи иҷтимоии таҳкимбахши суботу равнақи давлати миллӣ, ки ҳамрадифи Истиқлоли давлатӣ маҳсуб мешавад, дар таҷрибаи ҷомеасозии муосири тоҷик ҷойгоҳи меҳвариро соҳиб буда, василаи устувору пойдор ва қудратманди пирузӣ алайҳи ҳама гуна нокомиҳои халқ маҳсуб мешавад. Дар ин мавриди Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид кардаанд: «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ барои халқи тоҷик санади тақдирсоз ва ҳаётан муҳим ба ҳисоб меравад, зеро бо имзо гардидани он дар зиндагии мардум марҳалаи нави оғоз шуда, самтҳои минбаъдаи пешрафти ҷомеаи мо мушаххас ва муайян гардиданд. Дар дилу дидаи халқ шодиву нишот ҳувайдо гардид, умеди одамон ба ояндаи ободу осуда аз нав зинда шуд ва дар зеҳну мафкураи мардум андешае тақвият ёфт, ки онро бо номи Ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон муаррифӣ намудем».

Воқеан, Ваҳдати миллӣ арзишмандтарин дастовард, заминаи боэътимоди рушди кишвар дар ҳама ҷабҳаҳои ҳаёт, омили асосии амнияти миллӣ, таҳкимбахши ҳаёти осоиштаи халқ, пойдевору сутуни Истиқлоли давлатӣ ба шумор меравад, ки ҳифз ва ташаккули раванди он дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон вазифаи муқаддаси ҳар як фарди ин марзу бум аст.

Хушбахтона, дар Иҷлосияи 16-уми Шурои Олӣ ба ҳайси Раиси Шурои Олӣ интихоб шудани муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои ҳамвор шудани роҳ ба сӯйи ваҳдати комил дар мамлакат шароити мусоид фароҳам омад. Нахустин сухани фарзанди фарзонаи миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Иҷлосияи таърихӣ ин буд: «Ман кори худро аз сулҳ сар хоҳам кард. Ман тарафдори давлати демократии ҳуқуқбунёд мебошам. Мо бояд ёру бародар шавем, то ки вазъро ором намоем».

Боиси сарфарозӣ ва хушбахтист, ки баъди истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ бо эҳтимоми хастанопазири Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, аввалтар аз ҳама, қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, стратегия ва барномаҳои давлатӣ мавриди татбиқ карор гирифта, ба рушди мамлакат асос гузошта шуд.

Ваҳдат, ки меҳвари рушди босубот ва зиндагии босаодати халқ маҳсуб мешавад, барои зиндагии шоистаи мардум ва тараққии кулли соҳаҳои ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоию фарҳангӣ заминаи боэътимод фароҳам меорад, Аз ин дидгоҳ, роҳи сулҳу ваҳдат ягона воситаест, ки халқ ба сарманзили саодат мерасад.

Насли имрӯзаи давронсоз бояд хештаншиносу худогоҳ ва дар рушди ҷомеаи муосир саҳмгузор бошад. Ҳамин андеша – худшиносии миллӣ моро ба сӯйи созандагию бунёдкорӣ ҳидоят менамояд. Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (16.12.2025) изҳор доштанд: «Азбаски 4 сол пеш доир ба 35-солагии Истиқлол қарор қабул карда будем, пешниҳод менамоям, ки соли 2026 Соли вусъат додани корҳои ободониву созандагӣ ва тақвияту таҳкими худшиносиву худогоҳии миллӣ ба ифтихори ин ҷашни муқаддас ва бузурги миллӣ эълон карда шавад».

Дар роҳи таълиму тарбияи насли созанда аҳли маориф ва илми ҷумҳурӣ ҳамвора талош менамоянд, зеро масъалаи мазкур пайваста дар мадди назари Сарвари давлат қарор дошта, борҳо таъкид кардаанд, ки танҳо бо мутахассиси варзида, ки ахлоқи ҳамида, ҳисси баланди ватанпарастӣ ва худшиносии миллӣ доранд, оянда метавон ҷомеаи солиму мутамаддин бунёд кард.

Ин ҳама ба рӯйи кор овардани мутахассисони дорои тафаккури созанда аз вазъи таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимии миёнаю олии касбии кишвар вобастагии амиқ дорад. Маҳз тафаккури солиму созанда ҷомеаро аз ҳар гуна чолишҳои ғайри қобили қабул ҳифз менамояд ва барои таҳкими ваҳдату якпорчагии ҷомеа, ободиву шукуфоӣ шароит фароҳам меорад. Ҳамин тафаккури солиму созанда омили амнияти миллӣ маҳсуб ёфта, фазои ҷомеаро барои тараққиёти босубот мусоид менамояд.

Вазифаи мо аз он иборат аст, ки дар таҳияи ақоиди миллии созандаи раднопазир насли ояндаро бо неруи қавии ифтихор аз ватандорӣ тарбият намоем.

Вобаста ба гуфтаҳои болозикр, Пешвои миллат нигоштаанд: «Ваҳдат барои мо як вожа ё калимаи одӣ нест, балки номаи тақдири мо, шарти пешрафти кишварамон ба сӯйи ояндаи ободу осуда ва муҳимтар аз ҳама, кафили сарҷамъиву хушбахтии имрӯзу ояндаи халқамон аст».

Сулҳу субот ва Ваҳдати миллӣ бо аҳаммияти бузурги хеш, бо арзишҳои муқаддаси давлату мамлакатамон табдил ёфтаанд. Маҳз бо шарофати онҳо мо тамоми рукнҳои давлатдориро барқарор ва буҳрони шадиди иқтисодию иҷтимоиро бартараф намуда, дар роҳи татбиқи ҳадафҳои стратегиамон оид ба таъмини истиқлоли энергетикӣ, аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳо бахшидани кишвар ва таъмини амнияти озуқавории мамлакат корҳои арзандаро анҷом медиҳем.

Рисолати ҳар як фарди солимфикри ҷомеа аз он иборат аст, ки Ваҳдати миллиро чун гавҳараки чашм ҳифз намояд.

Дар ин росто, бо азму иродати қавӣ, бо андешаи миллии созанда барои ҳифзи Ватани озоду ободу шукуфо ва таҳкими Ваҳдати миллӣ ҳамагон дар татбиқи ҳадафҳои стратегии давлати азизамон бояд саҳми арзанда гузорем.

Н. ШИРИНЗОДА,
директори Маркази ҷумҳуриявии такмили ихтисоси кормандони соҳаҳои сайёҳӣ ва хизматрасонии ДБССТ, номзади илмҳои филологӣ

Бисту ҳафтуми июни ҳар сол дар саросари Тоҷикистони соҳибистиқлоли мо яке аз ҷашнҳои бузург ва таърихии миллатамон – Рӯзи Ваҳдати миллӣ таҷлил карда мешавад. Аз рӯзи ба имзо расидани ин созишнома 29 сол сипарӣ гардид. Дар муддати ин солҳои осоишта Тоҷикистон ба як қатор комёбиҳои илмиву фарҳангӣ ва иқтисодӣ ноил гардид, ки баҳри ба даст омадани ин дастовардҳо саҳми Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон назаррас мебошад.

ДАСТОВАРДИ БУЗУРГИ ТАЪРИХӢ

Ба имзо расидани Созишномаи сулҳи миллиро коршиносон дар умури шинохти масоили сиёсӣ як рӯйдоди тақдирсоз медонанд. Воқеан, имзои созишномаи сарнавиштсоз барои миллати ҷафокашида ва куҳантаърихи мо неъмати гаронбаҳо аст. Набояд фаромӯш кард, ки ин ҳама ҷонфидоиву ҷуръату ҷасорат тавассути хидматҳои бепоёни фарзонафарзанди миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муяссар гардидааст.

Бо саъй ва кӯшишҳои бепоёни Президенти мамлакат дар давоми 35 соли охир дар қатори мафҳумҳои Ватан, модар ва истиқлол, ваҳдат мақоми арзанда гирифт. Таърих дар ягон давру замон ёд надорад, ки ҷанги шаҳрвандӣ байни як халқ бо ин зудӣ анҷом ёфта бошад. Имрӯз мо бе муҳобот гуфта метавонем, ки дар бастани шартномаи сулҳи байни тоҷикон саҳми Роҳбари давлат хеле калон аст. Пешвои миллат дар яке аз баромадҳояшон зикр намуданд, ки «баъд аз музокироти тӯлонӣ ба сулҳу салоҳ муваффақ шудем ва ба кашмакашҳои бепоён, ки оқибаташ шикасту таназзули ногузири давлат ва миллат аст, қатъиян хотима гузоштем». Дар солҳои осоиштагӣ ва сулҳу ваҳдат дар Тоҷикистон як қатор ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ амал мекарданд, ки нақши онҳо барои тарғиби ғояҳои сулҳофаринӣ ва тадбиқ гардидани Созишномаи сулҳ беназир аст. Аз ҷумла, Ҳаракати Ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон бо ташаббуси Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъсис дода шуд, ки ин ҳаракати ватандӯстона дар тамоми гӯшаву канори давлатамон аз ҷониби халқ дастгирӣ ёфт. Ба ин ҷамъият одамоне аъзо шуданд, ки ҳама аҳли илму фарҳангу сиёсат буданд. Ин ҳаракати фарҳангию сиёсӣ дар он давраи вазнини тақдирсоз ба миллати парешони мо қутбнамо гардид.

Баъди имзо шудани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ Тоҷикистон таҳти сарпарастии Президенти кишвар ба дастовардҳои назаррас ноил гардид. Ба ин маънӣ, Пешвои миллат дар мақолаи «Сулҳ маънии таърихии мост» менависанд: «Муҳимтарин принсипи фарҳанги сулҳ барои мо, тоҷикистониён, иборат аз он аст, ки ҳарчӣ бештар ба доираҳои васеи сулҳпарварии аҳолӣ такя намоем». Роҳи осоишта ва мусолиҳатомези ҳалли ихтилофу муноқишаҳо, ки Тоҷикистон пеш гирифт, дар таҷрибаи ҷаҳонӣ нодир ва ибратомӯз мебошад.

Дар мавриди сулҳи тоҷикон собиқ дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид Кофи Аннан таъкид менамояд: «Тоҷикистон барои бисёр мамлакатҳои дигар дар ҳалли муноқишаҳои дохилӣ сабақи беназир дод. Фикр мекунам, ки ин саҳми Тоҷикистон дар таърихи эҷоди сулҳ мебошад». Воқеан, агар ба равзанаи таърих нигарем, дунё дар буҳрони нооромӣ гирифтор аст, ки ин омил бори дигар собит менамояд, ки пайроҳаи тайнамудаи сулҳофаринии тоҷикон метавонад барои аксари нуктаҳои доғи ҷаҳон намунаи ибрат бошад.

Ф. ҚАРАЕВ,
доктори илмҳои таърих, профессори ДМТ

Таҳкимбахши давлатдории миллӣ

Дар даҳсолаи аввал пас аз пошхӯрии давлати Шуравӣ Тоҷикистон, ки истиқлоли давлатии худро эълон дошта буд, ба мушкилоту вартаҳои зиёд рӯ ба рӯ шуд. Чунин вазъият ба миён омад, ки фаъолияти мақомоти конститутсионии кишвар фалаҷ гашта, роҳбарони вақт аз идоракунии давлат даст кашиданд. Идоракунии давлат ба дасти ярокдорон ва неруҳои иртиҷоӣ гузашта буд. Дар натиҷа хавфи пошхӯрии давлат ва нестшавии миллат ба миён омад. Душманони хориҷию дохилӣ нақшаи қисмат намудани Тоҷикистонро кайҳо тарҳезӣ намуда буданд.

Иҷлосияи XYI Шурои Олии Тоҷикистон, ки охири соли 1992 дар Қасри Арбоби шаҳри Хуҷанд баргузор гашт, масъалаи асосӣ – барқарорсозии давлатдории тоҷикон ва наҷотдиҳии миллат аз буҳрони сиёсиро мавриди баррасӣ қарор дод. Дар ин иҷлосия вакилон ба вазъи сиёсии кишвар баҳо дода, ба моддаҳои 99, 106, 108, 109 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 27 ноябри соли 1992) тағйиру иловаҳо ворид намуданд. Акнун Шурои Олии ҷумҳурӣ мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ дониста шуда, ба он вазифаҳои қонунбарорӣ, амрдиҳӣ ва назоратӣ вогузор гардид ва Раиси Шурои Олӣ сардори давлат, Сарфармондеҳи Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон зомин ба ҳуқуқу озодии шаҳрвандон эътироф шуд.

Муҳимтарин комёбии иҷлосия ба вазифаи Раиси Шурои Олӣ интихоб намудани ҷавонмарди соҳибхираду ҷасур ва матинирода муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буд. Сарвари давлат дар ҳамин иҷлосия ваъда доданд, ки халқи тоҷикро сарҷамъ мекунанд, ҳатто агар ин ба қиммати ҷонашон ҳам бошад.

Роҳбари давлат баъди ба дӯш гирифтани ин масъулият борҳо бо мухолифин дар бобати сарҷамъ намудани миллат ва ташкили давлати миллӣ гуфтушунид анҷом дода, даҳҳо ҳуҷҷати расмиро ба имзо расониданд.

Ниҳоят, 27 июни соли 1997 дар шаҳри Москва Созишноми умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ба имзо расонида шуд, ки барои ҷаҳониён таҷрибаи нодире шуд ва ҳамин рӯз Рӯзи Ваҳдати миллӣ эълон гардид.

Беҳуда нест, ки соли 1998 дар иҷлосияи 41-уми Маҷлиси Умумии СММ сиёсати мусолиҳаи миллӣ ба таври расмӣ ҳамчун тарҳи бунёди ҳалли низоъҳои дохилимиллӣ ва минтақавӣ эътироф гардид.

Ваҳдати миллӣ, ки дар натиҷаи талошҳои ҷоннисоронаю ватанпарастона ба даст омадааст, арзиши волоест, ки ба он бунёд ва рушди тамоми унсурҳои ҷомеа ва давлат заминагузор мебошад. Таҷрибаи Тоҷикистон Ваҳдати миллиро ҳамчун омили муттаҳидкунанда, пешбаранда ва давои раҳоӣ ёфтан аз ҳама гуна «бемориҳо»-и пурзиён нишон дод.


Бояд тазаккур дод, ки нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар эҳёи сулҳи тоҷикон, бунёд ва ташаккули давлати миллӣ беназир ва таърихист.

Тоҷикон бо Ваҳдати миллии худ ифтихорманданд, онро ҳифз мекунанду пос медоранд, зеро пешрафти мамлакат, авҷи созандагию бунёдкорӣ ва бардавомии ҳаёти осоиштаи аҳли кишвар бо он вобастагӣ пайдо кардааст.

Холмаҳмад ОЙЕВ,
дотсенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурии ДМТ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ

ТАҲЛИЛ ВА НАТИҶАГИРӢ

Татбиқи барнома: пешрафт, мушкилот ва дурнамо



Омӯзиши фанҳои табиатшинос, дақиқ, риёзӣ ва дар умум, тамоми фанҳо бе истифодаи воситаҳои техникии таълим ва корҳои амалӣ самараи дилхоҳ намедиҳад. Аз ин рӯ, дар баробари баланд бардоштани мазмуну муҳтавои дарс, ҳамзамон, масъалаи фароҳам овардани муҳити муосири таълимӣ низ аҳаммияти аввалиндараҷа касб мекунад. Кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳо барои рушди тафаккури техникӣ, ташаббускорӣ, эҷодкорӣ ва дар амал татбиқ намудани омӯзиши худ заминаи мусоид фароҳам меоранд.

Бо дарназардошти аҳаммияти ин масъала, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (3 апрели соли 2021, №114) Барномаи таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ барои солҳои 2021-2025-ро қабул намуд. Ҳадафи асосии барнома муҷаҳҳаз гардонидани муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо воситаҳои муосири таълимӣ, беҳтар намудани шароити гузаронидани дарсҳои амалӣ ва лабораторӣ, инчунин, баланд бардоштани сифати таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимии кишвар ба ҳисоб мерафт.

Зарурат ва қабули барномаи нав

Таҳкими заминаҳои моддию техникии муассисаҳои таълимӣ яке аз масъалаҳои муҳимтарини рушди соҳаи маориф ба ҳисоб меравад. Таҳлили натиҷаҳои амалисози Барномаи давлатии таъмин намудани муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ барои солҳои 2018-2020 нишон дод, ки на ҳамаи ҳадафҳои пешбинишуда ба таври пурра амалӣ гардидаанд.

Дар доираи барномаи қаблӣ дар саросари ҷумҳурӣ таъсис ва муҷаҳҳаз намудани 2139 кабинети фаннӣ ва озмоишгоҳ ба нақша гирифта шуда буд, вале ҳамагӣ 832 кабинет муҷаҳҳаз гардида, сатҳи иҷрои барнома 38,9 фоизро ташкил дод. Ҳамин тариқ, дар шаҳри Душанбе иҷрои нақша ба 118,9 фоиз расида бошад, дар вилояти Суғд ин нишондиҳанда 58,84 фоиз, вилояти Хатлон 32,43 фоиз, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 24,31 фоиз ва дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ҳамагӣ 12,47 фоизро ташкил медод.

Яке аз сабабҳои асосии иҷро нашудани барномаи солҳои 2018-2020, тибқи таҳлилҳои Вазорати маориф ва илм, ҷудо нагардидани маблағҳои кофӣ аз ҷониби баъзе мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ арзёбӣ шудааст. Ҳамзамон, паҳншавии пандемияи COVID-19 низ ба раванди иҷрои барнома таъсири манфӣ расонид.

Дар чунин шароит зарурати таҳияи барномаи нави давлатӣ ба миён омад. Аз ин рӯ, бо мақсади идомаи корҳои оғозшуда ва фароҳам овардани заминаи устувор барои рушди омӯзиши фанҳои табиатшинос, дақиқ ва риёзӣ Барномаи таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ барои солҳои 2021-2025 қабул шуд.

Таъмин намудани муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо кабинетҳои муосири физика, химия, биология, география, математика, технологияи иттилоотӣ ва дигар фанҳо, рушди корҳои озмоишӣ ва лабораторӣ, баланд бардоштани маҳорати омӯзгорон ва фароҳам овардани муҳити мусоиди таълим барои хонандагон талаботи асосии барномаи мазкур мебошанд. Маҳз ҳамин ҳадафҳо замина фароҳам оварданд, ки дар солҳои минбаъда раванди таҷҳизонидани муассисаҳои таълимӣ суръати бештар касб намояд.

Натиҷаҳои татбиқи барнома

Пас аз қабули барномаи мазкур дар самти таҳкими заминаҳои моддию техникии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ корҳои назаррас анҷом дода шуданд. Чунонки Шарофиддин Асомиддинзода - сардори раёсати таҳсилоти миёнаи умумии Вазорати маориф ва илм иттилоъ дод, дар муқоиса бо барномаи қаблӣ сатҳи иҷрои нақша ба маротиб беҳтар гардида, муассисаҳои таълимӣ бо ҳазорҳо кабинети фаннӣ ва озмоишгоҳҳои нав таъмин гардиданд.

– Яке аз нишондиҳандаҳои муҳимми самаранокии барнома афзоиши сатҳи умумии иҷрои он мебошад. Дар доираи барномаи солҳои 2021-2025 аз 10713 кабинети фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимии пешбинишуда 7252 адад харидорӣ ва ба муассисаҳои таълимӣ дастрас карда шудааст. Сатҳи иҷрои барнома ба 66,8 фоиз расид, ки нисбат ба нишондиҳандаи қаблӣ ба маротиб бештар мебошад, - изҳор дошт Ш.Асомиддинзода.

Бояд гуфт, ки дар байни фанҳои таълимӣ бештар ба таҷҳизонидани кабинетҳои физика, химия ва биология таваҷҷуҳ зоҳир шудааст. Аз 882 кабинети физикаи дар нақша пешбинишуда 881 адад харидорӣ гардида, сатҳи иҷро ба 99,9 фоиз баробар шудааст. Ҳамчунин, аз 1127 кабинети химия 923 адад ва аз 1140 кабинети биология 962 адад таъмин гардидааст. Дар баробари ин, дар баъзе самтҳо иҷрои нақша ҳанӯз ба сатҳи матлуб нарасидааст. Масалан, аз 2561 кабинети география ҳамагӣ 1331 адад, аз 2623 кабинети математика 1542 адад, аз 1440 кабинети суруд ва мусиқӣ 753 адад ва аз 204 озмоишгоҳи таълимӣ 174 адад харидорӣ шудааст.

Илова бар ин, бо ҷалби шарикони рушд, ташкилотҳои байналмилалӣ ва маблағҳои грантӣ низ аз ҷониби Вазорати маориф ва илм корҳои муайян анҷом пазируфт. Дар маҷмуъ, бо маблағи беш аз 4 миллиону 369 ҳазор сомонӣ 159 кабинети фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ харидорӣ ва ба муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дастрас карда шуданд.

Вазъ дар шаҳру ноҳияҳо чӣ гуна аст?

Яке аз ҷанбаҳои муҳимми арзёбии натиҷаҳои Барномаи таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ барои солҳои 2021-2025 таҳлили сатҳи иҷрои он дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ мебошад.

Мутобиқи маълумоти пешниҳодшуда, давоми солҳои 2021-2025 дар шаҳри Душанбе аз 529 кабинети фаннӣ ва озмоишгоҳҳои дар нақша пешбинишуда 517 адад таъмин гардидааст, ки 97,7 фоизи иҷрои нақшаро ташкил медиҳад. Дар вилояти Суғд аз 3239 кабинети пешбинишуда 2759 адад харидорӣ гардидааст. Дар вилояти Хатлон аз 4183 кабинети пешбинишуда 2776 адад харидорӣ гардидааст. Вазъ дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ нисбатан нигаронкунанда мебошад, зеро аз 2050 кабинети фаннӣ ва озмоишгоҳҳои пешбинишуда ҳамагӣ 912 адад таъмин шудааст. Дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон аз 712 кабинети пешбинишуда танҳо 188 адад таъмин шудааст, ки ин ҳолат нигаронкунанда мебошад.

Ба таъкиди Ш. Асомиддинзода, сабаби асосии ақибмонии баъзе минтақаҳо, пеш аз ҳама, ҷудо нагардидани маблағҳои зарурӣ аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва маҳдуд будани имкониятҳои молиявии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ мебошад. Маҳз ҳамин омил боис гардид, ки сатҳи иҷрои барнома дар ВМКБ ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар сатҳи зарурӣ иҷро нашавад.

Маблағгузорӣ дар иҷрои барнома

Маблағгузории барномаи зикршуда бояд аз ҳисоби буҷети давлатӣ, маблағҳои махсуси соҳа, грантҳо, қарзҳои имтиёзнок ва дигар сарчашмаҳои қонунӣ амалӣ мегардид. Ҳамзамон, роҳбарони муассисаҳои таълимӣ вазифадор шуда буданд, ки барои ҷалби маблағҳои созмонҳои байналмилалӣ ва шарикони рушд лоиҳаҳои худро пешниҳод намоянд.

Ш. Асомиддинзода зикр намуд, ки дар давоми солҳои 2021-2025 бо дастгирии шарикони рушд барои муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ 159 кабинети фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ харидорӣ шуд. Бо ин мақсад, беш аз 4 миллиону 369 ҳазор сомонӣ равона гардид, беш аз 1,8 миллион сомонӣ ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, зиёда аз 939 ҳазор сомонӣ ба вилояти Суғд, 893 ҳазор сомонӣ ба вилояти Хатлон ва 715 ҳазор сомонӣ ба шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ рост омад.

Дар баробари ин, дар татбиқи барнома саҳми мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, соҳибкорон ва шахсони саховатпеша низ муҳим арзёбӣ мегардад. Қисми зиёди кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои таълимӣ маҳз аз ҳисоби маблағҳои мақомоти маҳаллӣ ва сарчашмаҳои иловагӣ харидорӣ ва муҷаҳҳаз гардонида шуданд.

Аз таҷрибаи амалисозии барнома бармеояд, ки ҳамкории муассир миёни давлат, мақомоти маҳаллӣ, шарикони рушд ва ҷомеа метавонад имкониятҳои навро барои рушди инфрасохтори соҳаи маориф фароҳам оварад.

Нақши барнома дар раванди таълим

Бояд гуфт, ки ҳадафи ниҳоии барнома фароҳам овардани муҳити муосири таълимӣ ва беҳтар намудани сифати омӯзиш дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба ҳисоб мерафт.

Яке аз муҳимтарин дастовардҳои барнома васеъ гардидани имкониятҳои баргузории дарсҳои амалӣ ва корҳои лабораторӣ мебошад.

Таҳкими заминаҳои моддию техникӣ ба баланд гардидани шавқу рағбати хонандагон ба фанҳои дақиқ низ мусоидат намуд. Вақте ки хонанда падидаҳои физикӣ, химиявӣ ё биологиро дар озмоишгоҳ мушоҳида мекунад, дарки мавзуъ амиқтар мегардад. Аз ҳамин ҷиҳат, дар барнома рушди тафаккури техникӣ, эҷодкорӣ ва ташаббускории хонандагон ҳамчун яке аз ҳадафҳои асосӣ муайян гардида буд.

Дар баробари ин, ба масъалаи таъминоти методӣ низ таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардид. Дар давраи амалисозии барнома зиёда аз 20 номгӯйи дастури таълимию методӣ таҳия ва нашр шуда, ба муассисаҳои таълимӣ дастрас гардиданд. Ҳамчунин, Низомномаи намунавии муҷаҳҳаз гардонидани кабинетҳои фаннӣ таҳия ва тасдиқ карда шуд.

Самти дигари муҳимми барнома баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорон буд. Бо ин мақсад, Вазорати маориф ва илм барои омӯзгорони фанҳои физика, химия ва биология як силсила семинару машваратҳо ташкил намуд.

Мушкилоти ҳалталаб

Бо вуҷуди дастовардҳои назаррасе, ки дар доираи амалисозии Барномаи таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ барои солҳои 2021-2025 ба даст омадаанд, таҳлили натиҷаҳо нишон медиҳад, ки дар ин самт ҳанӯз як қатор масъалаҳои ҳалталаб боқӣ мондаанд.

Аз ҷумла, дар сатҳи зарурӣ иҷро нашудани барнома ва ҷудо нашудани маблағҳо аз ҷониби МИМҲД ба ин раванд таъсир расондаанд.

Барои ба даст овардани натиҷаи назаррас омӯзгорон бояд аз асбобҳои лабораторӣ ва технологияҳои рақамӣ самаранок истифода баранд. Аз ин рӯ, ташкили мунтазами курсҳои бозомӯзӣ ва таҳияи дастурҳои методӣ дар оянда низ аҳаммияти калон хоҳад дошт.

Масъалаи нигоҳдорӣ, навсозӣ ва таъмири таҷҳизоти харидоришуда низ бояд дар маркази таваҷҷуҳ қарор гирад. Таҷҳизоти лабораторӣ ва воситаҳои техникии таълимӣ бо гузашти вақт ба навсозӣ ва хидматрасонии техникӣ ниёз пайдо мекунанд.

Ҷасури ҚИЁМИДДИН,
«Омӯзгор»

ТАҲСИЛОТИ ТОМАКТАБӢ

Фаъолияти бавусъати кӯдакистон дар Қубодиён

Дар деҳаи Саридижи Ҷамоати деҳоти Кайқубоди ноҳияи Қубодиён муассисаи томактабӣ фаъолият менамояд.

Муассисаи томактабии номбурда аз ҳисоби 0,10 садяк замини муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №11 бо маблағгузории соҳибкори ватанӣ Фарҳод Зиёев сохта шуд. Бинои муассиса бо тарҳи меъмории наву муосир бунёд гардида, аз 3 ошёна иборат аст. Дар ҳар ошёна 10-тоӣ ҳуҷраҳои барҳаво барои дар сатҳи баланд ба таълиму тарбия фаро гирифтани кӯдакон мавҷуд аст.

Тавре ки дар суҳбат мудири муассиса Малика Имомалиева иброз дошт, дар ҳар ошёна ба ғайр аз 15 ҳуҷраи таълимӣ, боз толорҳои мусиқӣ, варзишӣ, инчунин, ошхона ва ҳаммом мавҷуд мебошад.

Ҳамарӯза кӯдакон се вақт бо хӯроки гарм таъмин карда мешаванд.

Муассиса барои таълиму тарбияи 400 нафар пешбинӣ гардида, имрӯз дар он 385 нафар кӯдакон ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд. Муассисаи томактабии мазкур 25-уми декабри соли 2025 аз ҷониби Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба таври маҷозӣ кушода шудааст.

Аз фаъолияти муассиса ҳамагӣ 6 моҳ сипарӣ шуда бошад ҳам, шумораи кӯдаконе, ки ба боғча ниёз доранд, торафт меафзояд, зеро ин муассисаи муосир дар Ҷамоати деҳоти Кайқубод ягона буда, кӯдакон аз деҳаҳои Саридиж, Озодагон, Бошқалъа, ки дар масофаи 1,5-2 километр то маркази ҷамоат воқеъ гардиданд, ба таълиму тарбия ҷалб карда мешаванд.

– Мо барои дар сатҳи баланд ба роҳ мондани сифати таълиму тарбия ва ҷалби бештари кӯдакон ба муассиса дар ҳамаи гурӯҳҳо таълими забони русӣ ва англисиро ба роҳ мондем, - изҳор дошт М. Имомалиева.

Саҳни бинои муассиса ва роҳраву гирду атрофи он бо дарахтони мевадору соябафкан, гулу буттаҳои ҳамешасабзу ороишӣ ороста шудааст. Дар як гӯшаи ҳавлии муассиса ҳавзи калони сунъӣ барои оббозӣ бунёд гардидааст.

Аъзам БОБОЕВ,
рӯзноманигор

Дар Тоҷикистон бо ибтикори Китобхонаи миллии Тоҷикистон Озмуни ҷумҳуриявии «Беҳтарин китобхон» доир мегардад.

Файзи муҳаббат мерасад аз ҳар канорат, эй Ватан!
Субҳи саодат мевазад дар раҳгузорат, эй Ватан!
Камол Насрулло

ҚОБИЛИЯТИ ЗЕҲНӢ

ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲО ДОИР БА ОЛИМПИАДА

Машғулияти ҳабдаҳум (синфҳои 8 ва 9)



ҲИСОБ НАМУДАНИ ҚИМАТҲОИ ИФОДАҲОИ АЛГЕБРАВӢ

Масъалаи 83. Агар $2^x = 3^y = 216$ бошад, қимати $\frac{1}{x} + \frac{1}{y}$ -ро ёбед.

Масъалаи 84. Ададҳои ҳақиқии a, b, c ва d ба намуди $a + b = \frac{9}{c-d}$ ва $c + d += \frac{25}{a-b}$ дода шудаанд. Бузургии $a^2 + b^2 + c^2 + d^2$ кадом қимати хурдтаринро қабул карда метавонад?

Масъалаи 85. Ададҳои a, b, c мусбат буда, $a^2(a - c) = (b^2 - c^2)(a + c)$ ва $b^2(b - a) = (c^2 - a^2)(b + a)$ мебошад. Исбот кунед, ки $c^2(c - b) = (a^2 - b^2)(c + b)$ мешавад.

ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲО

83. Ҳал. Қимати ифодаи додашударо бо ду тарз ҳисоб мекунем:

Тарзи якум. СҚР: $x \neq 0$, $y \neq 0$. Аз ифодаи матлуб системаи муодилаҳо тартиб медиҳем:

$$\begin{cases} 2^x = 216, \\ 3^y = 216. \end{cases}$$

Ҳар ду тарафи муодилаи якумро ба дараҷаи y ва ҳар ду тарафи муодилаи дуюмро ба дараҷаи x мебардорем:

$$\begin{cases} (2^x)^y = 216^y, \\ (3^y)^x = 216^x; \end{cases} \qquad \begin{cases} 2^{xy} = 6^{3y}, \\ 3^{xy} = 6^{3x}. \end{cases}$$

Акнун муодилаҳои якум ва дуюмро бо ҳам зарб карда, онро табдил медиҳем:

$2^{xy} \cdot 3^{xy} = 6^{3y} \cdot 6^{3x}$;

$(2 \cdot 3)^{xy} = 6^{3y+3x}$ ё $6^{xy} = 6^{3(x+y)}$.

Аз ин ҷо $xy = 3(x + y)$ мешавад. Ҳар ду тарафи баробарии ҳосилшударо ба $3xy$ тақсим мекунем:

$\frac{x+y}{xy} = \frac{1}{3}$ ё ки $\frac{1}{x} + \frac{1}{y} = \frac{1}{3}$.

Ҷавоб: $\frac{1}{3}$.

Тарзҳои дигари ҳал ба хонандагон ҳавола карда мешавад.

84. Ҳал. Тарзи якум. Ифодаҳои додашударо ба махраҷҳои тарафҳои рост, зарб карда пайдо мекунем:

$(a + b)(c - d) = 9$;

$ac - ad + bc - bd = 9$;

$(a - b)(c + d) = 25$;

$ac + ad - bc - bd = 25$;

Тарафҳои чап ва рости баробариҳои ҳосилшударо бо ҳам ҷамъ карда, пайдо мекунем:

$ac - ad + bc - bd + ac + ad - bc - bd = 9 + 25$;

$2ac - 2bd = 34$ ё ки $2(ac - bd) = 34$.

Исбот мекунем, ки $a^2 + b^2 + c^2 + d^2 \geq 2(ac - bd)$ аст. Исботи ин нобаробарӣ аз $a^2 + c^2 \geq 2ac$ ё $a^2 - 2ac + c^2 \geq 0$ ё ки $(a - c)^2 \geq 0$ ва $b^2 + d^2 \geq 2bd$ ё $b^2 - 2bd + d^2 \geq 0$ ё ки $(b - d)^2 \geq 0$ бармеояд. Пас, $a^2 + b^2 + c^2 + d^2 = 34$ мешавад.

Баробарӣ ҳамон вақт иҷро мешавад, ки агар ҳамаи нобаробарӣ ба баробарӣ мубаддал шаванд. Пас, ҳангоми $a = c$ ва $b = -d$ будан баробарӣ иҷро мегардад.

Қиматҳои мазкурро ба баробариҳои $a + b = \frac{9}{c-d}$ ва $c + d = \frac{25}{a-b}$ гузошта, қиматҳои мувофиқро ҳосил мекунем:

$c - d = \frac{9}{c-d}$ ё $(c - d)^2 = 9$ ё ки $c - d = \pm 3$;

$c + d = \frac{25}{c+d}$ ё $(c + d)^2 = 25$ ё ки $c + d = \pm 5$.

Аз ду муодилаи ҳосилшуда чор системаи муодилаҳоро тартиб дода, онро ҳал мекунем:

1) $\begin{cases} c - d = 3, \\ c + d = 5, \end{cases} \begin{cases} 2c = 8, \\ 2d = 2; \end{cases} \begin{cases} c_1 = 4, \\ d_1 = 1. \end{cases}$

2) $\begin{cases} c - d = -3, \\ c + d = 5; \end{cases} \begin{cases} 2c = 2, \\ 2d = 8; \end{cases} \begin{cases} c_2 = 1, \\ d_2 = 4. \end{cases}$

3) $\begin{cases} c + d = -5, \\ c - d = 3; \end{cases} \begin{cases} 2c = -2, \\ 2d = -8; \end{cases} \begin{cases} c_3 = -1, \\ d_3 = -4. \end{cases}$

4) $\begin{cases} c + d = -5, \\ c - d = -3; \end{cases} \begin{cases} 2c = -8, \\ 2d = -2; \end{cases} \begin{cases} c_4 = -4, \\ d_4 = -1. \end{cases}$

Пас, $a_1 = c_1 = 4$; $a_2 = c_2 = 1$; $a_3 = c_3 = 1$; $a_4 = c_4 = -4$ ва $b_1 = -d_1 = -1$; $b_2 = -d_2 = -4$; $b_3 = -d_3 = -4$; $b_4 = -d_4 = -1$ мешаванд.

Тарзҳои дигари ҳал ба хонандагон ҳавола карда мешавад.

Ҳамин тариқ, чор ҷуфт қиматҳои тағйирёбандаҳоро ҳосил намудем.

Ҷавоб: (4; – 1; 4; 1), (– 4; 1; – 4; – 1), (– 1; 4; – 1; – 4), (1; – 4; 1; 4).

85. Ҳал. Баробарии $a^2(a - c) = (b^2 - c^2)(a + c)$-ро муоина мекунем. Мушоҳида мекунем, ки агар $b = c$ бошад, $a = c$ шуда, баробарии $c^2(c - b) = (a^2 - b^2)(c + b)$ иҷро мешавад, чунки ҳар ду тарафи он ба нол баробар мешаванд. Бинобар ин, минъбад ҳолати $b \neq c$-ро муоина мекунем. Қавсҳои баробарии якумро кушода, онро ба намуди зерин табдил медиҳем:

$a^3 - a^2c = ab^2 + b^2c - ac^2 - c^3$;

$a^3 + ac^2 - ab^2 = a^2c + b^2c - c^3$ ё ки $a(a^2 + c^2 - b^2) = c(a^2 + b^2 - c^2)$. (1)

Ба монанди ҳамин, баробарии $b^2(b - a) = (c^2 - a^2)(b + a)$-ро табдил медиҳем:

$b^3 - ab^2 = bc^2 + ac^2 - a^2b - a^3$;

$b^3 + a^2b - bc^2 = ab^2 + ac^2 - a^3$ ё ки $b(b^2 + a^2 - c^2) = a(b^2 + c^2 - a^2)$ (2)

Тарафҳои чап ва рости баробариҳои (1) ва (2)-ро бо ҳам зарб мекунем:

$ab(a^2 + c^2 - b^2)(b^2 + a^2 - c^2) = ac(a^2 + b^2 - c^2)(b^2 + c^2 - a^2)$ (3)

Агар $a^2 + b^2 - c^2 = 0$ бошад, баробарии $a^2(a - c) = (b^2 - c^2)(a + c)$ ба $(c^2 - b^2)(a - c) = (b^2 - c^2)(a - c)$ баробарқувва мешавад. Азбаски $b \neq c$ аст, он гоҳ $a - c = a + c$ шуда, $c = 0$ мешавад. Дар натиҷа, шарти масъала иҷро намегардад. Бинобар ин, $a^2 + b^2 - c^2 \neq 0$ буда, ҳар ду тарафи баробарии (3)-ро ба $a(a^2 + b^2 - c^2)$ ихтисор кардан имконпазир аст. Дар натиҷа, $b(a^2 + c^2 - b^2) = c(b^2 + c^2 - a^2)$-ро ҳосил намуда, ба он ифодаи баробарқуввааи зеринро ҳосил мекунем:

$ba^2 + bc^2 - b^3 = cb^2 + c^3 - ca^2$.

Баробарии ҳосилшударо ба намуди зерин табдил медиҳем:

$c^3 - c^2b = a^2c + a^2b - b^2c - b^3$.

Аз тарафҳои чап ҳамзарби умумӣ c-ро бароварда, тарафи рости баробариро ба ҳамзарбҳо ҷудо мекунем:

$c^2(c - b) = c(a^2 - b^2) + b(a^2 - b^2)$;

$c^2(c - b) = (a^2 - b^2)(b + c)$.

Ҳамин тариқ, баробарии зарурӣ иҷро гардид.

Ҷавоб: Исбот шуд.

Мамадҷон МАҲКАМОВ,
профессори кафедраи методикаи таълими математикаи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ

НАЗОРАТИ ДОХИЛИМАКТАБӢ

Ҳоло дар соҳаи маориф баланд бардоштани сатҳу сифати таълиму тарбия аз масъалаҳои муҳимтарин ба ҳисоб меравад. Дар ин самт нақши роҳбарияти муассисаи таълимӣ муҳим буда, яке аз воситаҳои асосии таъсиррасонӣ ба сифати таълим – таҳлили дарсҳои омӯзгорон мебошад.

Таҳлили дарс - тақвиятбахши фаъолияти омӯзгор

Таҳлили дарс имкон медиҳад, ки сатҳи касбии омӯзгорон муайян гардида, камбудиҳо сари вақт ошкор ва роҳҳои ислоҳи онҳо пешниҳод карда шаванд.

Мақсадҳои асосии таҳлили дарс муайян намудани сатҳи дониши методии омӯзгор, баҳогузорӣ ба усулҳои таълим, арзёбии иштироки хонандагон, ошкор намудани камбудиҳо ва пешниҳоди тавсияҳо мебошанд.

Таҳлили дуруст ба рушди эҷодкории омӯзгор, такмили малакаҳои педагогӣ ва баланд шудани самаранокии дарс мусоидат мекунад.

Роҳбарияти муассисаи таълимӣ (директор, муовинон) дар раванди таҳлили дарс вазифаҳои зеринро иҷро менамояд:

- ташкили мунтазами назорат аз сифати таълим;
- расонидани кумаки методӣ ба омӯзгорон;
- муайян кардани тағрибаи пешқадам;
- ташкили мубодилаи тағриба байни омӯзгорон;
- ҳавасмандгардонии омӯзгорони фаъол.

Пеш аз иштирок дар дарс роҳбар бояд нақшаи дарсро аз назар гузаронад, мақсаду вазифаҳои дарсро муайян намояд ва хусусиятҳои синфро ба инобат гирад.

Дар ҷараёни дарс диққат ба ҷанбаҳои зерин равона карда мешавад: оғоз ва анҷоми дарс; риояи нақшаи дарс; усулҳои таълим (фаъол, интерактивӣ); истифодаи воситаҳои аёнӣ ва технология иштироки хонандагон; сатҳи фаҳмиши мавод.

Ба фаъолияти омӯзгор чунин ҷанбаҳо баҳогузорӣ мешавад: хонандагон бояд фаъол бошанд, мустақилона фикр кунанд ва дар муҳокимаи мавзуъ иштирок намоянд.

Пас аз дарс роҳбар бояд камбудиҳоро бо далел нишон диҳад, тавсияҳои мушаххас пешниҳод намояд ва ҷиҳатҳои мусбати фаъолияти омӯзгорро таъкид кунад.

Омӯзгор дар заминаи таҳлили дарсаш барои беҳтар намудани фаъолияташ ба омӯзиш ва ҷустуҷӯи навгониҳо рӯ меорад.

Таҳлили дарс яке аз воситаҳои муҳимми идоракунии сифати таълим мебошад. Агар он бо усули дуруст ва муносибати касбӣ гузаронида шавад, метавонад ба рушди ҳамаҷонибаи омӯзгорон ва такмили бештари сифати таълиму тарбия мусоидат намояд.

Фаррух ГУРЕЗОВ,
директори МТМУ №91-и ноҳияи Рӯдакӣ

ТАБИАТШИНОСӢ



Парандаҳои хушхон



Ҳангоми баргузории мавзуи «Синфи парандагон» аз фанни зоологияи синфи 8, мо-омӯзгорон бояд кӯшиш намоем, ки хонандагонро ба парандагони хушхони Тоҷикистон шинос намоем.

Ба парандаҳои хушхон кабк, булбул, бедона, майна, саъва, чархресак, дурроҷ ва ғайра дохиланд.

Кабк дар Тоҷикистон дар баландии 4000 метр аз сатҳи баҳр зиндагӣ мекунад. Кабкҳо аз парандаҳои қадимӣ буда, вобаста ба муҳити ҷойи зист рангашон гуногун; қаҳваии паст, хокисттарранг ва нуқрагин мешавад.

Кабк парандаи тезромшаванда буда, одам онро барои овози хушаш дар хона нигоҳ медорад. Кабк аз 4 то16 тухм мегузорад. Вазни кабк аз 600 то 900 грамм мешавад. Он дар «Китоби сурхи Тоҷикистон» ворид карда шудааст.

Булбул низ яке аз парандаҳои хушхон ба ҳисоб меравад. Вай бо омад-омади баҳор (аз моҳи апрелу май) аз мамлакатҳои гарм ба Тоҷикистон меояд. Булбул бештар дар боғҳои серсоя ва роҳҳои салқини кӯҳӣ лона мегузорад. Булбул чор ва панҷто тухм гузошта, аз онҳо чӯҷа мебарорад. Булбул парандаи хурди хокистарранг буда, аз моҳи май овози чаҳ-чаҳи хушоҳангаш ба гӯш мерасад. Булбул парандаи ҳашаротхӯр ва фоидаовар аст.

Саъва низ аз парандаҳои базебу хушхон ба ҳисоб меравад. Он бештар дар боғоти кӯҳсор, буттазор, нишебии кӯҳҳо, соҳилҳои дарёҳо ва ҷангалзори Тоҷикистон вомехӯрад. Вай парандаи хурдест, ки болу параш хокистарранг буда, дар болаш рахҳои намоёни зард дорад. Хушхонии саъва бештар ҳангоми лонасозӣ ва тухмгузорӣ дар фасли тобистон ба гӯш мерасад.

Майна ҳам аз парандаҳои муқимии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, дар водиҳо, деҳаҳо, шаҳрҳо ва боғҳо вомехӯрад. Муайян намудаанд, ки майна аз сатҳи баҳр то баландии 2000 метр зиндагӣ мекунад. Майнаҳо охирҳои моҳи апрел ҷуфт шуда, лона месозанд. Онҳо лонаро дар гӯшаи бом, ковокии дарахтон, дар зери сангҳо ва кӯҳҳо месозанд ва 5-6 тухм мегузоранд. Майнаҳо дар як сол ду маротиба чӯҷа мебароранд. Хӯроки майна ҳашарот, кирмина, баъзан олуболу, гелос ва ангур мебошад.

Шариф АРАБОВ,
Паҳлавон НАЗАРОВ,
омӯзгорони МТМУ №21-и ноҳияи Варзоб

БА ПЕШВОЗИ МАШВАРАТҲОИ АВГУСТӢ

Таърихи ташаккул ва инкишофи системаи даврии элементҳои химиявӣ

Системаи даврии элементҳои химиявӣ яке аз кашфиётҳои муҳимтарини илми химия ба ҳисоб меравад. Ин система имконият медиҳад, ки элементҳои химиявӣ ба таври муназзам ҷойгир карда шуда, хосиятҳои онҳо омӯхта ва пешгӯӣ карда шаванд. Таърихи пайдоиш ва ташаккули системаи даврӣ ба асри XIX рост меояд ва бо номи як қатор олимони барҷаста алоқаманд аст.

Дар нимаи асри XIX шумораи элементҳои маълум зиёд гардид ва олимон кӯшиш карданд, ки онҳоро ба низом дароранд. Дар он давра зарурати гурӯҳбандии элементҳо ба миён омад, зеро омӯзиши хусусиятҳои онҳо душвор гардид.

Яке аз аввалин олимоне, ки ба гурӯҳбандии элементҳо машғул шуд, химики олмонӣ Йоганн Доберейнер буд. Ӯ соли 1829 «триадаҳо»-ро пешниҳод намуд. Дар ин гурӯҳҳо се элементе муттаҳид карда мешуданд, ки хосиятҳои ба ҳам монанд доштанд. Масалан, литий, натрий ва калий ба як триада дохил мешуданд. Доберейнер муайян кард, ки массаи атомии элементи миёна тақрибан ба ҳисоби миёнаи массаҳои ду элементи дигар баробар аст. Аммо ин усул наметавонист ҳамаи



элементҳои маълумро фаро гирад.

Баъдтар олими англис Ҷон Нюлендс кӯшиши дигаре барои тартиб додани элементҳо анҷом дод. Ӯ соли 1864 қонуни «октаваҳо»-ро пешниҳод намуд. Мувофиқи ин қонун, ҳар ҳаштум элемент хосиятҳои ба ҳам монанд дошт. Нюлендс элементҳоро аз рӯйи зиёдшавии массаи атомӣ ҷойгир намуда, ба хулоса омад, ки баъд аз ҳар ҳафт элемент хосиятҳо такрор мешаванд. Гарчанде ки ин ғоя ҷолиб ва барои замони худ навоварона буд, бисёр олимон онро қабул накарданд. Сабаби асосӣ он буд, ки қонуни октаваҳо танҳо барои баъзе элементҳои сабук мувофиқат мекард.

Қадами муҳимтарин дар рушди системаи даврӣ ба номи олими машҳури рус Дмитрий Иванович Менделеев вобаста аст. Ӯ (1834-1907) яке аз донишмандони барҷастаи асри XIX ба шумор меравад. Соли 1869 Менделеев Қонуни даврии элементҳои химиявиро кашф намуд, ки яке аз қонунҳои асосии табиатшиносӣ мебошад. Ӯ на танҳо химик, балки энсиклопедист, физик, иқтисоддон ва муҳаққиқи соҳаҳои гуногуни илм буд.

Менделеев системаи даврии элементҳоро дар асоси зиёдшавии массаи атомӣ ва такроршавии даврии хосиятҳои химиявии онҳо тартиб дод. Ӯ муайян намуд, ки хосиятҳои элементҳо ба таври даврӣ такрор мешаванд. Дар ҷадвали пешниҳодкардаи ӯ элементҳои дорои хусусиятҳои монанд дар як гурӯҳ ҷойгир карда шуданд.

Яке аз муҳимтарин хусусиятҳои ҷадвали Менделеев дар он буд, ки ӯ барои элементҳои ҳанӯз кашфнашуда ҷойҳои холӣ гузошт. Вай бовар дошт, ки дар оянда олимон ин элементҳоро кашф хоҳанд кард. Илова бар ин, Менделеев хосиятҳои баъзе аз ин элементҳоро пешгӯӣ намуд. Баъдтар кашфи элементҳои галлий, германий ва скандий дурустии пешгӯиҳои ӯро пурра исбот кард. Ин воқеа боис гардид, ки ҷомеаи илмӣ аҳаммияти системаи даврироро эътироф намояд.

Бояд қайд кард, ки Менделеев ҷадвали даврироро дар як муддати кӯтоҳ таҳия накардааст. Ӯ зиёда аз бист сол барои такмил ва омӯзиши ин система заҳмат кашид. Олим пайваста маълумоти олимони дигарро меомӯхт, таҷрибаҳо мегузаронд ва ҷадвалро такмил медод. Дар яке аз намунаҳои аввалини ҷадвали даврӣ гурӯҳҳо ва давраҳо ҳанӯз пурра муайян нашуда буданд. Бо вуҷуди ин, тадқиқоти пайвастаи ӯ имкон дод, ки ҷадвали даврӣ тадриҷан шакли муосири худро пайдо намояд.

Дар солҳои аввал бисёр олимон ба кори Менделеев шубҳа мекарданд. Баъзеҳо фикр мекарданд, ки гурӯҳбандии элементҳо танҳо як тасодуф аст. Танҳо баъди кашфи элементҳое, ки Менделеев пешгӯӣ карда буд, аҳаммияти воқеии ҷадвали даврӣ маълум гардид.

Менделеев дар баробари фаъолияти илмӣ, ба дигар соҳаҳо низ таваҷҷуҳ дошт. Ӯ дар соҳаи метеорология, физика ва иқтисод низ корҳои илмӣ анҷом додааст. Олим зиёда аз 1500 асари илмӣ навиштааст. Дар байни онҳо китоби машҳури ӯ – «Асосҳои химия» мавқеи махсус дорад. Ин китоб яке аз аввалин асарҳои мукаммали химияи ғайриорганикӣ ба ҳисоб меравад.


Дар асри XX, баъди кашфи сохтори атом ва пайдоиши назарияи атомӣ системаи даврӣ боз ҳам такмил дода шуд. Олими англис Генри Мозли нишон дод, ки элементҳоро бояд на аз рӯйи массаи атомӣ, балки аз рӯйи рақами атомӣ ҷойгир кард. Ин кашфиёт аҳаммияти бузурги илмӣ дошт, зеро баъзе камбудиҳои ҷадвали Менделеевро бартараф намуд. Аз ҳамон вақт сар карда, асоси муосири системаи даврӣ ба рақами атомӣ такя мекунад.

Имрӯз системаи даврии элементҳои химиявӣ яке аз воситаҳои асосии омӯзиши химия ба ҳисоб меравад. Он дар мактабҳо, донишгоҳҳо, озмоишгоҳҳо ва марказҳои илмӣ васеъ истифода мешавад. Бо ёрии системаи даврӣ олимон метавонанд хосиятҳои элементҳоро муайян намоянд, пайвастагиҳои навро омӯзанд ва ҳатто элементҳои нави химиявиро кашф кунанд.

Нақши системаи даврӣ дар рушди техника, тиб, саноат ва технологияҳои муосир хеле бузург аст. Дар соҳаи тиб элементҳои химиявӣ барои истеҳсоли доруҳо истифода мешаванд. Дар техника ва электроника бисёр элементҳо барои истеҳсоли таҷҳизоти муосир аҳаммияти калон доранд. Инчунин, дар саноати кайҳонӣ ва энергетика омӯзиши элементҳо нақши муҳим мебозад.

Ҳамин тавр, системаи даврии элементҳои химиявӣ яке аз дастовардҳои бузурги илмӣ ба шумор меравад. Он натиҷаи заҳмати олимони барҷаста ва намунаи равшани рушди пайдарпайи илм аст. Кашфи Қонуни даврӣ ба рушди минбаъдаи химия ва дигар илмҳои табиатшиносӣ таъсири амиқ расонид. Имрӯз низ системаи даврӣ ҳамчун асоси омӯзиши химия ва бисёр соҳаҳои илм хидмат мекунад.

Анора МУСОЕВА,
омӯзгори химияи гимназияи №2-и
шаҳри Бӯстон



ВУСЪАТБАХШИ ДОНИШУ АФКОР

Дар шароити ҷаҳони муосир, ки илму технология бо суръати баланд рушд меёбанд, нақши математика ҳамчун пояи асосии тафаккури мантиқӣ ва воситаи дарки ҷаҳон торафт бештар мегардад. Математика на танҳо фанни таълимӣ, балки забони умумиҷаҳонии илм аст, ки тавассути он инсон метавонад қонунҳои табиат, равандҳои иқтисодӣ ва падидаҳои иҷтимоиро шарҳ диҳад. Бо вуҷуди ин, ба мушоҳида мерасад, ки қисми муайяни хонандагон ба омӯзиши математика шавқу рағбат надоранд. Аз ин рӯ, баланд бардоштани шавқи хонандагон ба ин фан яке аз масъалаҳои муҳимми педагогикаи муосир ба шумор меравад.

Аввалан, бояд зикр намуд, ки муносибати хонанда ба фан аз усули таълим ва маҳорати омӯзгор вобастагии зич дорад. Омӯзгоре, ки дарси худро бо усулҳои ҷолиб, фаҳмо ва эҷодкорона баргузор мекунад, метавонад ҳатто душвортарин мавзуъҳоро ба хонандагон ба таври саҳеҳу ҷолиб шарҳ диҳад. Масалан, истифодаи мисолҳои ҳаётӣ, ки ба таҷрибаи рӯзмарраи хонандагон наздиканд, метавонад дарки мавзуъро осон ва шавқовар намояд. Вақте хонанда мефаҳмад, ки математика дар зиндагии ҳаррӯза чӣ гуна истифода мешавад (аз ҳисобу китобҳои одӣ то технологияҳои мураккаб) ба омӯзиши ин фан бештар таваҷҷуҳ зоҳир мекунад.

Истифодаи технологияҳои муосир дар раванди таълим аҳаммияти калон дорад. Имрӯз имкониятҳои васеи рақамӣ – барномаҳои интерактивӣ, платформаҳои таълимии онлайн ва воситаҳои визуалӣ метавонанд дарси математикаро муассир ва ҷолиб гардонанд. Видеодарсҳо, аниматсияҳо ва симулятсияҳо ба хонандагон имкон медиҳанд, ки мафҳумҳои абстрактиро ба таври аёнӣ дарк намоянд. Ҳамин тариқ, истифодаи технологияи ҳозиразамон дар дарсҳо на танҳо сифати таълимро беҳтар мекунад, балки шавқи хонандагонро низ афзоиш медиҳад.

Бояд қайд кард, ки муҳити мусоиди равонӣ дар синф низ нақши калидӣ дорад. Агар хонанда аз хато тарсад ё худро нотавон эҳсос намояд, шавқи ӯ ба фан коҳиш меёбад. Аз ин рӯ, омӯзгор бояд фазои мусоид ва ҳавасмандкунандаро фароҳам оварад, ки дар он ҳар як хонанда худро озод ҳис кунад. Баргузории дарс дар шакли бозӣ ва мусобиқа ба рафти таълим метавонад таъсири мусбат расонад. Бозиҳои мантиқӣ, викторинаҳо, озмунҳои синфӣ ва гурӯҳӣ на танҳо донишро мустаҳкам мекунанд, балки руҳияи рақобати солим ва ҳамкориро низ тақвият мебахшанд. Вақте ки дарс ба шакли бозӣ мегузарад, хонандагон худро дар раванди омӯзиш дида, ин ҳолат шавқи онҳоро ба фан бештар мекунад.

Ҳамчунин, нақши волидонро низ нодида гирифтан мумкин нест. Дастгирии волидон, муносибати мусбат ба таҳсил ва ҳавасмандкунии фарзандон дар хона метавонанд ба ташаккули шавқи устувор ба фанҳои таълимӣ, хусусан, математика мусоидат намояд.

Дар баробари ин, бояд ба рушди тафаккури эҷодӣ ва ба мустақилияти хонандагон аҳаммият дода шавад. Математика талаб мекунад, ки хонанда фикр кунад, таҳлил намояд ва роҳи ҳалли масъалаҳоро мустақилона ёбад.

Баланд бардоштани шавқу рағбати хонандагон ба омӯзиши математика як раванди бисёрҷониба аст, ки усулҳои муосири таълим, бозиҳои мантиқӣ ва пайвастани илмро бо ҳаёти воқеӣ талаб мекунад. Бозӣ ва машқҳои мантиқӣ ҷузъи ҷудонопазири дарсҳои муосир буда, барои шавқманд кардани хонандагон ва рафъи ҳароси онҳо аз мушкилии фан кумак мекунанд. Пайвастани математика бо ҳаёти воқеӣ, нишон додани он ки математика на танҳо маҷмуи рақамҳо, балки асоси технология, иқтисод ва ҳаёти ҳаррӯза аст (масалан, ҳисобҳои молиявӣ, моделсозӣ), шавқи хонандагонро зиёд мекунад. Ташкили корҳои беруназсинфӣ, гузаронидани маҳфилҳо, олимпиадаҳои хурд ва чорабиниҳои математикӣ берун аз дарс самаранокии таълимро баланд мебардорад.

Ҳамчунин, муҳим аст, ки муваффақиятҳои хурдтарини хонандагон сари вақт қадрдонӣ карда шаванд. Ҳатто дастовардҳои хурд метавонанд ба баланд шудани бовар ба худ ва ба афзоиши шавқ мусоидат намоянд. Калимаҳои руҳбаландкунанда, мукофотҳои рамзӣ ва эътирофи заҳмати хонанда дар назди ҳамсинфон воситаҳоеанд, ки метавонанд таъсири бузург дошта бошанд.

Хулоса, баланд бардоштани шавқи хонандагон ба омӯзиши математика раванди мураккаб ва бисёрҷанба мебошад, ки аз ҳамкории омӯзгор, хонанда ва волидон вобаста аст. Истифодаи усулҳои муосири таълим, фароҳам овардани муҳити мусоид, ҷорӣ намудани технология ва дастгирии равонӣ метавонад ба ин ҳадаф мусоидат намоянд. Танҳо дар чунин шароит мумкин аст, ки хонандагон на танҳо математикаро биомӯзанд, балки онро дӯст доранд ва дар зиндагии худ самаранок истифода баранд.

Исроил ИБРОҲИМОВ,
омӯзгори математикаи
МТМУ №6-и ноҳияи Зафаробод

Дар Намоишгоҳи байналмилалии савдо ва сармоягузории «Суғд – 2026» беш аз 200 ширкати ватанӣ иштирок намуданд.

Субҳи саодат медамад дар раҳгузорат, эй Ватан,
Меҳри Худо ҷавлон занад дар ҳар наворат, эй Ватан!
Камол Насрулло

АЗ ДАФТАРИ ЁДДОШТ

БАБРИ МОЗАНДАРОН

Дар овони наврасӣ ва ҷавонии мо, солҳои шастуму ҳафтодуми асри гузашта, замони Иттиҳоди Шуравӣ, ин кишвари бузургро «маҳкам бо пардаи оҳанин» мегуфта бошанд ҳам, дарҳои он барои ворид гаштани адабиёт ва фарҳанги пешқадами дунё ҳамеша боз буд.

Ҳазорҳо адабиёти илмӣ, бадеӣ, публитсистӣ ва филмҳои хориҷӣ бо забони русӣ тарҷума, нашр ва дастраси миллионҳо хонандагон ва тамошобинони кишвар мешуд. Ҳамчунон, ба забони халқҳои Шуравӣ тарҷума мегардид. Чунин амал яке аз беҳтарин фазилатҳои ҳамон давра буд.

Дар «шашяки рӯйи замин» жанри филми бадеӣ чун беҳтарин воситаи тарбияи бачагон, наврасон, ҷавонон ва тамоми мардум истифода мешуд. Ин шакли тарбия натиҷаи хуб медод.

Дар замони Эрони шоҳӣ аз ин кишвар даҳҳо филм ва ҳазорҳо адабиёти илмию бадеӣ, шеъру суруди беҳтарин овозхонҳо вориди кишвари Шуравӣ мегашт. Дар байни хонандагону тамошобинон паҳн мешуд. Мо аз онҳо ғизои маънавӣ мегирифтем. Дар бораи ахлоқ, маънавиёт, урфу одат, тафаккури бадеӣ, дараҷаи рушди тарбияи эстетикии халқҳои ҳамзабони худ маълумот дарёфт мекардем.

Яке аз филмҳои хотирмон «Бабри Мозандарон», истеҳсоли филмсозони эронӣ буд. Нақши қаҳрамони филмро ҷаҳонпаҳлавон Имом Алӣ Ҳабибӣ иҷро менамуд.

Филм характери тарҷумаиҳолӣ дошт. Аз сифатҳои шахсият ва тақдири як ҷавонмарди форс ҳикоят мекард, ки тавассути омӯзиш ва машқҳои сангини мақсадноки шабонарӯзӣ аз варзишгари одӣ, зина ба зина, то ба унвони қаҳрамони ҷаҳон дар риштаи гӯштингирӣ ноил мегардад. Шаъну шарафи ватанашро дар арсаи ҷаҳон баланд мебардорад.

Чанд сухани мураббии қаҳрамони филм, ки ба шогирдон ҳидоят мекард, барои мо, ҷавонон хотирмон буд: «Таваллуд шудан дар олам як чизи одӣ аст. Аммо ба қадри он расидан, дар зиндагӣ нақш гузоштан – ин аст нишонаи камолот ва хиради инсонӣ». Ё ин ки: «Инсон набояд аз зиндагӣ туҳфае интизор бошад. Баръакс, бояд зиндагиро ҳамчун туҳфа барои худ ташкил кунад».

Шинохти аввалини ман аз кишвари бузурги Эрон тавассути ҳамин филм сурат гирифта буд.

Дар соли дуюми фаъолияти дипломатӣ, ба хотири рушди саромоягузорӣ ба иқтисодиёти мамлакат, ман гурӯҳи соҳибкорони шинохтаи Эронро ба сафорат даъват кардам. Чанд лоиҳаро пешниҳоди онон намудам.

Муҳокима, суолу ҷавоб ва хулосаҳои мо, дар маҷмуъ, муфид буданд.

Баъди чорабинӣ мо ба меҳмонон дастурхони таомҳои тоҷикӣ пешкаш кардем.

Ҳангоми гуфтугӯи озод бо соҳибкорон, ман дар бораи адабиёт, фарҳанг ва маданияти Эрон, аз ҷумла, оид ба филми «Бабри Мозандарон» ва қаҳрамони он оғои Ҳабибӣ таассуроти худро баён доштам.

Бо сипарӣ шудани панҷ-шаш рӯз, яке аз соҳибкорони Теҳрон бо исми оғои Муҳсинӣ дархости мулоқот кард. Ҳини вохӯрӣ чанд таклифи муфиди ҳамкориро бо Тоҷикистон пешниҳод намуд.

Ҳамзамон изҳор дошт:

– Муҳтарам кордори Сафорат, ҳангоми мулоқот бо соҳибкорони эронӣ, Шумо, ҳамзамон, дар бораи адабиёт ва фарҳанги Эрон ҳарфҳои ҷолиб арзонӣ доштед. Аз ҷумла, нисбат ба оғои Имом Алӣ Ҳабибӣ, қаҳрамони филми «Бабри Мозандарон» ҳам.

Ростӣ, оғои Ҳабибӣ дойӣ (бародарзода)-и ман аст. Дар ин муддат, банда имкон доштам бо эшон дар тамос бошам. Зарур донистам, дар бораи суҳбати Шумо, таассуроти некатон нисбат ба филми «Бабри Мозандарон» ва қаҳрамони он изҳори назар намоям.

Ин пайғомро оғои Ҳабибӣ бисёр хуб пазируфт. Ба ман супориш дод, ки даъвати ҷаҳонпаҳлавонро барои ташриф овардани Шумо ба манзили эшон дар Мозандарон расонам. Он кас интизори посухи Шумо аст, ки кай ин имконро метавонед пайдо бикунед.

Аз ин даъват хурсанд шудам. Пеш аз ҳама, дар бораи зиндаву саломат будани ин шахс, ки мамлакати худро дар олам аз ду чиҳат муаррифӣ кардааст. Аввалан, ҳамчун қаҳрамони ҷаҳон ва дуюм, чун нақшофари филми машҳуру хотирмон.

Бо иҷозати роҳбари намояндагӣ, ман розигии худро барои аёдати шахсияти хирадпешаву зӯрманд ба оғои Муҳсинӣ иброз доштам.

ТАҲАМТАН БИПӮШАД БАБРИ БАЁН

Ҳамин тариқ, мо бо аҳли оила озими сафари Мозандарон шудем.

Воқеан, ин мавзеъ, ки дар соҳили баҳри Хазар ҷойгир аст, як қисмати биҳиштосои Эронро мемонад.

Мо бо ҳамроҳии оғои Муҳсинӣ шаҳрҳои Гургон ва Омулро паси сар карда, ба маркази Мозандарон расидем.

Оғои Муҳсинӣ роҳнамо буд. Мошини ӯ пешопеш мерафт. Мо аз шаҳр берун баромада, ба самти фароз ҳаракат кардем. Оқибат, аз нуқтаи аҳолинишин ҷудо шуда, ба сӯйи теппаи бузурге роҳ гирифтем.

Умуман, Мозандарон мулки ҳамешабаҳор, сарсабзу хуррамро мемонад. Саросар ҷангалзор ва чашмасор аст.

Самти теппае, ки мо ҳаракат мекардем, аз чапу рост ҳамин табиатро дошт.

Оқибат, мошинҳои мо ба баландии теппа расиданд. Рӯ ба рӯйи мо як дарвозаи бузург баромад. Мисле, ки касе мунтазири мо бошад, онро кушод. Маълум мешуд, ки соҳибхона аз вақти омадани мо хабар дорад.

Вориди ҳавлии ба андоза калон шудем ва пасу пеш мошинҳоро манъ карда, фаромадем.

Моро як пирамарди тахминан ҳафтод-ҳафтоду панҷсола, қадбаланд, газгӯшт, чашму абрӯсиёҳ, бо мӯйи сари кӯтоҳи ҷингилаи мошубиринҷ, риши пок тароша, шими ҷинси обшуста, куртаи остинкӯтоҳи замонавӣ ва пойафзоли сабуки варзишӣ пешвоз гирифт.

Ӯро ҳамон замон шинохтам. Ӯ оғои Имом Алӣ Ҳабибӣ буд.

Мизбон моро гарму ҷӯшон пешвоз гирифт. Ба саломаш ман даст дароз кардам. Оғои Ҳабибӣ бошад, бо хушнудӣ ва чеҳраи кушод, гӯё маро чандин сол боз мешинохта ва робитаи дӯстӣ дошта бошад, ба оғӯш кашид.

Дар чунин синну сол ҳам бозуи қавӣ ва бадани оҳанини ин пирамардро эҳсос кардам. Дасту панҷаи оғои Ҳабибӣ сахт, шахшул ва меҳнатдида буданд.

Ӯ нигоҳҳои тез, омӯзанда, солори нарм ва меҳрубонона дошт.

Одатан, варзишгарони касбӣ аз лиҳози дониш, маънавиёт зиёд пешрав нестанд. Рушди ҷаҳонбинии эшон бо мушакҳои бадан ва унвонҳояшон дар таносуби нопурра қарор дорад.

Аммо дар нақши марказии филми аз лиҳози руҳию равонӣ ва ҷисмонӣ мураккабу гуногунҷабҳа бозӣ кардани оғои Ҳабибӣ аз дониш, хирад, фарҳанг ва маънавиёти баланди ин шахсияти фавқулода шаҳодат медод.

Баъди ҳолпурсӣ оғои Ҳабибӣ миннатдории худро аз ёдоварӣ ва арҷгузорӣ нисбат ба нақши беш аз сӣ сол пеш офаридааш дар санъати кино изҳор дошт ва гуфт:

– Ҷаноби оғои сафир! (Дар асл банда мушовири сафорат будам). Пештар гумон мекардам, ки ман ба ҳайси қаҳрамони ҷаҳон дар мушкилтарин сабқат – гӯштини тарзи озод дар дунё машҳурам, аммо Шумо маро ҳамчун нақшофарини маъруф шинохтаед. Ин бароям хеле ҷолиб уфтод.

Гуфтам:

– Оғои Ҳабибӣ, ҳунарманди марказии филмро низ қаҳрамон, қаҳрамони филм меноманд. Гузашта аз ин, Шумо дар филм нақши худатон – қаҳрамони ҷаҳонро офаридаед.

Ба фикри ман, ҷумлаи охирин ба оғои Ҳабибӣ бештар маъқул омад. Ва ба суолҳои худ нисбат ба андешаи мо доир ба ҳаёту корномааш посухи муносиб пайдо кард.

Оғои Ҳабибӣ бори дигар моро хайрамақдам гуфта, ба дастурхоне, ки барои меҳмонон ороста буд, даъват намуд.

Боду ҳаво дар рӯзи ташрифи манзили он ҷаҳонпаҳлавон софу бегубор ва офтобӣ буд. Ба ҳамин хотир, ман ба соҳибхона пешниҳод кардам, ҳавлӣ ва боғоти худро, ки хеле зебову дилкаш ва маҳсули парвариш ва ҳимояи зиёди шахси босалиқаро мемонд, нишон диҳад.

Мизбон хоҳиши маро хуб пазируфт.

– Ин тавр бошад, биёед аввал ҳавлӣ, баъдан осорхонаро тамошо мекунем. Пасон ба сари дастурхон бармегардем, – иброз дошт мизбон.

Хонаи оғои Ҳабибӣ дар нуқтаи баландтарини теппаи сарсабз ва дарахтзор ягона буд. Он бо ним таҳхонаи тирезадор, якқабата, барҳаво дар асоси нақшаи меъмории хуб коркардшуда сохта ва шифти баланду дару тирезаҳои бузург дошт.

Ман чунин андеша доштам, хонае, ки кас барои зиндагии худ ва аҳли оилааш месозад, пораи қалб, маҷмуи ҷаҳонбинӣ, дидгоҳи ӯ ба зиндагии имрӯзаву оянда, муҷассамаи муаррификунандаи шахсияти худи ӯст. Хонаи истиқоматиро одам барои умри дарози худ, аҳли хонавода ва набераву абераҳо бунёд мекунад. Набояд дар эъмори он саросема шавад. Хона таърихи наслҳои як оила ва қисмати бузурги он аст.

Долони хонаи оғои Ҳабибӣ шишакорӣ карда шуда, дари бузурги дуқабата дошт.

Атрофи хонаро чойлоби калони ангур бо сутунҳои рехтаи фулузотӣ ва зебо иҳота карда буд.

Зери чойлобро, гӯё қолини сабз густурда бошанд, соҳибхона майса кошта, бо нигоҳубини ғамхорона сарсабз гардонида.

Дар сарҳади чойлоби ангур бо майдони обчакорӣ, қариб даҳ намуди гули садбарг парвариш меёфт. Дар майдони обчакорӣ ҷӯякҳои батартиб коркардшудаи сабзӣ, помидор, лӯбиё, маккагӣ, картошка ва дигар навъҳои сабзавот зинати ҳавлиро дучанд мегардонд.

Ҳамзамон бо ин, дар байни ҳар панҷ ҷӯяк, дарахтони мевадиҳандаи себ, зардолу, нок, олуболу ва ғайра шинонида буданд.

Аллакай, дар аввалин нигоҳ, ин манзара аз сифати олии шахсияти соҳибхона шаҳодат медод.

Қаламрави зисти оғои Ҳабибӣ тақрибан панҷоҳ сотихро ташкил мекард. Атрофи замин девор надошт. Бо як сими бофтаи бо ранги сабз рӯйкашшуда, албатта, барои зеби табиатро халалдор накардан ҳифз мегардид. Аз ин лиҳоз, гумон мекардӣ, ки тамоми теппаи сарсабзи бузург давоми ҳавлии оғои Ҳабибӣ аст.

Соҳибхона ҳар як дарахт, ҷӯяки обчакорӣ, навъи сабзавот ва фоидаи онро шарҳ медод.

Ба ин шахсияти бузург гӯш дода, гумон мекардед, ки бо мутахассиси сатҳи баланди соҳаи наботот, боғпарварӣ, сабзавоткорӣ, гулу гиёҳшиносӣ ва дорую дармонсозӣ суҳбат доред.

Акнун ман боз бештар дарк менамудам, ки чӣ гуна як ҷавонмарди меҳнатқарин, тавъам бо машқҳои сангину иродаи оҳанин, тавонистааст қаҳрамони секаратаи ҷаҳон дар гӯштингирӣ шавад.

Илова бар ин, ҳамчун ҳунарманди риштаи кино нақшеро офарад, ки барои ҳар бинанда, таассуроти шахсияти ботадбир, хирадманд, заҳматкаш, соҳибташаббус ва ватанпарастро боқӣ гузорад.

Оғои Ҳабибӣ моро ба қисмати шимоли майдони боғи худ даъват кард. Аз ин баландӣ бо дасташ ба майдони бузурге, ки дар пойини теппа, дар соҳили як канали калон ҷойгир буд, ишора намуд. Он ҷо замине бо паҳноии каб-кабуд ба назар мерасид.

Мизбон шарҳ дод:

– Оғои сафир, ин майдони сарсабзеро, ки мебинед, замини шахсии ман аст. Шолизор. Иборат аз сад гектар.

Вақте ман дар муқовиматҳои шадид ва мусобиқаҳои мушкилу мардафкан қаҳрамони мутлақи ҷаҳон шудам, парчами Эронро дар олам партавфишон кардам, чунин рӯйдод дар таърихи кишвар аввалин бор буд.

Баъди бозгашт ба Ватан, анбуҳи мардум маро дар фурудгоҳи Меҳробод пешвоз гирифт. То ба Қасри Малик ҳамроҳӣ кард. Шоҳ Ризо Паҳлавӣ шахсан ба истиқболи ман баромад. Барои ин ғолибият банда ва тамоми мардуми Эронро табрик гуфт. Суҳбат орост. Зиёфат фармуд. Ва пурсид, ба чӣ ниёз дорам. Гуфтам, шукр, ба ҳеҷ. Шоҳ лутф кард. Ба ман ана ҳамин сад гектар заминро ҳуҷҷат карда, ҳамчун туҳфа тақдим намуд. Ману авлоди ман, як умр аз чунин қадрдонии шоҳ Ризо Паҳлавӣ миннатдор ҳастем.

Баъди инқилоби исломӣ ин заминро аз дасти ман гирифтанд. Ман ҳаққи сухан гуфтан надоштам. Аммо, баъдан, ҳукуматдорон, намедонам чӣ андеша карданд, ки ин майдонро ба ман бозпас гардониданд.

Дар ин қисмати Мозандарон боду ҳаво барои парвариши зироати шолӣ беҳтарин аст. Аз ҳамин лиҳоз, шолӣ мекорам. Зиндагии ману аҳли оилаамро ҳамин замин пеш мебарад.

Баъдан оғои Ҳабибӣ моро ба дохили бино даъват кард. Вориди он гаштем.

Шифти иморат наздики чор метр иртифоъ дошт. Хонаҳо ба тарзи одӣ, аммо хушсалиқа ҷиҳозонида шуда буданд.

Сипас ҷаҳонпаҳлавон осорхонаи шахсиашро, ки яке аз толорҳои бузурги хонаро ишғол менамуд, ба мо шинос кард.

Аксҳои падару модар, хонаи падарӣ, мактаби ибтидоӣ, миёна, фаъолияти деҳқонии худи оғои Ҳабибӣ, шогирди усто ва устои калони таъмири велосипед будани ӯ, корхонаи шахсии таъмири велосипед, сеҳҳои хурди истеҳсолӣ, клуб ва майдонҳои машқи гӯштингирӣ, зина ба зина расидан ба мартабаи қаҳрамони ҷаҳон, акси устодон, мураббиён, расми бузурги аз ҷониби рассоми босалиқа кашидашудаи Ризошоҳ Паҳлавӣ осорхонаро оро дода буданд.

Аз оғои Ҳабибӣ пурсидам:

– Магар дар осорхонаи шахсӣ ба намоиш гузоштани расми шоҳи Эрон, ки нисбаташ ҳукумати кунунӣ муносибати муайян дорад, барои Шумо мушкил эҷод намекунад?

Соҳибхона табассум карда, ба суоли ман бо байти шоири машҳур Муҳайярӣ посух дод:

Хотири доно зи гирдоби
ҳаводис фориғ аст,
Кӯҳи гардунсойро андеша аз
селоб нест.

Дар ҷойи намоён медалҳои дар мусобиқаҳои ҷаҳонӣ сарфароз гардидаи ӯ пешкаш шуда буданд. Навори нусхаи аслии филми «Бабри Мозандарон» дар шакли видеоӣ, ҷузъи ифтихории осорхонаи оғои Ҳабибӣ буд, ки дар телевизиони сохти ҳамон давра, дар шакли асл – сиёҳу сафед намоиш дода мешуд.

Дар осорхона оғои Ҳабибӣ ба ман китоби тарҷумаиҳолии худ таҳти номи «Фарзанди шолизор»-ро туҳфа кард. Ман ҳам дар ҷавоб асари «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуровро бо хатти форсӣ ба қаҳрамони ҷаҳон тақдим намудам.

Суҳбати мо дар гирди дастурхони оғои Ҳабибӣ, ки бо таъкиди мизбон, кулли анвоъ маҳсули майдони зироаткории худаш буд, дар мавзуъҳои гуногун сурат гирифт.

Ман соҳибхонаи машҳурро ҳамчун донандаи хуби таърихи Эрон ва забону адабиёти форсӣ дарёфтам. Ӯ шефтаи Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ҷовидонаи ӯ буд. Бовар дошт, ки офаридаи донои Тӯс ҳамчун роҳнамо ва қуръони Аҷам дар ҳар хонадони мардуми форсизабон шинохта мешавад.

Ман ба хулосае омадам, ки ин марди шариф қариб тамоми абёти шоҳасари мардуми ориённажодро аз ёд медонад.

Вақте дар бораи Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ сухан мегуфт ва барои тасдиқи фикраш пораи шеъриеро аз он қироат мекард, чашмонаш мисли нигоҳҳои Рустами Зол ба хотири сарбаландӣ, ғурури таърихӣ ва манзалати ҷавонмардони Эрони бостон шуълавар мегаштанд.

Ҷаҳонпаҳлавон сухани худро дар бораи Фирдавсии бузургвор, гӯё як навъ ҷамъбаст карда, чор мисраи шеъриеро, ки ба фикрам, мансуби қалами шоири машҳури тоҷику форс Анварии Абевардӣ мебошад, арҷгузорӣ намуд:

Офарин бар равони Фирдавсӣ,
Он ҳумоюннажоди фархунда.
Ӯ на устод буду мо шогирд,
Ӯ Худованд буду мо банда.

Ман ҷаҳонпаҳлавон Ҳабибиро ҳамчун шахси ватандӯст, рӯинтан, ҷавонмард, донишманду донишситой, пуркор, солор, хирадпеша, соҳибандеша, мустақилу маорифпарвар ва намунаи марди бузургу асили эронӣ дарёфтам.

Аз ташриф ба Мозандарон, мулоқот бо шахсияти соҳибноми мардуми форс, шинохти афкору зиндагии ӯ, аҳли оила таассуроти фаромӯшношуданӣ бардоштем.

Вале баъди сипарӣ шудани чанд сол, шунидам, ки мутаассифона, оғои Ҳабибӣ бо кадом сабабе бо аҳли оилааш ба Амрико кӯч бастааст.

(Аз китоби С. Ятимов
«Ёддоштҳо». Қисми 2.
– Душанбе, «Эко Принт», 2024. –
Саҳ. 416 - 427)

17 июн дар шаҳри Душанбе Конфронси байналмилалии илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Тамоюлҳои рушди маориф дар кишварҳои иттиҳод» баргузор шуд.

НОВЕЛЛА

Мӯзаҳо

Соли 1994 буд ё шояд 1995. Не, дақиқан дар ёд надорам. Дуруст айёми ҷанг буду шӯру валвала. Харобӣ буду вайронӣ, чашмҳои пуроб буду лабҳои парсингбаста. Шикамҳои гурусна буду нони зағора, ҳатто сабӯс ва чизе аз фурӯхтанӣ намонда буд андар хона. Ҳар чӣ аз моли зинда буду колои андак баарзиш, рафт ба савдо. Ростӣ, ҳеҷ ашёи чашмгир намонда буд андар ҳавлии чун орзуҳои беохири мову фарзандонамон васею бузург. Субҳе ҳамсарам бо чашмони ҳаросон бедорам карду гуфт:

- Бихез, чизе биёбу бубар ба бозор, кӯдакҳо қариб аст, то аз гӯшнагӣ… по дароз кунанд. Ҳичи андешаи онҳора дар сар дорӣ?

Ва ба ҷогаҳу бистарҳои дарози ба ҳам ҷафс, ки андарунашон каллаҳои тифлонамон аранге намоён буд, нигоҳи маъюсона дӯхт вай. Нигоҳи маломол аз ғаму ҳасрат.

Ва бархостам аз ҷо пакару саргарангу ошуфта. Дар берун, дар рӯйи ҳавлӣ садои мурғон буду хурӯсон. Зиндагӣ дар охири фасли тирамоҳ ба кундӣ ҷараён дошт. Бӯйи сардӣ меомад аз дуриҳо, шояд аз сӯйи кӯҳҳо ва ҳам бӯйи навмедӣ ва ҳаросу марг ва пажмурдагию хазонрези ҳаёт. Ҳар куҷо чашмам афтид, кофтаму зеру рӯ кардам. Чизе ба каф наомад. Мағзам карахт мешуду хун дар баданам ту гӯӣ, ях мебаст. Афкорам парешон буд. Сарафканда даромадам ба хона. Тирагиву сиёҳӣ фавҷ-фавҷ бар чашмонам нуфуз мекард, ба даҳонам, ба гӯшҳоям. Ин зулмот аз куҷо? Рӯзи сиёҳ аз куҷо? Овозе ҷигарсӯз, ки пардаҳои гӯшу диламро сӯрох карда гузашт, омад зад туи мағзам:

- Имрӯз ҳам нон намеорен? Дина, ки наоварден. Охи, зағораву сабӯс ҳам боша…

Аз нигоҳи пурҳасрати духтарчаам Зулола эҳсоси дарде дар қалбам нуфуз кард. Ҷонам, ту гӯӣ, омад ба ҳалқам. Оташи шарм чеҳраамро фаро гирифт, сӯхтам…

Аз хонаи шафат садои ҳамсарам баланд гардид:

- Оташ, биё ин ҷо. Ёфтам як чиз.

Ворид шудам ба хонаи дигар, ки бас сарду мартуб буд.

Наздики сандуқ рост истода буд «модари бачаҳо» ва куртаву либосҳои бисёреро таҳ мекарду мегузошт дар сандуқ.

- Ана, бигир ин чизи Худододаро,-ҷуфти мӯзаро аз сандуқ бигрифта, нишон дод ба ман. - Бигиру бубар, мефурӯшӣ ё иваза мекунӣ ба нон ё орд. Кори туст. Бархезу биштоб.

Аҷаб, аҷаб! Мӯзаҳо, мӯзаҳои ман. Мегирам онҳоро ба дасту мепалмосам. Хира мешавам ба мӯзаҳо, мӯзаҳои сип-сиёҳи пурҷило. Алъон ёдам омад, ҳо, ҳо, ёдам омад, ки он мӯзаҳо аз куҷост. Мӯзаҳои афсарии олмонӣ, мӯзаҳое, ки ҳини хидмати тарҷумонӣ андар шаҳри Тирмиз бароям дода буданд. Як ҷуфт ба ҳангоми саршавии хидмати афсарӣ дода буданд, ҷуфти дигарро (ҳаминҳое, ки дар сандуқ маҳфуз будаанд) соли дуввуми хидмат. Ин ҳамон мӯзаҳои замони хидмати афсарӣ дар Тирмиз аст. Чаро боре аз ин мӯза ёдам наомад? Мӯза-неъмати нодиру бебаҳо, бозёфти ҳамсари азизам!

Инак мегираму ба халтае ҷо мекунам мӯзаро ва ҷома дар тан мебароям ба роҳ, то бирасам ба бозори маркази ноҳия. Тезтар, тезтар бояд мӯзаро фурӯхт, бояд маблаға ба даст овард, бояд нон ё орд харид. Бояд… бачаҳоро аз гуруснагӣ наҷот дод. Бояд!

Ва то шоҳроҳи асосӣ, ки мошинҳо аз сӯйи шаҳр ҳаракат мекарданд, хеле фосила аст. Аз тангкӯчае Усмони муаллим (ҳамкори дар синну сол бузургтар аз ман) мебарояду ҳамроҳ мешавад бо ман. Як халтаи чиркини калоне дар даст дорад. Мегӯяд, ки андаруни он шинели даврони хидмати сарбозияш аст.

- Чизе намонд дар хона, - ҳасрат мекунад вай, ки дар сар тоқии бас куҳнаву рангпаридае дораду гӯшҳояш аз сардӣ арғувониянд. - Кофтаму кофтам, ҳамин шинелро ёфтам, наппа-нав аст. Яке касе мехаридагист, зимистон дар пеш аст,



охир! Ҳо, ҳо, ҷӯра, чизе намонд дар хона, ҳамааш рафт. На гов монду на гӯсола, на буз монду на бузғола. Худат куҷо равонаӣ?-мепурсад.

Мефаҳмонам ба ӯ, хурсандем ҳар ду.

- Худо кунад, ки бахтамон тофта, колоҳоямонро бифрӯшем, вагарна…

- Ҳоламон чатоқ мешавад,-ба сухан идома медиҳам ман. - Ҳо, ҳо, бади бад, рӯзи сиёҳ…

… Ва мерасем ба бозор ва каноре рӯйи халтаҳо мегузорем мӯзаву шинелро. Усмон илло шинели сарбозии кабудфом, як покуи куҳнаеро мегузорад рӯйи халтааш. Мӯзаи сиёҳандуду наву муҷаллои афсарии ман. Мӯзаи чармаш холис! Мо менигарем ба умед ба мардум, ба харидорон. Аммо касе на ба мо таваҷҷуҳ мекунаду на ба шинелу покуву мӯза. Гоҳ-гоҳе касе нимнигоҳе меафканад ва ҳамчунон ба роҳаш идома медиҳад. Усмон, дигар тоқаташ тоқ шуда, садо баланд мекунад:

- Ҳой мардум! Марҳамат, поку, шинел! Мӯза бихаред, мӯза аз чарми тоза, мӯзаи истеҳсоли Германия, афсарӣ.

Касе ба колаҳои мо вопас назар накард. Рӯз тадриҷан нисф шудаву гуруснагӣ чун деве сиёҳ ханҷол мезад ба шикамҳо. Ва боз шамоли сарде сару танро сӯзонда мегузашт. Оқибат 5-6 нафар камонбадаст назди мо пайдо шуданд. Яке аз онон, ки қадбаланду фарохшона буду чашмони калон-калони беҳиссе дошт, даст ба мӯза бурд.

- Чанд сӯм?

- Чанд мегӯед Шумо?

- Ту, аввал, ба ман бигӯ, ки ин мӯзаро аз куҷо ёфтӣ?-кунҷковона пурсид он камонбадаст.

Ман наёфтам, балки вақти хидмат…

- Кадом хидмат? Чиҳо мегӯӣ?-ба ҷавоби ман эътиборе надода шӯрида рафт вай. -Хайр, майлаш, ба чанд сӯм медиҳӣ?

- 20 000 рубл (пули бекурби он солҳо дар назар аст),-посух додам ман.

- Ну, ладно,-бо забони омехтаи русӣ ғуррид «вай» ва мӯзаро бардошта, батаанӣ ба ин сӯву он сӯяш назар кард. Ва ботинкаҳояшро бароварда, мӯзаро ба по пӯшиданӣ шуд. Як мӯза ба пояш мувофиқ омад, вале дуюмаш гӯё ноомади кор бошад, ҳеҷ не ки ба пояш ҷо шавад. Камонбадаст ҳарчанд саъй кард, мӯза ба пояш ҷо нагирифт.

- Иъ, аҷоиб-ку,-ҳайрон пичиррос зад вай ва мӯзаро бароварда, ба тагчармаш нигарист.

- Ҳа, ана, гап дар куҷо будааст,-ҳанӯз ҳам аз тагчармаи мӯзаи дуюм чашм наканда, хитоб кард вай.

Фиребгар, машенник, дузд,-якбора овоз баланд бинмуд.-Ту киро фиреб медиҳӣ? Бигӯ, киро гӯл мезанӣ?

- Ман намефаҳмам? Гап сари чист?-тааҷҷуб кардам ман.

- О, ин мӯза яктоаш размери 42 будааст дигараш 41. Маҳ, бубин…

Вай мӯзаҳоро ба таги бинии ман наздик овард. Ва маро ҳеч бовар намеомад, ки ин ҳама воқеият аст.

- Акнун бигӯ! Аз куҷо дуздидаӣ, ин мӯзаҳоро?

- Надуздидаам,-фаҳмонданӣ шудам.

- Охир, хидмати афсариро дар Афғонистон, баъдтар дар Тирмиз ба ҷо овардаам ман. Мефаҳмед ё не? Ин мӯзаҳои афсарӣ аз ҳамон хидмат нишонаанд. Аммо…

Онҳо ба шӯру ғазаб омада, аз дастонам кашида, ба мушту лагадкӯбиям шуруъ карданд. Ман ҳарчанд муқовимату муқобилият нишон доданӣ мешудам, асаре надошт. Охир аз даҳону биниям хун шорида, ҳолам андак-андак бад шудан гирифт. Баъд… дигар чизеро ба хотир надорам. Як вақт:

- Хез, ошно, хез,-гуфтани ҳамкорам Усмон маро ба худ овард. Мехостам, бархезам, наметавонистам, гӯӣ миёнам бишкаста бошад. Интиҳо бо азоби алиме, бо ёрии Усмон ба зӯр бархостам зи ҷо ва ногаҳ чашмам ба мӯзаҳо, ки пеши поям «ҳайрону зор» мехобиданд, афтид.

- Диққат нашав, мӯзаҳоятро набурдаанд,-тасаллоомез гуфт Усмон. - Танҳо бераҳмона… Эҳ, хайр, рӯзи ҷазову пурсише ҳаст, Худо ҳақ аст, мебинад. Хез, хез, меравем, оҳиста, оҳиста… Мард бош, ҷӯра…

… Мо қарибиҳои намози аср баргаштем ба деҳа. Усмон ҳамроҳӣ мекард маро. Дар хона бошад… ҳарчанд ки сир бой надодам, ҳамсарам чизеро пайхас кардагӣ барин пурсид:

- Туро заданд? Кӣ зад? Росташро бигӯ, отаи Сипеҳр?

Ман танҳо ба мӯзаҳои даруни халта ишора кардам:

- Айби ҳамин мӯзаҳо. Яктааш размери 42 будааст дигараш 41.

***

Шояд шумо бипурсед, ки тақдири минбаъдаи мӯзаҳо чӣ шуд? Ман аз хонаи Шери ронанда, ки осиёб сохта буду гандуму ҷуворимаккаи мардумро орд мекард, ба нася орд меовардам ба хона. Чанд моҳ баъд ӯ ба хона омад. Гуфт, ки ҳаққи ордҳои овардаатро намедиҳӣ?

Посухаш додам, ки аз мактаб то ҳол маош надодаанд, чӣ тавр пули ордатро ҳисобӣ кунам? Ранҷид, ғазаб кард.

- Медонӣ,-фаҳмондам ба ӯ,-агар хоҳӣ, ба ивази ордат ба ту мӯза бидиҳам?

- Ку биёр, бубинем, чӣ ранганд мӯзаҳоят?-бо оҳанги нарму мулоим гуфт Шер.

Ва мӯзаҳоро ба даст гирифта, хеле амиқ ба онҳо назар дӯхту ниҳоят овоз бароварда:

- Хайр, майлаш, мегирам мӯзаҳоро. Ба хотири он ки бачаҳои маро сабақ медиҳӣ. Бовар кун…

Ман хиҷолат кашида, ба Шер рӯ овардам:

- Медонӣ, ошно, мӯзаҳо як айб доранд.

- Айб? Чӣ хел айб? Сӯрох доранд магар?

- Не, танҳо размери якеаш 42 асту дигараш 41. Ана, ҳамин хел, ошно.

- Хайр, ку чен кунам ба поям,-гуфт Шер ва калӯшҳояшро бароварда, мӯзаҳоро як-як ба по кашид.

Дуруст ҷо гирифтанд ба пойҳояш. Ва Шер мӯзаҳоро аз по бароварда, дар халта андохт.

- Мешавад, муаллим. Ман аз ин мӯзаҳо «сапожка» медӯзонам. Оличаноб мешавад. Танҳо шумо парво накунеду зиқ нашавед. Ин рӯзҳо ҳам мегузаранд… ҳаа…

Ва ба китфам тап-тап зада, афзуд:

- Пагоҳ ба хона биё, муаллим, даҳ кило ордро ройгон медиҳам.

Ва рафт, дар халта мӯзаҳои булаҷаби ман.

Ману ҳамсарам аз чунин барор гирифтани кор, аз қавле, «бахти бузургу тасаввурнопазир» ба чашми ҳамдигар нигариста, табассуме чеҳраамонро фаро гирифт.


Дар он лаҳза намедонистам, ки аз дили ҳамсарам чӣ мегузарад.

Ман, то ки ғаму ҳасрат тӯфоне андарунам барангехта, ҳисори қалбамро аз ҳам фурӯ нарезад, хандидам. Баланд-баланд хандидам, ба ҳадде ки аз чашмонам сиришки талх равон гардид…

Шодӣ РАҶАБЗОД,
«Омузгор»

ЧАШМАНДОЗ

МАОРИФИ ҶАҲОН



Юнон

Дар низоми маорифи Юнон солҳои охир диққати асосӣ ба рушди таҳсилоти олӣ равона шудааст. Ҳукумат барои рақобатпазирии бештари донишгоҳҳо як қатор ислоҳот пешниҳод намудааст, ки ба ҷалби донишҷӯёни хориҷӣ мусоидат кардааст.

Бояд қайд кард, ки имрӯзҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Юнон зиёда аз 200 барномаи байналмилалӣ бо забони англисӣ амал мекунанд.

Коста-Рика

Коста-Рика дар ҷаҳон бо сиёсати экологии худ машҳур аст ва ин равиш ба маориф низ таъсир расонидааст. Дар бисёр мактабҳо масъалаҳои табиат ва рушди устувор ба барномаи таълимӣ дохил шудаанд. Сатҳи саводнокӣ дар кишвар баланд арзёбӣ мешавад. Ҳукумати кишвар барои дастрасии баробар ба таҳсил маблағгузории зиёд менамояд. Солҳои охир рақамикунонии соҳаи маориф вусъат ёфта, дар мактабҳо тадриҷан истифодаи технологияҳои навин васеъ истифода мешавад.

Панама

Панама ҳамчун кишвари дорои мавқеи муҳимми иқтисодӣ кӯшиш мекунад низоми маорифро ба талаботи бозори меҳнат мутобиқ созад. Дар муассисаҳои таълимӣ таваҷҷуҳ ба омӯзиши фанҳои техникӣ бештар шудааст. Дар баъзе минтақаҳо дастрасӣ ба таҳсил ҳанӯз масъалаи ҳалталаб боқӣ мондааст. Инчунин, омӯзиши забони англисӣ низ густариш ёфта, технологияи раванди таълим ба таври фарогир роҳандозӣ гардидааст.

Нидерландия

Нидерландия яке аз кишварҳоест, ки дар он хонандагон нисбатан барвақт самти таҳсили худро интихоб мекунанд. Баъди таҳсилоти ибтидоӣ роҳҳои гуногуни омӯзиш пешниҳод мешаванд.

Дар ин кишвар таҳсилоти касбӣ хеле рушд кардааст. Дар донишгоҳҳо шумораи зиёди донишҷӯёни хориҷӣ таҳсил мекунад.

Боливия

Таҳсилоти томактабӣ дар Боливия қисми муҳимми низоми маориф ба ҳисоб меравад. Таҳсилоти томактабӣ одатан кӯдакони то 5-соларо фаро мегирад. Дар ин марҳала ба рушди зеҳнӣ, ҷисмонӣ ва иҷтимоии кӯдак аҳаммияти махсус дода мешавад. Омӯзиш бештар дар шакли бозӣ ба роҳ монда мешавад. Кӯдакон малакаҳои ибтидоии муошират, фикрронӣ ва мустақилиятро аз худ мекунанд.

Таҳияи Ирода ТИЛАБОВА,
«Омӯзгор»

Рушди ҳамкории дуҷонибаи Тоҷикистону Арабистони Саудӣ дар соҳаи сайёҳӣ баррасӣ шуд.

Ин ваҳдати ҳумоюн моро тулуи бахт аст,
Зеро ки худ ҳузураш будаст ҷавшани ман.
Камол Насрулло

АНҶОМ

ТОЗАНАШР

Дастури муфид барои тарбияи насли наврас

Бо шарофати Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маориф ҳамчун яке аз рукнҳои асосии давлатдорӣ мақоми хоссаро соҳиб гардид ва мардуми тоҷик бори дигар ба асолати хеш наздик шуд. Аз ин лиҳоз, тарбияи насли наврас, ҳамзамон, бо таълим ва фарогирии илмҳои муосир ба муҳимтарин ҷанбаи фаъолияти муассисаҳои таълимӣ мубаддал шудааст.



Тарбияи зеҳнӣ ба ташаккули қобилиятҳои зеҳнӣ, таҳлилӣ, мантиқӣ ва эҷодии инсон равона шуда, барои баланд намудани сатҳи мутолиа, хотира, диққат, инкишофи тафаккур, қобилияти арзёбии маълумот ва қабули қарорҳои асоснок мусоидат менамояд. Ҳадафи меҳварии тарбияи зеҳнӣ ташаккули шахсияти таҳлилгар, мустақил ва эҷодкори дорои қобилияти дарк ва баҳодиҳӣ, ҳамчунин, тафаккури интиқодӣ мебошад.

Тарбияи ватандӯстӣ ба ташаккули муҳаббат ва садоқат ба Ватан, ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва омодагӣ ба адои қарзи шаҳрвандӣ равона гардида, рушди ҳувияти миллӣ ва ҳамбастагии ҷомеа мусоидат менамояд. Ватандӯстӣ омӯзиши таърих, фарҳанги миллӣ, иштироки фаъолона дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва саҳмгузорӣ дар рушди давлат мебошад. Мақсад аз тарбияи ватандӯстии хонандагон ташаккули ҳувияти миллӣ, эҳсоси мансубият ба ҷомеа ва баланд бардоштани масъулияти шаҳрвандон дар ҳифзи арзишҳои миллӣ мебошад. Ҳамчунин, тарбияи ватандӯстӣ ба ташаккули худшиносии миллӣ, муносибати шоиста ба инсон, ҷомеа ва давлат равона гардида, ҳифз ва рушди арзишҳои миллӣ, таърихӣ ва фарҳангиро таъмин менамояд.

Тарбияи андешаи миллӣ ба ташаккули шуури миллӣ, ҳуввияти фарҳангӣ ва эҳсоси мансубияти шаҳрвандон ба ҷомеа нигаронида шуда, ба омӯзиши арзишҳои таърихӣ, анъанаҳои миллӣ, забон, адабиёт ва мероси фарҳангӣ мусоидат менамояд. Тарбияи дуруст ба ҳар шахс имкон медиҳад, ки арзишҳои фарҳангии миллатро ҳифз намуда, онҳоро бо вокеият мутобиқ созад. Ин раванд барои ташаккули насли худогоҳ ва ватандӯст шароит фароҳам меорад. Вазифаҳои тарбияи андешаи миллӣ ба ҳифз ва густариши арзишҳои миллӣ нигаронида шуда, омӯзиш ва интиқоли анъанаҳои миллӣ, таърихи давлатдорӣ ва мероси фарҳангиро фаро мегиранд.

Тарбияи маънавию ахлоқӣ бошад, ба ташаккули хислатҳои волои инсонӣ, ахлоқи ҳамида ва ҷаҳонбинии маънавӣ иртиботманд аст. Инсон арзишҳои умумибашарӣ ва миллӣ, аз ҷумла, адолат, ҷавонмардӣ, саховатмандӣ, эҳсонкорӣ, муҳаббат ба дигарон ва эҳсоси масъулиятро дар худ ташаккул дода, онҳоро дар ҳаёти шахсӣ ва ҷамъиятӣ татбиқ менамояд.

Ба ин маънӣ, китоби З. Карамхудоев «Мавзуъҳои соати тарбиявӣ» (дастури ёрирасон барои роҳбарони синф, Душанбе, 2026. – 148 с.) барои тарбияи худшиносии миллӣ ва ватандӯстиву арҷгузорӣ ба шахсиятҳои таърихӣ мусоидат мекунад.

Дастури мазкур фарогири 37 мавзуи марбут ба тарбияи ахлоқӣ, фарҳангӣ ва арҷгузорӣ ба хидматҳои фарзандони фарзонаи миллат, шинохти арзишҳои миллӣ ва давлатӣ мебошад. Он барои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва донишҷӯёни муассисаҳои таълимӣ муфид аст.

Таълифи дастури ёрирасон барои роҳбарони синф бо номи «Мавзуъҳои соати тарбиявӣ» иқдоми шоиста ва қобили таҳсин аст, зеро тарбия омили асосии ҳамаи муваффақияҳо мебошад.

Дар воқеъ, имрӯз зарурати тарбияи насли наврас аз лиҳози худшиносӣ огоҳ ва омода барои ҳифзи Ватану арзишҳои миллӣ ва давлатӣ тақозои равандҳои зудтағйирёбандаи ҷаҳони муосир ба ҳисоб меравад.

Ф. МИРЗОЁРОВ,
дотсенти кафедраи забони адабии муосири тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон , номзади илмҳои филологӣ

НАВИД

1744 нафар довталаб ба даври сеюм роҳхат гирифтанд

1744 нафар довталаб аз шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ба даври сеюми Озмуни ҷумҳуриявии «Шоҳномахонӣ» роҳхат гирифтанд.

Дар даври дуюми озмун 68 ҳазору 360 нафар довталаб аз ҳамаи шаҳру ноҳияҳои мамлакат иштирок намуда, 169 нафар аз Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, 629 нафар аз вилояти Хатлон, 469 нафар аз вилояти Суғд, 137 нафар аз шаҳри Душанбе ва 340 нафар довталаб аз ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ роҳхат гирифтанд.

Озмун аз рӯйи шаш гурӯҳ ва як номинатсия доир гардида, дар он хонандагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфҳои 1-4), хонандагони синфҳои 5-8 ва 9-11, донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, омӯзгорони ҳама зинаҳои таҳсил, ходимони илмию адабӣ ва эҷодӣ, кормандони соҳаҳои фарҳангу санъат, аспирантон, унвонҷӯён, номзадони илм ва докторантҳо, инчунин, калонсолон ва намояндагони касбу кори гуногун иштирок менамоянд.

Озмуни ҷумҳуриявии «Шоҳномахонӣ» бо мақсади арҷгузорӣ ба хизматҳои шоири классики тоҷик Абулқосим Фирдавсӣ ва омӯзиши осору таърихи пургановату пурифтихори миллати тоҷик, омӯзиши амику ҳамаҷонибаи корномаҳои шоистаи ниёгони миллат дар дарозои таърих, тақвияти ҳисси худогоҳӣ ва худшиносии миллӣ, ифтихори ватандӯстӣ, таҳкими ҳофизаи аҳолӣ ва ба ин васила, шинохти нақши халқи куҳанбунёду фарҳангсолори тоҷик дар рушди тамаддуни инсоният, ки бо далелҳои раднопазир ва бо такя ба сарчашмаҳои илмию таърихӣ дар китоби «Шоҳнома»-и безаволи Абулқосим Фирдавсӣ инъикос ёфтааст, доир мегардад.

Беш аз 5 ҳазор нафар довталаб дар даври сеюми озмун

5093 нафар довталаб ба даври сеюми Озмуни ҷумҳуриявии «Илм – фурӯғи маърифат» роҳхат гирифтанд.


Дар озмун 59 ҳазору 889 нафар довталаб, аз ҷумла, 44 ҳазору 378 хонандаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва ибтидоии касбӣ, 9 ҳазор нафар хонандаи муассисаҳои таълимии типи нав, 5520 нафар донишҷӯ, 991 нафар омӯзгор, ходими илмӣ, аспиранту докторант, докторант аз рӯйи ихтисос, докторанти ҳабилитат ва унвонҷӯ, муҳандис, конструктор ва намояндаи касбу кори гуногун дар даври дуюми Озмуни ҷумҳуриявии «Илм – фурӯғи маърифат» иштирок намуданд.

Ҷавоби муаммои «ОМОР» («Омӯзгор», №24, 18.06.2026)

Аз боло ба поён:
1. Сир. 2. Сабу. 3. Моҳӣ. 4. Нарх. 5. Олӣ. 6. Рӯзӣ. 8. Омор. 12. Насим. 13. Модар. 15. Аслам. 16. Илмат. 20. Усто. 22. Имон. 23. Тарс. 24. Обон. 25. Эрон. 27. Оҳо. 29. Нам.

Аз чап ба рост:
6. Рига. 7. Асло. 9. Дур. 10. Баҳор. 11. Имо. 12. Нимо. 14. Марӣ. 17. Садо. 18. Олим. 19. Мурч. 21. АМИТ. 26. Ато. 28. Акбар. 29. Ном. 30. Оҳар. 31. Оҳан. 32. Синон.

САЙҚАЛИ ЗЕҲН



МУАММОИ «ОСОИШ»

Аз чап ба рост:

1. Навъи гӯштин. 3. Як навъи ҳаракат ҳангоми амалиётҳои ҳарбӣ. 5. Котиб, хушнавис. 7. Рӯшноии офтоб, шамъ, ҳарорат. 8. *** Ҳаким, Шоири халқии Тоҷикистон. 9. «Сару ***и Сомонӣ сар омад» (М.Қаноат). 11. Мошини сабукрави тамғаи хориҷӣ. 13. Дарё дар Осиёи Миёна. 14. Наҳанг бо русӣ. 16. Ифодакунандаи мартабаи мансабдор. 17. Навъи ҳайвони ҷуфтсум. 18. Каломи пеш аз вохӯрӣ. 20. Рамзи давлатӣ. 22. Тамъ. 23. Номи собиқи шаҳр дар Тоҷикистон. 24. Муродифи вожаи «Ватан».

Аз боло ба поён:

1. Муродифи вожаи «расм». 2. Амну амонӣ, тинҷӣ, оромӣ. 3. Навъи мори заҳрнок. 4. Ҳаммаънои вожаи «миён». 5. Тарозуро гӯянд. 6. «***ро набувад он ҳама рафъат, ки варост» (Лоиқ). 9. Мутахассиси минаков бо забони русӣ. 10. Пӯсти як навъ муши обӣ, вашақ, ки аз он кӯлоҳи зимистона медӯзанд. 11. Дарё дар Аврупо. 12. Ҳаммаънои «сарбоз». 14. «Саломон ва ***», достони Абдураҳмони Ҷомӣ. 15. Унсури кимиёвӣ. 18. «*** омад, баро, ситораи ман» (М. Турсунзода). 19. Қабристонро гӯянд. 20. *** Қосим, Шоири халқии Тоҷикистон. 21. «Фурӯ рафтан ба оташдон ***сор, Ба пилки дида оташпора чидан» (Ҷомӣ).

Муратгиб
Ҳотам ҲОМИДЗОДА,
«Омӯзгор»

ҲАФТАНОМА АЗ 28-УМИН ШОҲИ СОЛИ 1992 НАШР МЕШАВАД

ОМӮЗГОР

НАШРИЯИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН www.omuzgor-gazeta.tj

МУАССИС
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР
Эҳсон САФАРЗОДА
225-81-55

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ
Раҳим САИДЗОДА
Анвар САФАРЗОДА
Ҳомид ҲОШИМЗОДА
Равшан КАРИМЗОДА
Бадриддин МУЗАФФАРЗОДА
Қобилчон ХУШВАХТЗОДА

«Омӯзгор» таҳти рақами 271/рз-97, аз 27.09.2021 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис шуда, таҳти рақами 0110005977 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст. Нашрия ба хотири чандандешӣ маводе низ ба табъ мерасонад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамфикр набошад ва барои онҳо масъулиятро ба уҳда нагирад.

Навиштаҳо ва суратҳои ба идораи ҳафтанома воридгашта баргардонида намешаванд. Идораи ҳафтанома навиштаҳоро дар ҳаҷми на бештар аз 4 саҳифаи компютерии андозаи 14 (фосилаи 1,5)-и ҳарфи Times New Roman Tj қабул менамояд.

ҲАЙАТИ ЭҶОДӢ
Насриддин ОХУНЗОДА (ҷонишини сармуҳаррир)
Шодӣ РАҶАБЗОД
Ҳотам ҲОМИДЗОДА 225-81-57
Шаҳноза БОБОМУРОДОВА (муҳаррирон)

МУХБИРОН
Ирода ТИЛАБОВА (шаҳри Душанбе)
Ҷангибеки УЛФАТШОҲ (ВМКБ)
Сухроб АЗИЗӢ
Худододи ИСЛОМ (вилояти Хатлон)
Нуъмон РАҶАБЗОДА (вилояти Суғд)

Саодат ЭРГАШЕВА 225-81-61 (масъули обуна)
Зарнисор НИЗОМОВА (ҳуруфчин)

Ҳафтанома дар матбааи нашриёти комплексии «Шарқи озод» ба табъ расид.
Индекси обуна: 68850.
Адади нашр: 46150 нусха

Почтаи электронӣ: n.omuzgor@maorif.tj
Сомонаи ҳафтанома: www.omuzgor-gazeta.tj

QR - коди сомонаи расмии нашрияи «Омӯзгор»

Навбатдори шумора И. Тилабова